# Чаро ба Исо пайравӣ мебояд намуд?

Стивен Масъуд



Китоб ба масъалаои муиме рӯшанӣ андохта, ба мо кӣ будани Исо ва чаро ба ӯ этиёҷ доштанамонро мефамонад. Дар ин китоб қонунои анъанавии ислом ва таълимоти Масеон муқоиса шуда, исбот карда мешавад, ки далелои раднопазире вуҷуд доранд, то ин ки Инҷил омӯхта шавад ва ба он бовар намоянд.

Ин китоб барои фамидани таълимоти масеон ба мусулмононе, ки мехоанд ақиқатро пайдо кунанд, ёрдам мекунад.

---

**Стивен Масъуд** дар Покистон, Шарқи Наздик ва Британияи Кабир зиндагӣ намуда, дар ин мамлакато чун нависанда ва ширингуфтор маъруф аст. Тарҷумаи оли вай бо унвони *Нур дар ҷустуҷӯи рушноӣ* ба забонои инглисӣ, олмонӣ, финӣ, суидӣ ва русӣ тарҷума ва чоп шудааст.

Originally published in English as
*Why Follow Jesus?* by Steven Masood.
© 1997 Steven Masood and Word of Life.

© 2000 for the Tajik edition.
Translated by permission.
All rights reserved.

# ПЕШГУФТОР

Ҳам ислом ва ҳам масеҳият эътиқоди онро доранд, ки Худованд пайғамбарон ва ҳавворихои (мубаллиғон) худро супориш дода фиристод, то онҳо инсониятро ба роҳи рост ҳидоят намоянд. Ба чунин шахсон Худованд ваҳйи худро медод. Ваҳйҳои Худованд ба мо дар шакли калимоти табъ шуда омада расидаанд.

Ҳам мусулмонон ва ҳам масеҳиён бо номҳое мисли Одам, Иброҳим, Исҳоқ, Яъкуб, Мӯсо, Довуд, Сулаймон ва Исо ошно мебошанд. Ҳамчунин Ислом ва Масеҳият эътиқодро ба Исо ва ваҳйю рӯҳи Худованд мефаҳмонад; вале дар айни замон Масеҳият қадаме начандон калон, аммо моҳиятан муҳимеро пеш мегузорад. Масеҳият Исоро чун наҷотдиҳандаи инсоният шинос мекунад, ки Худовандаш фиристодааст.

Дар замони мо одамон беш аз беш пурсидани саволҳо, аз ҷумла, саволҳоеро, ки ба дини Масеҳӣ вобастагӣ дорад, дӯст медоранд. Мебояд мо ошкоро бигӯем, ки касе ба он шубҳа надорад ва аксари мусулмононро низ ба он мебояд дохил намуд, ки имрӯз касе вақт ва мадоре надорад, ки чунин китобҳои бузургро омӯзад. Бо ҳамин сабаб дар саҳифаҳои ин китоб мо кӯшиш намудаем, ки дар шакли басо рехта ба саволи „Исо кист ва чаро мо пайрави Ӯ шавем?“ ҷавоб диҳем.

Ба ин савол ҷавоб дода, мо хостем то ҳадди имкон ба ҳақиқате наздик бошем, ки ин ҷавоб ба мардуме, ки инглисӣ забони модарии онҳо нест, фаҳмо бошад. Муаллиф ва нашркунанда бо эҳтироми амиқе ба пайғамбарон ва ҳавворихо муносибат мекунад, дар сурате ки истифодаи унвонҳои лоиқ пеш аз ифодаи ҳар номи бузурге аз имкон берун аст.

# 1
# КИТОБ

Барои мусулмонон волоияти бузургтаринро Қуръон ва ҳадисҳо соҳиб мебошанд. Барои Масеҳиён чунин эътиборро Библия (Китоби Муқаддас) соҳиб аст, ки ҷамъи умумии ақоиди дини Масеҳӣ мебошад. Ин ҷамъи китоб ё китобхона аст. Калимаи „Библия“ аз ифодаи юнонии „*biblia*“, яъне „китоб“ гирифта шудааст.

Шасту шаш китобе, ки Китоби Муқаддасро (Библия) ташкил мекунанд, дар муддати якуним ҳазор сол ба се забон навишта шудаанд. Мардони Худое, ки ин китобҳоро навиштанд, ба гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият таааллуқ доштанд. Миёни онҳо пайғамбарон, подшоҳон, чӯпонҳо, моҳидорон, олимон, сарбозҳо, хизматчиён, табибон ва вазифадорон буданд. Гарчанде ин одамон мавқеъҳои гуногуни ҷамъиятиро соҳиб буда, дар давраҳои гуногун зиндагӣ мекарданд, онҳо аз тарафи Худованд барои як мақсад — эълон намудани сухани Вай даъват шуда буданд.

Ба ғайр аз Китоби Муқаддас китобҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки аз ҳақиқат лабрезанд, вале Китоби Муқаддас дар худ чизи тамоман дигар аст. Вай на танҳо ба мо таълим медиҳад, ки Худои муқаддас вуҷуд дорад, ки моро офарид ва дӯст медорад, балки онро низ мегӯяд, ки мо бо гунаҳкории худ воситаи алоқаро бо Ӯ гум кардем. Вай роҳи ба Ӯ расиданро ба мо меомӯзад ва ҳамеша эҳсос кардани Ӯро таълим медиҳад.

## МАЗМУНИ КИТОБИ МУҚАДДАС

Китоби Муқаддас ба ду қисм тақсим мешавад: Таврот ва Инҷил. Онҳо ба ду қарордоди бузургтарин „васиятҳое“ бахшида шудаанд, ки Худованд аввал бо халқи Исроил ба воситаи Мӯсо ва сонӣ бо тамоми одамон ба воситаи Исо баста буд.

## ТАВРОТ

Таврот таърихи муносибати миёни Худованд ва халқи Исроилро, ки бо воситаи Мӯсо баста шудааст, дар бар мегирад. Китоби ибтидоӣ аз хусуси офариниши олам, тӯфони

Нӯҳ, дар бораи даъвати Иброҳим ва дар бораи он, ки чӣ гуна аз авлодони Иброҳим халқи Исроил пайдо шуд, қисса мекунад. Минбаъд замоне васф карда мешавад, ки сеҳри халос шудани халқи Исроил аз ғуломии мисриён ва барқароршавии қонуне, ки Худованд ба воситаи Мӯсо дода буд, баён мегардад. Таврот инчунин ба мо аз пайдоиш ва нобуд шудани ин халқ, аз итоати Худованд саркашӣ кардани вай, дар бораи тадбирҳои пайғамбарона ва некию бадие, ки Худованд ба сари Исроил овард, нақл мекунад. Илова бар ин дар Таврот як қатор мӯъҷизаҳои пайғамбаронаеро меёбем, ки нузули (фуруд омадани) Масеҳро дар бар гирифта, шартномаи нав миёни Худованд ва одамонро дар бар мегирад.

## ИНҶИЛ

Инҷил баёни таърихи ин мӯъҷизаҳои пайғамбарона мебошад. Дар Инҷил шартномаи нави миёни Худованд ва одамон ба воситаи Исо, ки мусулмонон бо ӯ аз Қуръон ошно буда, ӯро чун ал-Масиҳ ё Исо ибни Марям мешиносанд, ба мадди назар гузошта мешавад. Диққати муаллифони Инҷил ба муқаддасии Худованд ва нияти ба воситаи Исои Масеҳ бо одамон алоқа барқарор намуда, ба мо халосӣ бахшидани Ӯ нигаронида шудааст. Инҷил наҷотдиҳандаи моро ба мо шинос мекунад. Бобҳои аъмоли ҳаввориёни муқаддас паҳншавии Инҷил, Башорати неки наҷотёбиро тасвир мекунад. Номаҳо пурра моро бо баракате, ки мо ба воситаи Наҷотдиҳандаи худ мегирем, шинос менамоянд. Ваҳй авҷи баланди наҷоти моро пайғамбарона тасвир мекунад.

Вале ягон касе гуфта метавонад: „Ин ҳама кай навишта шуда аст? Китоби Муқаддас ба мо чӣ гуна омада расидааст? (Магар ҳамаи матнҳои вай нусхаи аслӣ мебошанд?) Оё мо метавонем бовар намоем, ки ягон чиз гум нашудааст, ё изофа нашудааст?“ Дар бобҳои оянда мо кӯшиш мекунем, ки ба ин ва дигар саволҳо дар ҳудуди далелҳои имконпазири худ ҷавоб диҳем.

## ҶОЙГИРШАВИИ КИТОБҲО ДАР КИТОБИ МУҚАДДАС

Ҷойгиршавии китобҳо дар Китоби Муқаддас ба он пайдарҳамие мувофиқат намекунад, ки онҳо навишта шудаанд, гарчанде китоби аввал, Ҳастӣ, дар бораи даврони ибтидоӣ ва китоби охирин, Ваҳй, дар бораи охири давраҳо қисса мекунад. Китобҳо ба таври мувофиқати типии адабӣ ё

услубе, ки онҳо дохиланд, ҷо ба ҷо шудаанд. Панҷ китоби аввалини Таврот ҳамчун „Китоби қонунҳо“, китобҳое аз Еҳушаъ ибни Нун то Эстер чун „китобҳои таърихӣ“, ва аз китоби Айюб то китоби Суруди сурудҳои Сулаймон, мисли „китоби оқилона“ аз Китоби Ишаъёи Набӣ то Китоби Малокии Набӣ чун „китобҳои пайғамбарона“ машҳуранд. Дар Аҳди Ҷадид чор китоби аввал ҳаётномаи Исо мебошанд; Корномаи ҳавворихои муқаддас — назари таърихӣ ба калисои аҳди қадим мебошад; минбаъд мактубот аз пайғоми Яъқуб то пайғом ба Ибриён, ва дар охир Ваҳй ба забоне навишта шудааст, ки ҳамчун „апокрифӣ“ машҳур аст.

Рӯйхати сиву нӯҳ китоби Аҳди Қадим ва бисту ҳафт китоби Аҳди Ҷадидро шумо дар мундариҷоти ҳар як Китоби Муқаддас дучор мешавед.

## НОМГӮЙ ВА ТАРТИБИ КИТОБҲОИ КИТОБИ МУҚАДДАС

### *КИТОБИ АҲДИ ҚАДИМ:*

Китоби якуми Мӯсо. Ҳастӣ
Китоби дуввуми Мӯсо. Хуруҷ
Китоби севвуми Мӯсо. Ибодат
Китоби чоруми Мӯсо. Ададҳо
Китоби панҷуми Мӯсо. Такрори шариат
Китоби Еҳушаъ Ибни Нун
Китоби Доварони Исроил
Китоби Рут
Китоби якуми Подшоҳон
Китоби дуввуми Подшоҳон
Китоби севвуми Подшоҳон
Китоби чоруми Подшоҳон
Китоби якуми Вақоеънома
Китоби дуввуми Вақоеънома
Китоби Эзро
Китоби Наҳемьё
Китоби Эстер
Китоби Айюб
Забур
Китоби Масалҳои Сулаймон
Китоби Воиз
Китоби Суруди сурудҳои Сулаймон
Китоби Ишаъёи Набӣ
Китоби Ирмиёи Набӣ

Китоби Навҳаҳои Ирмиё
Китоби Ҳизқиёли Набӣ
Китоби Дониёли Набӣ
Китоби Ҳушаи Набӣ
Китоби Юили Набӣ
Китоби Омӯси Набӣ
Китоби Убадьёи Набӣ
Китоби Юнуси Набӣ
Китоби Микои Набӣ
Китоби Наҳуми Набӣ
Китоби Ҳабаққуқи Набӣ
Китоби Сафаньёи Набӣ
Китоби Ҳаҷҷаи Набӣ
Китоби Закарьёи Набӣ
Китоби Малокии Набӣ

## ***КИТОБИ АҲДИ ҶАДИД:***

Инҷили Матто
Инҷили Марқӯс
Инҷили Луқо
Инҷили Юҳанно
Аъмоли Ҳаввориён
Номаи Яъқуб
Номаи якуми Петрус
Номаи дуввуми Петрус
Номаи якуми Юҳанно
Номаи дуввуми Юҳанно
Номаи севвуми Юҳанно
Номаи Яҳудо
Нома ба Румиён
Номаи якуми Павлус ба Қӯринтиён
Номаи дуввуми Павлус ба Қӯринтиён
Номаи Павлус ба Ғалотиён
Номаи Павлус ба Эфсӯсиён
Номаи Павлус ба Филиппиён
Номаи Павлус ба Қӯлассиён
Номаи якуми Павлус ба Таслӯникиён
Номаи дуввуми Павлус ба Таслӯкиён
Номаи якуми Павлус ба Тимотиюс
Номаи дуввуми Павлус ба Тимотиюс
Номаи Павлус ба Титус
Номаи Павлус ба Филемӯн
Нома ба Ибриён
Ваҳйи Юҳанно

# 2

# КИТОБИ МУҚАДДАС ВА ҚУРЪОН

Аҷиб он аст, ки Қуръон ҳам Китоби Муқаддасро каломи Худованд ҳисоб мекунад. Маҳз Худованд ба мо навиштаҷотро ошкор кард. Барои ифодаи баёзи навиштаҷоти Муқаддас дар Қуръон истилоҳи „ал-китоб“, барои яҳудиёну масеҳиён ибораи „аҳл-ул-китоб“ — „одамони китоб“ истифода шудааст. Барои ифодаи қисмҳои Китоби Муқаддас унвонҳои зерин истифода мешаванд:

1. *Таврот* — панҷ китоби аввали Китоби Муқаддас
2. *Забур*
3. *Саҳоифи анбиё* (Китобҳои пайғамбарон)
4. *Инҷил* — Китоби Муқаддас, Аҳди Ҷадид.

Ҳам дар ислом ва ҳам дар истилоҳи масеҳия калимаи „Таврот“ ҳамчун ваҳйе истифода мешавад, ки ба Мӯсо дода шудааст. Вале ин калима ҳамчунин барои ифодаи тамоми маҷмӯи навиштаҷоти ибрӣ, ки миёни масеҳиён чун Аҳди Қадим маъруф аст, истифода мешавад. Ҳамин тавр калимаи „Инҷил“ ҳам аксаран ҳангоми иқтибос аз қисмати Навиштаҷоти Муқаддас, ки масеҳиён Аҳди Ҷадид меноманд, истифода мешавад.

Қуръон таъкид мекунад, ки Таврот, Забур, Саҳоиф ва Инҷил — инҳо каломи Худованд, сухани Вай, нури Вай, мисли ҳамин „Фурқон“ ҳам мебошанд. Бо ифодаи дигар ин китоб асоси доварии Худовандро бар одамон ташкил мекунад.[1]

Қуръон имконияти ҳаматарафаи Таврот, Инҷилро тасдиқ мекунад, бо далел тасдиқ мекунад, ки онҳо роҳнамо барои ҳар одам мебошанд, „Мӯъҷизоти айнияти одамон…роҳбари роҳ ва шафқат“[2] — анд.

## ИНҶИЛ ҲАМЧУН МЕЪЁР

Ба масеҳиён тавсия мешавад, ки муҳокимаҳои худро дар асоси Инҷил натиҷагирӣ кунанд: „Ва бигузор доварӣ кунанд соҳибони Инҷил, ки Оллоҳтаъоло ба онҳо фиристодааст. Ва ҳар касоне, ки ба фиристодаи Оллоҳ такя накарда доварӣ мекунанд, гумроҳшудагонанд“.[3]

Агар Қуръон заррае ба ҳақиқати Инҷил шубҳа медошт, магар талаб мекард, ки масеҳиён дар муҳокимаи худ ба вай такя кунанд?

## СУХАНИ ХУДОВАНД ДАР ҲЕҶ СУРАТ ДИГАР НАМЕШАВАД

Қуръон тасдиқ мекунад, ки ҳеҷ кас наметавонад сухани Худовандро тағйир диҳад: „Бо салоҳдиди Оллоҳтаъоло, ки пеш аз ин ифода шуд: ва ту ҳеҷ гоҳ дар қарори Худованд тағйиротро намеёбӣ“.[4] Хеле пеш аз нузули Қуръон ҳамин маъниро Китоби Муқаддас баён карда буд: „Алафҳо хушк мешаванд, гулҳо пажмурда мегарданд, вале каломи Худованд абадӣ аст“.[5]

## ҚУРЪОН ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ЧИЗЕ НАМЕГӮЯД

Дар Қуръон боре ҳам ишорае нест, ки Китоби Муқаддас тағйир ё маънояш вайрон карда шудааст. Калимаи „таҳриф“, яъне вайрон кардани маъно дар ягон ҷо доир ба Китоби Муқаддас истифода намешавад. Дар баъзе ифодаҳо Қуръон яҳудиёнро барои пинҳон кардани ҳақиқат гунаҳкор мекунад, вале ин гуноҳ боре ҳам ба муқобили масеҳиён нигаронида нашудааст. Қуръон дар ягон маънӣ дар назар надорад, ки матни Китоби Муқаддас вайрон карда шудааст.

## ТО АҲДИ МУҲАММАД

Баъзеҳо изҳор мекунанд, ки Инҷил ва Таврот то барқароршавии ислом ба таҳрифот дучор шудааст. Агар чунин бошад, чаро дар ин сурат Қуръон тасдиқ мекунад, ки ғояҳои ислом ин ифодаи умумии навиштаҷоти муқаддаси пеш (қабл) мебошанд? Мувофиқи Қуръон, ки тахминан шаш садсол баъд аз китобати Инҷил нозил шудааст, дар аҳди Муҳаммад, Таврот ва Инҷил дар нашри нахустини худ вуҷуд дошт. Агар Инҷил нусхаи аслро намедошт ва мутлақияти томи худро дар замони Муҳаммад намебуд, Қуръон ба масеҳиён таълим намедод, ки муҳокимаҳои худро дар асоси он чӣ Худованд дар Инҷил фармудааст, баён намоянд.

## БАЪД АЗ АҲДИ МУҲАММАД

Дигарон боварӣ доранд, ки Таврот ва Инҷил замоне ба тағйирот дучор шуд, ки Муҳаммад ба тарғиб ибтидо кард. Вале ин шаккокӣ аст ба яке аз мақсадҳои Қуръон — яъне

ҳимояи китоби пешини илҳоми илоҳист.[6] Яъне касе тарафдори он аст, ки матни Таврот ва Инҷил дар ин давра ба таҳрифот дучор шудаанд, бо ин Қуръонро гунаҳкор мекунад, ки аз ӯҳдаи ҳимоя набаромадааст.

Агар навиштаҷоти то исломӣ дучори тағйирот шуда бошанд, Қуръон ба мусулмонон наметавонист таълим диҳад: Гӯед: „Мо ба Оллоҳ эътиқодмандем ва ба он чӣ барои мо нозил шудааст, ва он чӣ ба Иброҳим, Исмоил, Исхоқ, Яъқубу пасояндагон ва он чӣ ба Мӯсо ва Исо ва ҳар чӣ аз Худованд ба пайғамбаронаш бахшида шудааст. Мо миёни ҳеҷ кас аз онҳо ҷудоӣ намеандозем ва ба Ӯ эътиқодмандем“.[7]

## САНАДҲОИ ШАҲОДАТӢ

Имрӯз ҳам дастнависҳои зиёди нусхаҳои гуногуни Китоби Муқаддас дастраси мо ҳаст, ки садсолаҳо қабл аз замони зиндагии Муҳаммад навишта шудааст. Мисол, лӯлакитобҳои Баҳри Мурда, ки то соли 68 солшумории мо навишта шудаанд, ҳама китобҳои Аҳди Қадимро ба ҷуз китоби Эстер[8] дар бар мегиранд. Яке аз қадимтарин дастнависҳои юнонии пурраи Аҳди Ҷадид, ки дастраси омӯзиш аст, маҷмӯи Қонунҳои Искандарӣ ва Қонунҳои Синавӣ мебошад. Ин нусхаҳои қаламӣ ба асрҳои IV–V солшумории мо тааллуқ дошта, онҳоро дар китобхонаи Бойгонии Бритониё дар Лондон пайдо кардан мумкин аст. Дастнависи дигар, ки ба ҳамон аҳд тааллуқ дорад, Маҷмӯи қонунҳои Вотикон буда, дар китобхонаи Вотикон нигоҳ дошта мешавад. Дар бисёр китобхонаҳои калон дастнависи қисматҳои Аҳди Ҷадидро метавон пайдо намуд, ки ба асри дуввуми солшумории мо тааллуқ доранд. Маълумоти Китоби Муқаддаси ҳозираро метавон дар муқоиса бо нусхаҳои дар боло зикр гардида тасдиқ намуд.

Тарҷумаҳои бо масъулияти том иҷрошудаи ҳозиразамон қариб чизеро тағйир намедиҳанд ва ҳамон мазмунеро, ки дар аҳди Муҳаммад вуҷуд дошт, нигоҳ медоранд. Аз ҷиҳати назариёт (доктрина) ба ягон масъалаи назариявии Худошиносӣ тағйироте нарасидааст. Худованд гуфтори гузаштаи Худро аз тағйирот ҳимоя намуд ва Ӯ соҳибқудрат аст, ки дар оянда ҳам ҳимоя намояд.

## ИҚТИБОСОТ

1. Қуръон 2:101; 3:23; 5:44; 40:53–54; 2:53; 21:48; 2:87; 5:46
2. Қуръон 28:43; ср. 3:3–4; 6:92

3. Қуръон 5:47
4. Қуръон 48:23
5. Ишаъёи Набӣ 40:8
6. Қуръон 5:48
7. Қуръон 2:136
8. Брюс Ф.Ф. „Размышление над Свитками Мертвого моря“ F.F.Bruce, *Second Thoughts on the Dead Sea scrolls*, (Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1964), p.28.

# 3

# КИТОБИ МУҚАДДАС — ИЛҲОМИ ИЛОҲӢ

Китоби Муқаддас дар муддати дуру дароз навишта шудааст. Дар навиштани вай қариб чил нафар муаллифони гуногун иштирок кардаанд. Онҳо дар се қитъаи олам ба ин кор машғул шуда, се забони гуногун дар навиштани вай истифода шудааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, нуқтаи назари Китоби Муқаддас дар масъалаҳои муҳими ҳаётӣ якхела аст.

Чун то ин дам зикр гардид, Китоби Муқаддас ба ду қисм ё ба ду „Аҳд“ тақсим мешавад. Қисми нахуст, Аҳди Қадим, дар бораи муносибати Худованд ба халқи Исроил қисса мекунад. Қисми дуввум, Аҳди Ҷадид, дар бораи ҳаёти Исо, нахустин эътиқодмандони вай нақл намуда, номаҳои ҳаввориёнро фаро мегирад ва ба он даъват мекунад, ки ба этиқодмандони нахустини таълимоти Исо ёрӣ дода шавад.

## КАЛОМИ ХУДОВАНД

Китоби Муқаддас қайди ваҳйи Худованд дар қоғаз аст, на маҷмӯи тасодуфии меҳнати муаллифони гуногун. Маҳз Худованд мардони Худро фиристода, амали онҳоро идора мекард.[1] Вай ваҳйи худро ба одамони аввалин дар шаклҳои муқаррарии адабӣ ва баёнҳои таърихӣ, назм, тамсил, башоратҳо ва таълимот кушодааст.

## ШАҲОДАТ

„Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят, барои адолат фоиданок аст, то ки марди Худо комил гардида,ба ҳар амали нек муҳайё бошад“.[2] Барои мусулмонон низ ин таълимот чизи нав нест, зеро ин заминаи устувории қисмати назариявии Қуръон аст.[3]

## АҲДИ ҚАДИМ

Дар Аҳди Қадим ифодаи „Чунин мегӯяд Худованд“ беш аз се ҳазору ҳаштсад бор дучор мешавад. Аз ин баръало

намоён аст, ки муаллифон боварӣ доштанд, ки онҳо аз номи Худованд чӣ мегӯянд ва менависанд. Мо медонем, ки чунин мардони Худо мисли Мӯсо ё Довуд аз тарафи Худованд илҳомгир буданд. Бинобар ин, бо вуҷуди он ки Аҳди Қадим аз тарафи муаллифони зиёде дар солиёни дарозе навишта шудааст, таъсири Худо барои ин одамон ҳамешагӣ буд, бинобар ин Аҳди Қадим асари яклухт ба назар мерасад.

## *ЧАНД НАМУНАИ МУҲИМ*

Дар Китоби Муқаддас сабт шудааст, ки Худо ба Мӯсо гуфт: „Акнун рав ва Ман ҳамроҳи сухани ту мебошам, ба ту чӣ гуфтанро ёд медиҳам“.[4] Ин нишонаест, ки Мӯсоро Худованд илҳом мебахшид. Ҳамчунин Худованд ба воситаи Довуд сухан мегуфт; вақте ки Довуд гуфт: „Рӯҳи Худованд дар ман мегӯяд ва сухани ӯ дар забони ман аст“.[5] Чунин шаҳодатро мо дар китоби пайғамбарон низ мебинем. Масалан, Ирмиё менависад, ки Худованд ба ӯ гуфтааст: „...инак, Ман суханони худамро дар гуфтори ту дохил кардам“.[6]

Воситаҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки Худованд дар Аҳди Қадим хоҳиши худро баён мекард. Вай андешаи худро на танҳо бо сухани касоне, ки сухан мекарданд, баён менамуд, ҳамчунин бо тағйироти рафти ҳаёт ба воситаи касоне, ки дасташ ба онҳо мерасид, ифода мекард; барои намуна таърихи Рут ва Айюб метавонад бошад. Ҳамаи ин аз ҳар тараф хусусияти Худовандро мекушояд ва нишон медиҳад, ки муҳаббати вай ба ҷаҳони офаридааш ба воситаи вақт ва фазо ба одам мерасад.

## МУЛОҲИЗАҲОИ ИСО

Мо мебинем, ки Исо ҳам Аҳди Ҷадидро сухани Худованд медонист, ва инро суханони зерини вай исбот мекунад: „...ҳама чиз амалишаванда аст, он чӣ аз хусуси Ман дар аҳкоми Мӯсо ва дигар пайғамбарону, Забур навишта шудааст“.[7]Ана ҳамин се қисм Аҳди Қадимро таркиб медиҳад.

Исо дар бораи Аҳди Ҷадид хеле пештар аз пайдо шуданаш мегуфт. Пеш аз таслиб шуданаш Исо ба пайравонаш гуфт, ки замони омаданаш Рӯҳи Муқаддас ба онҳо ҳама чизро хотиррасон мекунад ва аз ҷумла чизе, ки Исо гуфта буд. Ӯ ваъда дод, ки Рӯҳи Муқаддас ҳар кадомашро дар ҳар ҳақиқат

қарор медиҳад.[8] Ана аз чӣ сабаб ҳавворией шаҳодат медиҳанд, ки „...онҳо на аз хиради инсонии бо калом омӯхташуда, балки аз Рӯҳи Муқаддас омӯхта...“ [9] сухан мегӯянд.

## ВОСИТАҲО

Худованд ба одамон ба воситаҳои гуногун сухани худро ошкор мекард. Ба баъзе мустақиман сухан мегуфт, ба баъзеи дигар ба воситаи хобҳо ё шабаҳҳо. Рӯҳи Муқаддас замоне онҳоро ҷалбкунанда мешуд, ки онҳо сухан мекарданд ё менавиштанд, имкониятҳои шахсии худ ва услуби худро истифода менамуданд. Худованд ба онҳо инконияти озоди амалӣ кардани инро медод, то онҳо таҷриба ва имконияти шахсии худро истифода кунанд. Агар муаллифони Китоби Муқаддасро Худованд чун котибони маҳдудшуда истифода мекард, тамоми Китоби Муқаддас бо услуби ягона навишта мешуд. Вале чунин набуд: дар матни инҷилӣ мо шахсиятҳои котибонро эҳсос мекунем. Ва дар айни ҳол онҳо иродаи Худованд ва ваҳйи Ӯро ифода мекунанд. Ва ин Китоби Муқаддасро чун асари яклухт ҷилвагар месозад.

*Каломи Ту чароғ аст барои поям; ва нур аст барои роҳам (Забур 118:105).*

## ЯГОНАГИИ МАЗМУН

Аз ибтидо то интиҳои Китоби Муқаддас қиссаеро мемонад, ки аз нақшаи Худованд барои наҷот додани инсоният иборат аст. Китоби Муқаддас ҳамелеро мемонад, ки бо ғояи ягонаи Худованди воҳид ва ваҳдати инсоният баста шудааст. Худованд тағйирнопазир аст, пас масъалаҳое, ки бо онҳо инсон дар ҳаёти ҳаррӯза дучор мешавад, тағйир наёфтаанд. Бузургтарин масъала, ки дар назди инсоният меистад, чӣ гуна эҳсос кардани Худованд аст. Худованд ба мо мегӯяд, ки Ӯ муқаддас аст, тамоманд муқаддас, вале инсон наметавонад беолоиш зиндагӣ кунад, бинобар ин ҳам қодир нест муқаддасии Худовандро пурра дарк намояд. Китоби Муқаддас ба ин масъалаи ҳамаро фарогиранда машғул аст. Вай мегӯяд, ки худи Худованд ҳалли онро пешкаши мо намудааст. Ба пуррагӣ мо ҳалли ин масъаларо дар бобҳои оянда дида мебароем.

## ИҚТИБОСҲО

1. 2 Петрус 1:20–2
2. 2 Тим. 3:16–17
3. Қуръон 2:136; 5:47; 10:95; 29:46
4. Ҳас. 4:12
5. 2 Под. 23:2
6. Ирм. 1:9
7. Луқо 24:44
8. Юҳанно. 14:25; 16:13; 1 Ин. 2:20.27
9. Қӯр. 2:13

# 4
# САҲЕҲИЯТИ КИТОБИ МУҚАДДАС

Тасаввур кунем, ки чӣ мебуд, агар дар аҳди пайғамбароне, ки Худованд илҳомашон дода буд, ваҳйи Ӯро китобат мекардему сабтҳои магнитиву тасвирҳои сабти магнитӣ, телевизору компютерҳо вуҷуд медоштанд. Мо имрӯз метавонистем матнҳои нусхаи аслиро тамошо кунем ва шунавем. Афсӯс ки мо чунин воситаҳои ёрирасон надорем. Ҳар чи имрӯз дастраси мост, пайғомҳои дар Китоби Муқаддас сабтшуда мебошад. Матни Китоби Муқаддас чандин бор рӯнавис шудаанд, бинобар ин баъзе одамон мепурсанд: „Оё метавонем боварӣ дошта бошем, ки матни Китоби Муқаддас бе дигаргунӣ нигоҳ дошта шудааст?“

## НУСХАИ АСЛӢ

Баъзеҳо мегӯянд, ки мо ба Китоби Муқаддас боварӣ дорем, вале на ба он, ки имрӯз дастраси мост. Бештар ба он далел эътибор мекунад, ки мо нусхаҳои нахустинро дар даст надорем. Ҳатто олимони дине, ки Китоби Муқаддасро меомӯзанд, бар онанд, ки ҳама нусхаҳои Китоби Муқаддас нобуд шудаанд.[1]

Бо ин далел розӣ шуда, мо бояд дар назар дошта бошем, ки замони сабти матнҳои библиёӣ дастгоҳҳои чопӣ вуҷуд надоштанд, бинобар ин ҳар нусха дастӣ навишта мешуд; бо ин сабаб нусхаҳо нисбатан камшумор буданд. Сабаби нобуд шудани баъзе дастнависҳои қадимӣ шароити сиёсии ҳамон давра низ буд.

## *АҲДИ ҚАДИМ*

Дастнависи қадимии ибрии Аҳди Қадим ҳоло вуҷуд дорад, ки ба давраи то аҳди Муҳаммад тааллуқ дорад. То соли 1947 қадимтарин нусхаи Аҳди Қадим, ки ба мо дастрас буд, ба соли 900 солшумории мо тааллуқ дошт. Соли 1947 дастнависҳои Баҳри Мурда дарёфт шуданд, ки қисман баъзе нусхаҳои китоби Аҳди Қадимро ба ғайр аз китоби Эстер доро буд. Акнун ин лӯлакитобҳо нусхаҳои асосии қадимӣ шинохта шудаанд, ки то соли 70 солшумории мо китобат шудаанд ва баъзе ҳатто ба сад сол пештар. Ба мо ҳамчунин

сарчашмаҳое дастрас аст, ки номгӯи китоби Аҳди Қадим дода шудааст. Аз ҷумла, яке шаҳодати таърихшиноси яҳудӣ Юсуф Фаловиё аст, ки дини яҳудиёнро аз юнониён ва Римиҳо ҳимоя намудааст.

Ҳамчунин, бисёр тарҷумаҳои Аҳди Қадим ба забонҳои юнонӣ, лотинӣ ва суриёнӣ мавҷуданд, ки замони китобаташон ба давраи то таваллуди Муҳаммад баробар аст. Дар ин тарҷумаҳо ҳам Аҳди Қадим аз ҳамон китобҳое иборат аст, ки имрӯз ҳам вуҷуд доранд. Ба мо аён аст, ки то таваллуди Муҳаммад ҳамчунин тарҷумаҳои арманӣ, гурҷӣ ва ҳабашиву нубӣ ва ғайра мавҷуд буданд.

## *АҲДИ ҶАДИД*

Ҳар чӣ ба Аҳди Ҷадид дахл дорад, он аст, ки ин ҷо шаҳодат бештар аст. Беш аз 4,5 ҳазор дастнависҳои қадимӣ (баъзе ноқис ва чанде комил) вуҷуд доранд. Аз ҳама пурра ва бештар машҳур инҳо нусхаҳои Синовӣ, Вотиконӣ ва қонунҳои Искандариягӣ мебошад. Давраи ҷудошавии онҳо ба солҳои 300 то 450 солшумории мо мувофиқат дорад.

Ҳоло 192 дастнависи юнонии Аҳди Ҷадид мавҷуд ва дастраси омӯзиш қарор дошта, онҳо ба замони то таваллуди Муҳаммад тааллуқ доранд, ҳамчун панҷ китоби юнонӣе, ки замони ибодат истифода мешуданд, қисмати мазмунҳои китобҳои муқаддасро дар бар мегирифтанд.

Ба мо қариб сӣ нусхаи юнонии Аҳди Ҷадид дастрас аст, ки ба замони китобҳои пеш аз таваллуди Муҳаммад тааллуқ доранд.

Қадимтарин нусхаи хаттие, ки дар як рӯяш порчае аз Таврoти то замони Юҳанно 18:31–33, дар рӯи дигараш Юҳанно 18:37–38 сабт шудааст, ба санаи соли 125 солшумории мо тааллуқ дорад. Ин дастхати қадимӣ айни замон дар китобхонаи Ҷон Рейланд дар Манчестери Инглистон мебошад.

Ҳамчунин ду нусхаи дастнависҳои қадимии юнонӣ аз дастнависҳои Баҳри Мурда, ки шояд қисматҳое аз Тавроти замони Марқӯс, I-ум номаи фиристодае ба Тимотиюс бошанд, мавҷуданд. Ҳар дуи ин дастнависҳои қадимӣ аз рӯи замон ба солҳои 70 солшумории мо тааллуқ доранд.

Мисли ҳамин мо шаҳодати падарони калисои ибтидои масеҳиятро (солҳои 69 то 150 солшумории моро) доро мебошем, ки дар бораи Китоби Муқаддас навишта ва дар

навиштаҷоти худ Навиштаҷоти Муқаддасро иқтибос намудаанд. Аз рӯи ин иқтибосҳо мо метавонем ба пуррагӣ нусхаи нави Аҳди Ҷадидро тартиб диҳем. Ин нусхаҳои қадимӣ нусхаҳои гуногунмаънии Аҳди Ҷадидро шинос мекунанд. Вале мехоҳам таъкид шавад, ки баръакси амали мусулмонон ин қисматҳо…, аз тарафи масеҳиён нест карда нашудаанд. Онҳо ҳифз шуданд, ба тартиб оварда шуданд, омӯхта шуда, баҳои сазовор гирифтанд. Ҳеҷ як аз ин фарқиятҳо мазмунҳои асосӣ ва иловагии бунёди дини масеҳиро халалдор намекунад.

Дар замони аҳди қадим яҳудиён бо эҳтироми баланде ба Навиштаҷоти Муқаддас муносибат карданд: ҳаминро доир ба муносибати мусулмонон низ нисбат ба Қуръон метавонем гуфт. Бо ин сабаб онҳо натавонистанд гузоранд, ки ҳатто хурдтарин қисми вай доғдор гардад, пора карда шуда чун чизи беқимат партофта шавад. Матни дастнависҳои қадим аз ёд карда мешуд, нусхабардорӣ мегардид ва баъд варақи кӯҳнаи аз қобили истифода беруншуда нест карда мешуд.

Ҳоло ҳозир мо бисёр нусхаҳои аслии китоби замони қадимро дар истифода надорем. Барои намуна Қуръонро гирем. Мо аз нахустдастнависҳои вай огоҳӣ надорем. Чун нусхаи зиёди як матн бо маънои гуногун вуҷуд дошт, Усмон, ёри севвуми Муҳаммад, олимони мусулмонро гирд оварда, вазифадор намуд, ки ин нусхаҳои гуногунро омӯхта, нусхаи расмии Қуръонро пешкаш намоянд. Чун ин кор иҷро шуд, ӯ фармон дод, ки варақпораҳои омӯхташуда сӯзонда шаванд.[2] Ин маънии онро надорад, ки Қуръон дар қудрат кам шуд. Вале ин аз рӯи мантиқ намебуд, агар мо Қуръонро қабул намуда, Инҷилро рад менамудем, дар сурате ки нусхаи аслии ҳар ду гум карда шудаанд.

## САҲЕҲИЯТИ МАТН

На ҳамаи мо таърихшинос ё бостоншиносем, вале мо ҳар як метавонем то чӣ андоза ба ҳақиқат наздик будани воқеоти Инҷилро бо воситаи оддии хондани онҳо муайян намоем. Барои мисол, таърихи Исоро хонда, пеши худ савол гузоред, ки то чӣ андоза ин ба ҳақиқат наздик аст? Биёед, воқеаи саломат шудани нобиноро муҳокима кунем. Мо ин воқеаро дар се аз чор китоби ҳаёти Исо (Инҷилро) — Инҷили Матто 20:29–34 Марқӯс 10:46–52, Луқо 18:35–43 пайдо менамоем. Нобино садақа талаб мекард — ин барои мардуми нотавони

давлатҳои камбағал ҳодисаи муқаррарӣ аст, зеро онҳо бе ин мавҷудияти худро нигоҳ дошта наметавонанд, чунки онҳо мариз ё маслуқанд. Шогирдони Исо ба нобино ба қадри кофӣ эҳтиром нагузоштанд, онҳо ба ӯ фармон доданд, ки хомӯш бошад. Исо баръакси онҳо дилсӯзона ба вай муносибат карда, вайро табобат кард. Ин ҳодисаро хонда шумо мебинед, ки эътиқод ба Исо чӣ гуна ҳаёти ӯро комилан дигар кард ва шоду хуррам гардонид.

## МАГАР БАРОИ МО ТАВРОТИ МӮСО ВА ИНҶИЛ ДАРКОРАНД?

Одатан мусулмонон бар ин ақидаанд, ки Навиштаҷоти қадим барои онҳо зарур нестанд, зеро онҳо ба таркиби Қуръон дохиланд. Вале дар ягон ҷои Қуръон гуфта нашудааст, ки таврoти Мӯсо ва Инҷил ба таркибаш дохил шудаанд. Дар ҳақиқат Қуръон акси инро тасдиқ мекунад.

Қуръон таълим медиҳад, ки китоби ба пешиниён нозилшуда эҳтиром карда шавад (Сураи 26:196). Минбаъд тасдиқ менамоянд, ки Қуръонро барои он барои арабҳо нозил намудаанд, ки онҳо дигар гуноҳҳои худро бо баҳонаи надонистани китобҳои осмонӣ маъзур надонанд, мисли Таврот ва Инҷил (Сураи 6:157,158).

Илова бар он, вақте ки Муҳаммад хост, ки обрӯю эътибори Қуръон афзояд, вайро дар як қатор бо Таврот ва Инҷил гузошт: „...Китобҳоеро аз каломи Худованд биёред, ки аз онҳо роҳнамотар бошанд, ман пайравии вай мекунам...“ (Сураи 28:49).

Ислом талаб мекунад, ки мусулмонон ба китоби пайғамбарони муқаддам бовар кунанд, ба мусулмонон мефармояд: „Гӯед, ки мо Оллоҳро бовар дорем ва ҳар чӣ ба мо нозил кард ва ҳар чӣ ба Иброҳиму Исмоил, Исҳоқу Яъқуб ва баъдиниён нозил шуд ва ҳар чӣ ба Мӯсо ва Исо бахшида шудааст, ва ҳар чӣ ба пайғамбарон аз Оллоҳтаъоло бахшида шудааст. Мо миёни онҳо тафриқа намекунем...“ (Сураи 2:136).

Имрӯз ҳам, ба усулҳои ҳозиразамони нашри китоб нигоҳ накарда, дар маводи интишоршуда аксаран ба хатоҳои хеле дағал метавон дучор гардид. Бинобар ин тасаввур кардан ба худ душвор нест, ки дар Китоби Муқаддас чаро гоҳо гуногунфаҳмиҳо пайдо мешаванд. Ҳама нусхаҳои қадима дастӣ навишта мешуданд ва дасти одамӣ наметавонад дар

ҳадди баланди камолот бошад ва чашм наметавонад чунин нозукбин бошад, ки хурдтарин хатоҳоро бартараф кунад. Дар бисёр тарҷумаҳои ҳозиразамон ин гуногунхониҳо дар эзоҳот қайд карда мешавад. Ин далел хеле муҳим аст, ки, миқдори ин гуногунхониҳо баъзе дучор мешаванд ва онҳо ба таълимоти Аҳди Ҷадид дахл надоранд.

Одатан дар баҳс мусулмонон масъалаи асил будани ду қисмати кӯтоҳро муҳокима мекунанд. Инҳо дувоздаҳ сураи охири Китоби Муқаддас аз Марқӯс то Юҳанно мебошанд 8:1–11. Гап дар он аст, ки дар баъзе нусхаҳои қадима ин қисматҳо нестанд.

Ин ду порча қариб ним саҳифаро аз ҳаҷми 1200 саҳифаи Китоби Муқаддас ташкил мекунад. Дар онҳо ягон қонуне навишта нашудааст, ки дар дигар ҷойҳои Аҳди Ҷадид набошанд. Онҳо ба тамоми матни Аҳди Ҷадид мувофиқанд. Агар онҳоро чун исботе барои нодуруст будани матни Китоби Муқаддас қабул намоем, дар ин сурат бо ин шева мебояд ба Қуръон ва ҳар китоби дигари он давра ҳам муносибат намуд, ки омехтаи рӯҳи Худованд ва нозилшуда эълон кардаанд.

## ИҚТИБОСҲО

1. Аҳмад Дидат. „Магар Библия Каломи Худованд аст?“ Ahmad Deedat, *Is the Bible the Word of God?* (Durban: Islamic Propagation Centre, 1982), p.64
2. Саҳиҳи Бухороӣ, Sahih Bukhari, Vol.6, p.479.

## 5

# САҲЕҲИЯТИ КИТОБИ МУҚАДДАС (II)

Бостоншиносӣ илмест, ки воқеият ва маданияти халқҳои қадимро аз рӯи осорҳои боқимондаи онҳо меомӯзад. Бостоншиносон осорҳои боқимондаи шаҳрҳои қадимро меомӯзанд, монанди зарфҳо, олатҳои меҳнат ва монанди ин, ки дар кофтуковҳои археологӣ пайдо менамоянд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳар як навиштаҷоти қадимеро, ки дастраси онҳо мегардад, хонанд, хоҳ дар санг ё гил ва ё олоти дигаре бошад. Бостоншиносон муддати дарозе дар кишварҳое кор мекунанд, ки дар бораи онҳо дар Китоби Муқаддас маълумот дода мешавад. Дар натиҷаи бозёфтҳои ҳамешагӣ олатҳои аҷибе пайдо мекунанд.

### НАВИШТАҶОТ ТО АҲДИ МӮСО

Замоне мунаққидони Китоби Муқаддас мегуфтанд, ки воқеъоти зиёди дар вай қиссашуда дар амал нагузаштаанд. Дар ҳоли ҳозир бозёфтҳои бостоншиносӣ исбот намуданд, ки воқеоте, ки дар Китоби Муқаддас ишора мешаванд, мисли тасвири онҳо дар ин китоб ба амал омадаанд. Аз ҷумла, хеле муддат гумон мекарданд, ки дар аҳди Мӯсо ҳанӯз хатнависӣ расм нашуда буд, вале бозёфтҳои бостоншиносон исбот намуданд, ки ин ақида хато будааст.

### ПОНТИЙ ПИЛОТУС

То ба ин наздикиҳо мо доир ба ин ҳокими румӣ танҳо аз Аҳди Ҷадид ва осори олимон Юсуфи Фаловиё ва Тасит маълумот доштем. Соли 1961 дар Қайсария қариб 65 мил аз Байтулмуқаддас бостоншиносон тахтасангеро бо номи Пилотус ва император Тибериус ёфтанд.[1]

### УРФУ ОДАТҲОИ ХЕЛЕ ПЕШ АЗ МАВЛУДИ ИСО

Бозёфтҳои бостоншиносон нишон медиҳад, ки урфу одат ва ахлоқи одамоне, ки дар дуҳазораи то солшумории мо зиндагӣ мекарданд, ба тасвири библиёвии Иброҳим мувофиқанд.[2] Қиссаи дар Ҳастӣ оид ба ҳаёти Юсуф дар қасри фиръавн овардашуда одатеро, ки дар дарбори фиръавн расм шуда буд, ҳатто бо истилоҳоти он замони 1800 соли то солшумории моро ҳамагӣ дуруст баён мекунад.[3]

## СУР

Ҳизқиёл дар солҳои 592 ва 580 то солшумории мо вайроншавии Сурро пешгӯӣ карда буд.[4] Ин дар давраи ҳукмронии Набукаднесар дар шаҳри Бобул ба амал омад. Дертар Искандари Бузург аз сангҳои шаҳри вайроншуда барои сохтани оббанди шаҳрро бо ҷазира пайвасткунанда истифода намуд. Дар ҳамон пешгӯӣ гуфта мешуд, ки дар ҷои шаҳри имрӯза дертар моҳидорон бо тӯр моҳӣ мегирифтанд.[5] Сури ҳозиразамон дар ҷои шаҳри қадимӣ сохта нашудааст. Ҳатто имрӯз, баъд аз дуввуним ҳазор сол баъди ин пешгӯӣ, моҳидорон тӯрҳои худро дар соҳили сангзор мепартоянд.

## ХАРОБШАВИИ ШАҲРИ НИНЕВО

Наҳуми Набӣ қариби соли 640 то солшумории мо аз харобшавӣ ва беодам гардидани Нинве навишта буд. Вай пешгӯӣ намуд, ки маркази империяи Ошур бо селоби шадиде аз рӯи замин рӯфта мешавад.[6] Ҳамчунин ӯ нобудшавии комили ин шаҳрҳоро пешгӯӣ карда буд.[7] Тақрибан дар соли 612 то солшумории мо душманон шаҳрро ба муҳосира гирифта забт карданд ва пурра хароб сохтанд, ба ҳадде, ки вайронаҳои вайро танҳо баъд аз дуҳазору чорсад сол дар асри нуздаҳ пайдо карданд.

Боз метавон мисоли бисёре овард, вале аз гуфтаҳои боло ҳам аён аст, ки тасвирҳои Китоби Муқаддас ҳаққонӣ мебошанд ва ин китобро метавон бо боварии том мутолиа намуд.

## ПЕШГӮИҲО АМАЛӢ ШУДАНД

Аз рӯи истилоҳоти библиёӣ пешгӯӣ маънии ваҳйи Худоиро дорад дар бораи гузашта, имрӯза ва оянда. Пешгӯиҳо одатан фаъолияти одамро зиёд мекунанд ва ё қисмҳои пурра мекунанд. Ба амал омадани пешгӯиҳо исбот мекунанд, ки пайғамбарон соҳиби илҳоми Худовандианд.

Китоби Муқаддас пешгӯиҳои зиёд дорад. Қисми зиёди онҳо ба вуқӯъ омаданд ва қисми дигарашон бояд амалӣ гарданд. Ана, танҳо як намуна:

Китоби Ишаъё пешгӯие аст аз Аҳди Қадим, ки садсолаҳо пеш аз мавлуди Исо навишта шудааст. Вале вақте ки мо вайро мехонем, моро он дар ҳайрат мегузорад, ки гӯё худи Исо дар саҳифаҳои ин китоб зиндагӣ мекард. Ибтидои қисми

панҷову севвум (саҳ. 1–3) аз он қисса мекунад, ки чӣ тавр Исо рад карда шуд, дар сураҳои дигар баён мегардад, ки чӣ тавр одамон Вайро нафаҳмиданд, бинобар ин ӯро куштанд (саҳ. 7–9). Худованд бошад, ӯро дар иззат ва тавоноӣ афзуд (саҳ. 10–12).

## ПЕШГӮИҲОИ КИТОБИ МУҚАДДАС

Имрӯз ҳам одамоне вуҷуд доранд, ки даъвои пешгӯикунӣ доранд ва мо мебояд ба пешгӯии онҳо диққат гузорем. Аксар гуфтори онҳо торик ва номуайян аст ва мазмунеро аз он пайдо кардан мушкил аст. Баъзе пешгӯиҳо метавонанд ба ҳақиқат наздик бошанд, вале онҳоро пайғамбарона донистан боварибахш нест. Пешгӯии библиёӣ чизи тамоман дигар аст. Агар дар Китоби Муқаддас гуфта шуда бошад, ки бояд чизе зуҳур шавад, ин албатта ба амал меояд. Дар Китоби Муқаддас пешгӯиҳои зиёде дар бораи чизҳое мавҷуд аст, ки бояд сад сол пас аз пешгӯянда ба амал оянд. Амалӣ гаштани пешгӯиҳои Китоби Муқаддас шаҳодати раднопазири он аст, ки Китоби Муқаддас китоби Худовандӣ аст, зеро танҳо Худованд қодир ба пешгӯӣ аст.

## ИҚТИБОСҲО

1. Луқо 3:1; Матто 27:2; Марқӯс 15:1–5; Луқо 23:1; Юҳанно 18:28–29
2. Ҳастӣ 12–25
3. Ҳастӣ 39–41
4. Ҳизқиёл 26:3–21
5. Ҳизқиёл 26:5,14
6. Наҳум 2:6
7. Наҳум 3:15

# 6

# СУХАНИ ТАҒЙИРНАЁБАНДА — АБАДӢ АСТ

Чанде аз мусулмонони дӯст бар онанд, ки Таврот, Забур, Инчил ва дигар китоби пайғамбарон аз тарафи Худованд ба мо дода шудааст. Вале баъзеҳо даъвои онро доранд, ки китобе, ки бо Китоби Муқаддас муқовабандӣ шудаанд, дар ҳоли ҳозир аз эътибор соқит[1] шудаанд. Онҳо даъво доранд, ки китоби Қуръон, ки ба Муҳаммад нозил шудааст, ҳамаи он китобҳоро, аз ҷумла, Инчили Исоро иваз мекунад ва Қуръон то рӯзи қиёмат иваз намешавад. Донистани ин муҳим аст ки дар ягон сураи Қуръон ин маънӣ тасдиқи худро наёфтааст.

Магар Китоби Муқаддас тасдиқ мекунад, ки Фақҳ ё Таврот бо Забур иваз карда мешавад? Аз он ҷумла Довуд мегӯяд: „Тавроти Худованд комил аст, ба кас ҷон мебахшад; шаҳодати Худованд боэътимод мебошад, нодонро доно мегардонад“.[2] Бо ҳамин Забур Тавротро тасдиқ мекунад.

Магар Исо даъво дошт, ки ҳама китоби пешин нест шавад. Сухани Ӯро мехонем: „Гумон накунед, ки барои вайрон кардани Таврот ё саҳифаҳои анбиё омадаам, наомадаам, ки вайрон кунам, балки ба ҷо оварам“.[3]

Магар мумкин аст, ки Инҷил иваз карда шавад? Исо мегӯяд: „Осмон ва замин гузарон аст, вале каломи ман гузарон нест“.[4] Аҷоиботе надорад, ки Аҳди Ҷадид равшан ба хотири мо мерасонад: „Зеро ки ҳар ҷисм мисли алаф аст ва ҳар ҷалоли одамӣ — мисли гули алаф; алаф хушк мешавад ва гули он мерезад; Аммо Каломи Худованд то абад боқист. Ва ин аст он каломе, ки ба шумо панд шудааст“.[5]

Ба ин маънӣ, ягон китоби Худовандӣ дигареро иваз намекунад. Бар акси ин ҳар китоби пасоянда ба пешина такя мекунад, ӯро аниқтар намуда, иродаи Худовандро равшантар мекунад.

## ШАҲОДАТИ ҚУРЪОН

Дар Қуръон ба он ишора нест, ки вай Китоби Муқаддасро иваз мекунад. Танҳо дар ду мавқеъ ифодаи *„аз эътибор соқит“* меояд, вале дар он маврид вай ба сураҳои ҷудогонаи

худи Қуръон дахл дорад, на Китоби Муқаддас.[6] Мо дар Қуръон сураҳоеро меёбем, ки эътибори китоби пешинро тасдиқ мекунад, ки он чиро, ки дар Китоби Муқаддас зикр шудааст, устувор доранд.[7]

Ин бисёр хуб аст, ки Қуръон моро мефармояд, то ба Навиштаи Китоби Муқаддас устуворона пайравӣ кунем. Гуфтори Исо гузаранда нест. Исо ба башарият ҳақиқатро овард ва чун башарият дигар нашудааст, ҳақиқати Вай имрӯз ҳам вуҷуд дорад.

## РАСМИ ҚУРБОНӢ КАРДАНИ ҲАЙВОНОТ

Аз мо мепурсанд, ки „Чаро масеҳиён, чӣ тавре ки дар Таврот сабт шудааст, ба Худованд қурбонӣ намекунанд, шанберо эътибор намекунанд ва дасти кӯдакони худро ҳалолхатна намекунанд?“

Дар Аҳди Қадим гуфта шудааст, ки чун Одам ва Ҳавво гуноҳ карданд, рондашудаи Худованд гардиданд. Ӯ ба онҳо супориш дод, ки ҳар гоҳ хоҳанд, ки Худованд ба онҳо ботаваҷҷӯҳ бошад, қурбонӣ кунанд. Мо мебинем, ки Иброҳим, Мӯсо, Довуд ва дигарон қурбони меовардан. Ин нақши бузурги қурбоние буд, ки вайро мебоист Наҷотдиҳандаи ваъдашуда Исо мекард. Пайдо гардидани вай дар бисёр китоби пайғамбарон нозил-шуда (Китоби Муқаддас) пешгӯӣ шуда буд. Мо инро дар боби дигар ба муҳокима мегирем.

Дар яке аз таронаҳояш Довуд мегӯяд: „…қурбонии сӯхтанӣ ва қурбонии гуноҳро талаб накардӣ… инак меоям… иродаи Туро, эй Худованд, ба ҷо овардан мехоҳам…“[8] Ва дар Аҳди Ҷадид ҳам мебинем, ки Исо ин пешгӯиро иҷро намуда, Худашро ба қурбонии Худованд овард.[9]

Пулро барои пӯшонидани қарзе то замоне медиҳанд, ки тамоми қарз пардохта шавад. Ҳамчунин, тамоми қурбониҳо то даме зарур буданд, ки худи Исо қурбонӣ гардад. Ӯ боре баҳри ҳамаи мо ранҷ кашид, то ки моро ба Худованд орад.[10] Ҳамин тавр, чун мо ба Исо эътиқодмандем, Худованд мунтазир аст, ки ин боварӣ моро ба зиндагие меорад, ки аз ситоиши ӯ саршор аст ва корҳои накӯи дигар, зеро Ӯ маҳз чунин қурбониҳоро хоҳиш дорад.[11]

## ШАНБЕ ВА ДИГАР РАСМҲОИ ҚОНУНИШУДА

Шанбе чун рӯзи истироҳати одам дар хотираҳое муқаррар шудааст, ки Худованд самовоту заминро дар шаш рӯз сохта,

дар рӯзи ҳафтум истироҳат кард. Ба Исо эътиқод оварда, масеҳӣ эҷоди тоза мегардад ва акнун мебояд ӯ рӯзеро пос дорад, ки бо шарофати вай ин амалӣ гардид.

Ин рӯзи аввали ҳафта, яъне рӯзе аст, ки Исо аз нав зинда шуд. Маҳз дар ҳамин рӯз насрониён истироҳат мекунанду хушҳолона ҷамъ мегарданду Худовандро сано мегӯянд.

Ҳалол-хатна кардани даст нишони Аҳд буд, ки Худованд бо Иброҳим баста буд. Мӯсо моҳияти рӯҳии ҳалол кардани дастро чунин шарҳ медиҳад: „Ва Худованд Худоят ва дили ту ва дили насли туро мафтун хоҳад кард, то ки Худованд Худои худро бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ дӯст дошта, зинда бимонӣ“.[12] Чанд садсола баъд аз ин ба воситаи Ирмиёи набӣ Худованд гуфт: „Инак, айёме фаро мерасад, ..., ки ман ба хонадони Исроил... аҳди нав хоҳам баст. На мисли он аҳде, ки бо падарони онҳо бастам... Чун аҳде Ман... хоҳам баст... аҳде Худро дар ботини онҳо ҷойгир хоҳам кард ва онро бар дили онҳо хоҳам навишт...“[13] Ин Аҳди нав дар Аҳди Ҷадид китобат шуда буд. Ин расму одатро ҳар як масеҳии асил аз сар мегузаронад.

Шакли зоҳирии ибодатҳо метавонад дигар шавад, вале чун пештара танҳо Худованд сазовори таъзим аст. Пайғамбаре метавонад бимирад, ба ҷойи ӯ пайғамбари дигар меояд, вале гуфтори Худованд дигар намешавад. Мо дарк менамоем, ки камолоти пурраи Худованд ба одамон якбора кам нагардидааст. Китоби Муқаддас дар ин хусус мегӯяд: „Худое, ки аз қадимулайём борҳо ба тарзи гуногун ба падарони мо ба василаи анбиё сухан ронда аст, дар ин айёми охир ба мо ба василаи Писараш сухан ронд“.[14] Исо омад, ки ин китобномаи Худовандро тамом кунад, ва ин абадӣ аст.

Биёед чанде аз он ҳақиқатҳоеро, ки Исо ба мо меомӯзад, муҳокима мекунем. Китоби Муқаддаси худро боз кунед ва нахусттасвири ҳаёти Исоро, ки Инҷили Матто ном дорад, пайдо кунед. Аз қисми панҷуми сураи якум қироатро сар мекунем. Ин суруд роҳи мустақимро аз хушбахтии ҳақиқӣ то ризоят нишон медиҳад. Аз ҳамин сабаб ҳам онҳо „Аҳкоми хушбахтӣ“ ном доранд.

Исо таълим медиҳад, ки дар самовот худписанд ва калонгиронро мунтазир нестанд, онҳоеро мунтазиранд, ки қаҳтии маънавии худро ибодат мекунанд ва ба роҳнамоии Худованд мӯҳтоҷанд (саҳ.3). Худованд дастони худро на ба касоне дароз мекунад, ки бо дониши худ ҳавобаланд

ҳастанд, нуқсон доштани худро азодорӣ мекунанд ва аз нуқсонҳои худ ғам мехӯранд (саҳ.4). Маҳз пурсаброн ва нармдилон ба лутфи Худованд мерасанд на ҳавобаланду худписандон (саҳ.5). Исо мегӯяд; ки дилҳои мушфиқ шафқати Худовандро соҳиб мешаванд (саҳ.7). Покӣ аз дили одам бармехезад: агар дили одам пок бошад, Худовандро дарк мекунад (саҳ.8).

Мо чун фарзандони Худованд на дар ғазабу бадбинӣ ва золимӣ худро намоён мекунем, балки дар ҷаҳд кардан барои сулҳ бо худ ва дигарону Худованд. Бешубҳа, ба ғайр аз инҳо дар Инҷил боз ҳақиқатҳои хуби дигар бисёр аст. Ин нишони абадияти вай аст, зеро ҳақиқати абадиро ошкор мекунад.

## ИҚТИБОСҲО

1. Тафсири байдавии Қуръон 9:29
2. Забур 18:8
3. Матто 5:17
4. Матто 24:35
5. 1-Петрус 1:24–25
6. Қуръон 2:106; 22:51; 16:101
7. Қуръон 5:44–48
8. Забур 39:7–9
9. Ба Ибриён 10:6–10
10. 1-Петрус 3:18
11. Ба Ибриён 13:15–16
12. Такрори Шариат 30:6
13. Ишаъёи Набӣ 31:31–33
14. Ба Ибриён 1:1–2

# 7
# ПЕШГӮӢ ДАР БОРАИ ИСО

Худованд ҳамеша аз ибтидои кор то интиҳои онро медонад. Баъзан ӯ ба воситаи пайғамбарон чизеро ошкор месозад, ки дар оянда боя шавад. Чанд гуфтори ҳайратовари пайғамбаронае дар бораи Исо низ ҳаст. Аз он ҷумла, қисми 53 китоби Яҳушаъ ибни Нунро ба хотир биёред, ки мо чанд бор вайро иқтибос кардем. Ин пешгӯиҳо ошкор мекунанд, ки дар ҳақиқат Исо Масеҳ аст, зеро онҳоро иҷро кард.

Хеле пеш аз таваллуди Исо, ибриён медонистанд, ки дар китоб пешгӯие дар бораи нузули Масеҳ аст ва чун Исо ба пеши онҳо омад гуфт: „Навиштаҷотро пайравӣ кунед, зеро шумо ба воситаи онҳо мехоҳед ҳаёти абадӣ ёбед; ва онҳо дар бораи Ман шаҳодат медиҳанд“.[1]

Агар шумо Инҷили Матторо хонед, шумо 21 ишораро дар бораи тасдиқи пешгӯӣ пайдо хоҳед кард! Тамоми Аҳди Ҷадид равшан нишон медиҳад, ки маҳз Исо пешгӯиҳои Аҳди Қадимро иҷро намуд. Биёед чандтои онҳоро аз назар гузаронем.

## ИСОРО ДУХТАРИ БОКИРА ТАВАЛЛУД МЕКУНАД

Хеле пеш аз таваллуди Исои Масеҳ Худованд бо забони Ишаъёи набӣ гуфта буд: „Бинобар ин Худованд худаш ба шумо аломате хоҳад дод: инак, бокирае ҳомила хоҳад шуд ва писаре хоҳад зоид, ки ӯро Имонуил хоҳад номид“.[2] Мо амалӣ шудани ин пешгӯиро вақте мебинем, ки Марямро рӯҳи пок омада мегӯяд, ки ӯ писареро хоҳад таваллуд кард. Ҳамаи ин аз ваъдаи Худовандӣ ба амал омад.[3]

## ИСО ДАР БАЙТ — ЛАҲМ ТАВАЛЛУД МЕШАВАД

Ба воситаи пайғамбар Микои набӣ Худованд пешгӯӣ кард, ки Исо дар Байт — Лаҳм таваллуд мешавад.[4] Ин пешгӯӣ хеле хуб ба шоҳ Ҳиродус ва маслиҳатгарони вай маълум буд. Аҳди Ҷадид мегӯяд, ки Исо ҳақиқатан ҳам дар Байт-Лаҳми Яҳудо таваллуд шуд.[5]

## ИСО МӮЪҶИЗА НИШОН МЕДИҲАД

Худованд ба воситаи Ишаъёи набӣ гуфт: „...Инак Худои шумо...Худ меояд...Он гоҳ чашмони кӯрон кушода хоҳад шуд,

гӯшҳои карон боз хоҳад шуд ва забони гунг гап хоҳад зад…“[6] Инҷили Маттои набӣ ин пешгӯиро тасдиқ мекунад: „Ва Исо дар ҳамаи шаҳрҳо ва деҳот гашта, дар ибодатхонаҳои онҳо таълим медод, Инҷили малакутро бо суханони пандомез мефаҳмонд, ҳар беморӣ ва заъфи мардумро шифо мебахшид“.[7]

## ИСО ТАСЛИБ МЕШАВАД

Таслибшавӣ хатои даҳшатовар ва тасодуфӣ набуд. Худаш зиндагии худро фидо намуд. Чаро? Зеро ки Худованд хост мардумро ба сӯи худ биёрад. Пешгӯӣ буд, ки Исо: „…ҷони худро ба марг таслим намуд ва аз золимон шумурда шуд ва гуноҳи мардуми бисёреро ба худ бор кард ва барои ҷинояткорон шафоат намуд“.[8] Вақте ки Исо таслиб шуд, бо ӯ румиён ду ғоратгарро аз чапу аз рост таслиб намуданд.[9]

## ҚАБУРҒАИ ИСО НАЙЗА ЗАДА ШУДААСТ

„…ва онҳо бар ман, ки найза задаанд, назар хоҳанд дӯхт“.[10] Ва ин суханон ҳамчунин иҷро шуданд, замоне, ки яке аз аскарон аз тарафи чапи ӯ найза зад.[11]

## БИСЁР ПЕШГӮИҲОИ ДИГАР

Дар ҳақиқати ҳол гуфторҳои мӯъҷизанок дар бораи Исо хеле аз ин зиёдтар аст, ки мо ин ҷо баён намудем. Гуфта шудааст, ки ба Исо дӯсташ хиёнат мекунад ва айнан ин ба амал омад.[12] Бидуни ин, пешгӯи шуда буд, ки Яҳудо (Матто 26:14–16) барои хиёнат ба Исо ба сӣ дирҳам соҳиб хоҳад шуд ва ин пулро дар хонаи ибодат (Матто 27:5) хоҳад партофт.

Ин пул барои пардохтани пули замини кӯзагар сарф шуд,[13] ки пешгӯӣ шуда буд. Дар ибтидо Яҳудо боварӣ дошт, ки рафтори ӯ дуруст аст, вале натиҷаи амали худро дида, аз ин сахт пушаймон гардид.[14]

Аз ҳамаи ин мо мебинем, ки Китоби Муқаддас ин на танҳо маҷмӯи китобҳо аст. Дар тамоми ин китоб мавзӯи муносибати Худованд ба одамон ва ҷавоби онҳо ба Ӯ баён мегардад. Ин мушаххас дар воқеа бо Исо намоён мешавад. Ин пешгӯиҳо, ки дар бораи вай дидем, мисли ишораҳое мебошанд, ки поён рафтани минбаъдаи Масеҳро таъкид мекунанд. Вақте ки Исо омад, исбот намуд, ки ҳама ин ишораҳо ҳаққониянд.[15]

Вале ин ишораҳоро нодуруст ҳам шарҳ додан мумкин аст. Исо дарк намуд, ки яҳудиёни ҳамзамони Ӯ ин каромоти пайғамбарро нодуруст фаҳмиданд: онҳо лашкаркаши

нусратовареро ё ходими давлатиеро интизор буданд, на ғолиби фурӯтанеро аз музофоти шимоли Галилиё.

## АНДЕШАИ ШУМО ЧӢ ГУНА АСТ?

Баъзеҳо метавонанд гӯянд, ки Аҳди Қадим баъд аз Аҳди Ҷадид китобат шудааст, ба хотири он ки чунин пешгӯиҳои дақиқи пайғамбаронаро дастраси мо намояд. Вале ин қатъиян ғайриимкон аст. Яҳудиён бо эҳтиёти бузурге навиштаҷоти пешинаи худро аз асри чаҳоруми то солшумории мо ҳифз намудаанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ба дигаргунсозии китоби муқаддаси худ роҳ намедиҳанд, зеро ин ба вайроншавии асоси анъанаҳои динии онҳо бурда мерасонад.

Ҳақиқат дар он аст, ки ҳануз то мавлуди Исо Аҳди Қадим хеле машҳур буд ва ҳатто тарҷумааш ба забони юнонӣ мавҷуд буд. Тарҷумаи юнонии вай ҳанӯз то асри дуввуми солшумории мо мавҷуд буд. Нусхаҳои ин тарҷумаро, септуагинтҳояшро имрӯз метавон дар осорхонаҳо пайдо кард. Дар чунин ҳолат ғайри имкон буд ягон дигаргуние ба матни Аҳди Қадим ворид гардад. Дар гузаштаи на чандон дур нусхаҳои то аҳди масеҳияти Аҳди Қадим ёфт шуданд, ки ин пешгӯиҳои пайғамбаронаро доранд. Онҳо дастнависҳои Баҳри мурда мебошанд, ки дар қисмати чорум ба онҳо ишора шуд. Ҳар касе ки бо боварии қаблӣ Китоби Муқаддасро мехонад, ба дурустии онҳо бовар мекунад.

## ИҚТИБОСҲО


1. Юҳанно 5:39
2. Ишаъёи набӣ 7:14
3. Матто 1:18, 22–23
4. Микоил 5:2
5. Матто 2:1; Луқо 2:4–7; Инҷил 7:42
6. Ишаъёи набӣ 35:4–6
7. Матто 9:35; бо Матто 11:4–6
8. Ишаъёи набӣ 53:12
9. Матто 27:38
10. Закариёи набӣ 12:10
11. Юҳанно 19:34
12. Забур 40:10, муқ. Юҳанно 13:18, Матто 10:4
13. Закариёи набӣ 11:12
14. Матто 26:15; Матто 27:5,7
15. Огустин, пешвои масеҳии асри 5, боре гуфтааст, ки „Чизи нав дар гузашта маҳфуз аст ва ҳар чизи кӯҳна дар нав кашф мешавад.“

# 8

# НУЗУЛИ ИСО

Исо шахсияти бениҳоят барҷастае мебошад. Мо мебинем, ки тамоми Китоби Муқаддас дар бораи ӯ навишта шудааст. Вай ҳамон ҳиссаи муҳиме мебошад, ки дар тамоми навиштаҷот ба назар мерасад, аз ваъдаи омадани вай дар китоби Ҳастӣ то Ваҳйи нузули (фуруд омадани) дубораи Вай дар китоби Ваҳй.[1] Мусулмонон ҳам дар бораи таваллуд ва тарғиби вай дар китоби Инҷил — Навиштаҷоти Худовандӣ[2] хабар доранд. Миёни онҳо Вай чун Каломи Худованд ва Рӯҳ аз ҷониби Вай маъруф аст. Дар Қуръон ҳангоми ба хотир овардани Исо одати баёни унвони заминии Вай-Ибни Марям дода мешавад, ё Масеҳ ва Исо ибни Марям — Исои Масеҳ писари Марям. Чун дар Китоби Муқаддас, Қуръон ҳам шаҳодат медиҳад, ки Худованд ӯро чун нишони амали хайр ба мардуми заминӣ (Сураи Имрон, Сураи Марям) фиристодааст. Худованд Ӯро чун ифодаи исботи муҳаббати Худ ба мардум фиристодааст. Қуръон шаҳодат медиҳад, ки Исо раҳмат (шафқат) ва айёҳ (нишон) аст, вале дар он дақиқ намегардад, ки чаро Худованд бо ин роҳ амал мекунад, ва дар ҳақиқати ин гуфтор: „Вай гуфт: «Чӣ тавр ман метавонам писар дошта бошам? Ман (бокира) номуси духтарӣ дорам, дасти касе ба ман нарасидааст ва ҳарҷогард нестам». Вай гуфт: „Чунин гуфт Худованди ту: «Ин барои ман саҳл аст. Ва месозем мо ӯро нишоне барои одамон ва эҳтироме барои мо» — Ин кор аллакай амалӣ шудааст“ (Сураи Марям 19:20–21). Муфассали инро мо дар Китоби Муқаддас пайдо мекунем.

## ПАЙДОИШИ ВАЙ ДАР ЗАМИН

Исо замоне таваллуд шуд, ки мардумон зуҳури ваъдашудаи Масеҳро интизор буданд. Дар Байтулмуқаддас шоҳ Ҳиродус роҳбарӣ дошт; ӯ шунида буд, ки пешвои яҳудиён таваллуд гаштааст ва фармон дод, ки бачагони то сесола дар Байт-Лаҳм кушта шаванд. Юсуф ва Марям, ки Худовандашон роҳнамоӣ мекард, бо Исо ба Миср гурехтанд. Пас аз фавти шоҳи золим онҳо баргашта дар Носира маскан гирифтанд. Бори дигар вақте Исо хотиррасон мегардад, ки

Исо дувоздаҳ сол дошт. Ӯ ба Байтулмуқаддас омад ва дар маъбади он бо толибилмони ҳамсоли худаш дар масъалаҳои маърифатӣ сӯҳбат намуд.[3]

## БАЛОҒАТИ ВАЙ

Дар сисолагӣ Исо ибодатро сар кард ва таблиғи Вай аз баёни тӯҳфаи бузурги Худованд ба одамон иборат буд. Баъди чанде Вай бо Ҳазрати Яҳё, набии Худо вохӯрд. Яҳё Исоро дида, ба ӯ ишорат карда ба мардум гуфт: „Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад“.[4] Вай онро дар назар дошт, ки Исо он қурбоние мегардад, ки Худованд дар назар дошта буд, мисли қӯчқоре, ки дар воқеаи Иброҳим ва писари вай буд ва ё баррае, ки ба қурбонӣ оварда мешуд барои гуноҳон.[5]

## ИСО ЧУН МАСЕҲ

Номи „Исо“ дар мафҳуми худ муҳим аст, чунки вай маънии „Худованд наҷот медиҳад“ — ро дорад.[6] Ин ном ба ӯ аз тарафи авлодон дода нашуда, иродаи Худованд аст. Бо ин Худованд ба мо нишон медиҳад, ки мехоҳад моро ба воситаи Вай наҷот диҳад.

Исо ҳамчунин чун „Масеҳ“ маъруф аст. Ин намунаи калимаи ибрии „Мессия“ ва арабии „Ал-Масиҳ“ мебошад, ки маънияш „шахси нишонаи соҳиби тахту тоҷдошта“ аст. Мувофиқи анъанаҳои яҳудӣ дар пешонии одам нишони равғанине мегузоштанд, ки маънояш „барои кори муайяне ҷудо кардашуда“ буд. Яҳудиён чунин нишонро ба шоҳ ё рӯҳонӣ мегузоштанд.

## ИБОДАТИ ВАЙ ЧУН МУАЛЛИМ

Дар замони пайдоиши Исо ибодати оинии яҳудиён бештар аз моҳияти зоҳирӣ ва амалӣ иборат буд. Исо бошад таълим медод, ки барои Худованд бештар мавқеи ботинии одам муҳим аст.[7] Барои Исо ҳама мардум муҳиманд, бо онҳо ҷудогона вохӯрдан ё умумӣ. Мардум ҳис мекарданд, ки Ӯ ба дигарҳо монанд нест. Эътиқодмандони Вай ба зудӣ дарк намуданд, ки Ӯ на муаллими оддӣ, балки мартабаи Худовандӣ дорад. Исо вобастаи ин онҳоро гуфт: „Шумо Маро устод ва Худованд мегӯед ва рост мегӯед, зеро ки Ман чунин ҳастам“.[8]

Ва аммо Ӯ бештар худро „Фарзанди одамият“ меномид. Ин ҳолати бисёр муҳим аст. Дар Аҳди Қадим ин мафҳум ба

ду маънии бар акси ҳамдигар истифода мешавад. Ҳизқиёли набии Аҳди Қадимро Худованд писари одамизод меномад.[9] Аз матн равшан намудор аст, ки бо ин Худованд моҳияти башарии вайро таъкид мекунад. Дар китоби Дониёли набӣ бошад, ин пайдарҳамии калимаҳо тамоман маънии дигар дорад.[10] Бо ин калимот шахсе таъкид мегардад, ки соҳиби қудрати тавонои бузурге аст, ки ҳатто табиати Худовандӣ дорад. Исо худро чунин меномид, то ду тарафи табиати худро ба мардум намоиш диҳад.

Мардумон медонистанд, ки боз чизе вуҷуд дорад, ки Исоро аз дигар олимони дин фарқ мекунонад. Онҳо одатан, барои қувват додани сухани худ ба эътибори пайғамбарони пешин такя мекарданд, Исо бошад, услуби дигар дошт. „Исо… онҳоро ҳамчун соҳибқудрат таълим медод, на ҳамчун китобдонон ва фарисиён“.[11] Пайғамбарони дигар одатан мегуфтанд: „Худованд чунин мегӯяд…“, Исо бошад мегуфт: „Ба шумо мегӯям…“ ва ё „Ҳақиқатан мегӯям ба шумо…“

Яке аз муҳимтарин таълимоти Исо ин таълимоти Малакут Худованд аст. „Ки вақт расидааст ва Малакути Худо наздик аст: «Тавба кунед ва ба Инҷил имон оваред» , таълим медод Ӯ.[12] Исо мехост мо бидонем, ки Худованд ҳамаро назорат мекунад ва интизор аст, то даме ки ҳамаи одамон ба назди Ӯ меравaнд. Ин тамоман маънои онро надорад, ки одам дар интихоб озод нест“[13] Таълимоти Исо аз он иборат аст, ки дар вай ҳар шахс метавонад ҳаёти абадӣ пайдо кунад.

## МӮЪҶИЗОТИ ВАЙ

Исо мӯъҷизаро бар ҷавоби хоҳиши ҷудогонаи одамон ба вуҷуд меовард. Ӯ ба беморон тандурустӣ медод.[14] Ҳазорон гуруснаро сер мекард.[15] Вай ҳатто ба мавҷ оромӣ мебахшид.[16] Аҷоиботе надорад, вақте ки Исо мафлуҷро саломатӣ дод, бо он ки хеле содда гуфтаст: „…хезу бистарро гирифта ба хонаат рав!“, мардум аз анбӯҳ нидо кардаанд: „Инак мо мӯъҷизаро дидем“.[17] Дигарон аз вай ҳайрон буданд: „Ин кист, ки боду баҳр Ӯро итоат мекунад?“[18] Оҳиста – оҳиста пайравони Ӯ ба маъние мерасанд, ки Исо шахси муқаррарӣ нест.

## ТАЪСИРИ ВАЙ

Мардуми оддӣ ба Исо муносибати самимона доштанд. Вале аксари пешвоёни динӣ аз муносибати муқаррарии Вай бо баъзе мардумон ба шӯр меомаданд.[19] Аксари аз онҳо

ҷудошудагон зарурати тавба кардани худро ҳис намуда, аз паси Исо мерафтанд.[20] Ӯ онҳоро барои эътиқод ба Худованд хоҳиш намуда, ба мулоқоти шахсӣ бо Худаш даъват мекард. Покизагии маънавии ҳаёти Исо имрӯз ҳам барои ҳамаи мо намунаи ибрат аст. Ӯ метавонист душманони худро бо гуфтани он ки „Кист аз шумо, ки Маро ба гуноҳе таъна зада тавонад?“[21] мағлуб мекард. Бо чунин даъво касе ёфт намешуд. Исо барои иҷрои мақсади бузурге омада буд ва маҳз тозагии ботинии Ӯ ба ин роҳ медод. Муфассалтар дар ин бора мо дар боби ҳаждаҳ гуфта мегузарем.

## ИҚТИБОСҲО


1. Ҳастӣ 3:15; Ваҳй 22:20
2. Матто 1:18; Қуръон 19:16–35
3. Луқо 2:41–50
4. Юҳанно 1:29
5. Ҳастӣ 22:13; Ибодат 6:24–30
6. Матто 1:21
7. Матто 5:21–30
8. Юҳанно 13:13
9. Ҳизқиёли набӣ 3:3
10. Дониёли набӣ 7:13–14
11. Матто 7:28–29
12. Марқӯс 1:14–15
13. Матто 13:1–23; Юили набӣ 2:32
14. Марқӯс 5:35–42; Луқо 17:11–19
15. Марқӯс 6:30–46; 8:1–10
16. Матто 8:23–27; Марқӯс 4:35–39
17. Луқо 5:24–27
18. Матто 8:27
19. Матто 9:9–13
20. Луқо 19:1–10
21. Юҳанно 8:46

# 9
# ТАСЛИБ

Мумкин ба касе душвор бошад, ки чаро чунин пайғамбаре, ки покизагиро таълим медод, то ваколатдору хирадманд бошем, бо чунин марги даҳшатовар дар салиб кушта шуд. Чунин қатле мисли таслиб намудан барои куштани ҷинояткорони қаторӣ истифода мешуд. Ин дар ниҳоди баъзе касон чунон эътирози сахте бедор мекунад, ки онҳо инро ба ҳақиқат қабул карда наметавонанд. Вале Китоби Муқаддас меомӯзад, ки Исо на танҳо барои таълим додану табобат кардан омадааст. Мақсади асосии Вай дарвозаи бахшоишро барои мардум кушодан ва дар салиб ҷон додан буд.

Петрус, яке аз ҳаввориён, хеле озурда ва дар тааҷҷуб монда буд, вақте шунид, ки марги худро худи Исо чунин пешгӯӣ карда буд. Вале дертар Петрус фаҳмид, ки ин интихоби Худованд будааст. Ҳамаи инро чанд садсола пеш аз таваллуди Исо Ишаъёи набӣ пешгӯӣ карда буд ва дар ин бора дар боби чоруми китоби худ гуфтааст.[1] Ин маънӣ, ки аз се як ҳиссаи Инҷил ба ҳодисаи марги Исо дар салиб ва аз нав зинда шудани Вай бахшида шудааст, далел бар он аст, ки то чӣ андоза ин воқеа муҳим аст.

## СУИҚАСД

Баъзе аз яҳудиён ба Исо эътиқод доштанд ва баъзеҳо муқобили Вай буданд. Алалхусус пешвоёни динии, ки дар симои Исо харобии мавқеи худ ва ҳукумати худро медиданд, душмании ошнопазир нисбат ба Ӯ доштанд. Бинобар ин дар арафаи иди Фисҳ онҳо Исоро зиндонӣ карданд, ба таҳқири Худо Ӯро гунаҳкор донистанд. Баъд Ӯро ба ихтиёри ҳокимони Рум супорида илова намуданд, ки Вай ба муқобили қайсари Рум пешгӯиҳо дошта, мардумро метавонад ба шӯриш бархезонад.

## МУРОФИАИ ИСО, МАРГИ ВАЙ ВА ЭҲЁ ШУДАН

Ҳокими румӣ Пилотус Исоро маҳкуми марг намуд, бо вуҷуди он ки Ӯро се бор тамоман бегуноҳ дониста буд.[2] Вай маслуб гардид ва баъд аз он, ки шаш соат аз таслибаш гузашт,

ҷон дод. Агар Исо дар салиб мурда, дар қабр боқӣ мемонд, ин чунин маънӣ медошт, ки Вай Масеҳи ваъдашуда набудааст. Мо медонем, ки дар он рӯзҳо одамони зиёде таслиб шуда буданд. Вале баъди се рӯзи вафот ва ба хок супорида шуданаш Исо зинда шуд.[3] Дар муддати чил рӯз одамони зиёде Ӯро зинда медиданд ва баъди он дар пеши чашмони онҳо Ӯ ба осмон рафт.[4]

## САВОЛИ МАРКАЗӢ

Масеҳиён тасдиқ мекунанд, ки „...Масеҳ мувофиқи навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо қурбон шуд“.[5] Ва маҳз ҳамин Мухолифат дар ақидаҳо аст Яҳудиҳо Исоро чун Масеҳ қабул намекунанд ва бовар надоранд, ки Исо дар салиб мурда бошад, вале боз ғайритабиӣ аст фикр кардан, ки Вай аз мурдаҳо зинда шудааст. Исломи собитқадам аз ин амиқтар рафта, ҳодисаи таслибро инкор мекунад.[6] Якҷоя бо ин ислом Масеҳ будани Исоро қабул дорад ва боло баромадану фуруд омадани дуюмбораи Ӯро пешгӯӣ мекунад.

Олимони равияи Аҳмадияи исломӣ мегӯянд, ки Исо таслиб шуда буд, ва аз салиб дар ҳолати беҳушӣ ҷудо карда шуда, дар қабр ба худ омадааст ва баъди ин ба Кашмир рафта, дар синни 120 солагӣ вафот карда аст.[7] Дараҷаи баланди бемасъулиятиву беадолатӣ мебуд, ки Худованд чунин кунад, ки Исо ҳамин гуна бе ягон асос мурда бошад. Вале як ҳолати ғайримуқаррарии муҳим вуҷуд дорад, ки мурдани Исоро на танҳо фаҳмо, балки зарурӣ низ мегардонад!

Худованд муқаддас асту инсон гунаҳкор. Миёни онҳо ҷарие вуҷуд дорад. Вафоти Исо чӣ гуна ба ин падида таъсир мекунад? Ишаъёи набӣ 53:4 дар дигар оятҳои Аҳди Ҷадид шарҳ медиҳад, ки чаро Исо вафот кард. Вафоти Ӯ ҷазое барои гуноҳи ӯ набуд. Вай барои гуноҳи ту ва ман вафот кард. Ӯ ҷиноятҳои моро ба худ гирифта, ҷазо дид. Бар дӯши Ӯ оқибати ҳамаи гуноҳҳои аҳмақонаи мо гузошта шудааст.[8]

Ивазшавӣ дар салиб сурат гирифтааст. Кӯшиш кунед тасаввур намоед, ки ҳамаи гуноҳу ғазабе, ки аз шумо ва аз ман гирифта шудаанд, ба Исо бор шуданд. Дар ин бора андеша намуда, суханони Ишаъёи набиро 53:4–6 хонда, аз Худованд хоҳиш кунед ба шумо ёрӣ диҳад, то дар дили худ ҳақиқатро бинед.

Акнун Шумо мефаҳмед, ки вафоти Исо бузургтарин масъалаи инсоният, наздик шудан, барқароршавии

муносибатро бо Худо ҳал мекунад? Ҳалли масъала дар он нест, ки мо кӯшиши ба Ӯ наздик шудан намудем ва дар ин ҷода расму одатҳои гуногун ва рафторҳои бисёр накӯкоронаро иҷро намудем. Не ин тавр нест! Некии мо дар вазн дар тарозуи Худовандӣ аз бадии мо бештар аст. Исо ботамом аз ин тарозу зиштиро берун мекунад. Ӯ тамоми бадиро бар дӯши худ мегирад, ки аз мо зуҳур намуда буд. Ва насиби Ӯ гардид, ҳар чи мебоист ба мо расад, яъне ҷазо барои гуноҳҳои мо.[9]

Акнун мо мефаҳмидагӣ шудем, ки мебоист Исо вафот кунад. Фавти Исо маънии онро дорад, ки худи Худованд ҳали мушкилоти моро бар дӯши худ гирифт, зеро одам аз ҳалли онҳо оҷиз буд. „Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки писари ягонаи худро дод…“[10] Агар мо таслибро рад намоем, мо Исоро дурӯғгӯй мебарорем, зеро аз ин марги худ Ӯ қаблан хабар дода буд. Ӯ ба шогирдони худ гуфт, ки бояд ба Байтулмуқаддас рафта, аз дасти рӯҳониёни пир ва эътиқодмандони китобҳо азобҳо дида, кушта шавад ва дар рӯзи севвум аз нав зинда гардад.[11] Ҳамчунин Ӯ гуфт, ки омадааст ҳаёташро қурбон кунад ва гуноҳи бисёриҳоро харидорӣ кунад.[12]

Дар Қуръон танҳо як бор аз таслиби Исо хотиррасон мегардад ва он ҳам хеле хира тасвир шудааст.[13] Вале дар Аҳди Ҷадид ба он чанд ишора ҳаст, ки Исо дар ҳақиқат дар салиб вафот кардааст. Худи Исо аз ҳақиқати ин воқеа чунин шаҳодат медиҳад: „Ва зинда; ва Ман мурда будам, ва инак то абад зинда ҳастам…“[14]

Мо мебинем, ки мувофиқи пешгӯиҳои Навиштаҳо Исо Наҷотдиҳандаи ягона мебошад. Китоби Муқаддас эълон мекунад: „Дар ҳеҷ кас дигар наҷот нест ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он Наҷот ёбем“.[15]

## НАЗАРИЯИ ИВАЗКУНӢ

Баъзеҳо бар онанд, ки барои пайғамбар кушта шудан дараҷаи баланди бешарафист, бинобар ин ҳеҷ мумкин нест, ки Исо таслиб шуда бошад. Вале ҳам дар Қуръон ва ҳам дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки яҳудиён чанд пайғамбарро бегуноҳ куштаанд.[16]

Баъзе аз мусулмонон тахмин мекунанд, ки на Исо, балки каси дигаре ба ҷои Вай кушта шудааст.[17] Баъзе бар ин

ақидаанд, ки ин Яҳудои Исқарют, ва дигарон Шимъуни Қуриниро тахмин мекунанд.

Қуръон касеро ном намебарад. Агар мо қабул намоем. ки таслибшуда Яҳудои Исқарют буд ва Худованд чеҳраи ӯро то ҳадде тағйир додааст, ки ба Исо монанд шудааст, ин маънии онро дорад, ки Худованд ба беадолатӣ гунаҳкор мегардад, ки тамоман қобили қабул нест. Ин назарияро тарафдорӣ кардан, маънои онро дорад, ки Худованд корҳои аз вақт берун мекардааст.

Ба Шимъуни Қӯринӣ рӯй меорем. Мегӯянд аз он, ки вай салиби Исоро мебурд, мардум ӯро Исо пиндошта хато карданд! Ва мебояд ба худ ҳамон саволро дод, ки чӣ тавр Исо, расули ҳақиқии Худованд, ба чунин фиреби мудҳиш роҳ дод? Ин аз тасаввур берун аст. Ва ин назария ба тахмине мебарад, ки Худованд тарафдори фиреб будааст.

## НАЗАРИЯИ МАДҲУШШАВӢ

Уламои Аҳмадия мегӯянд, ки Исо ҳақиқатан ҳам таслиб шуда буд, вале дар ҳолати аз ҳуш рафтан аз салиб гирифта шуд, чунки ӯро мурда пиндоштанд. Дар қабр ба худ омада, дертар ба Ҳиндустон рафт ва то замони вафоташ — синни 120 солагӣ ба тарғибу ташвиқ машғул буд. Гарчанде ин назария ҳиссае аз таълимоти ойини Аҳмадиён аст, ба шахси мусулмоне тааллуқ дорад, ки пайрави Аҳмадия нест.[18]

Исо дар Байтулмуқаддас, Яҳудия ва Сомария ҳамагӣ севуним сол буд ва дар ин муддат чанд мӯъҷиза нишон дод. Дар ин бора мо маълумоти пуррае дар китоби таърихӣ дар даст дорем ва ҳамчунин шоҳидоти зиёде дар бораи ҳаёт ва машғулияти Ӯ. Пас магар ин аҷиб нест, ки гарчанде Вай мувофиқи назарияи равияи Аҳмадия дар Ҳиндустон беш аз 80 сол ба таблиғу ташвиқ машғул шуда бошад, ягон шаҳодате дар бораи эътиқодмандони Ӯ дар даст надорем? Илова бар он, тадқиқотҳо нишон доданд, ки оромгоҳе, ки ба Исо нисбат медиҳанд, мақбараи шоҳзода Юз Осиф будааст.

Агар ба ин назария бовар кунем, ба хулосае омадан мебояд, ки расулҳои Аҳди Қадим, ки дар бораи Исо пешгӯиҳо намудаанд, дурӯғгӯй будаанд. Исо худ маргашро дар салиб пешгӯӣ намуда, аз нав зинда шуданашро шаҳодат додааст. Ба назарияи беҳушшавӣ пайравӣ намудан маънои онро дорад, ки Исо дурӯғгӯй буд ва ҳам шахсе, ки маъмурияти мубаллиғии худро дарк накардааст.

## ИҚТИБОСҲО


1. Ишаъёи набӣ 52:13–53:12
2. Юҳанно 18:28–19:25
3. Матто 27,28
4. Аъмоли Ҳаввориён 1:1–9
5. Нома ба қӯринтиён 15:3–4
6. Қуръон 4:157–158
7. Мирзо Ғулом Аҳмад. Исо дар Ҳиндустон, с. 59–60
8. Марқӯс 10:45; 2-нома ба Қӯринтиён 5:21; 1-Петрус 2:21–25, Нома ба Румиён 3:21–31
9. Ҳизқиёли набӣ 18:20
10. Юҳанно 3:16
11. Матто 16:21
12. Матто 20:28
13. Қуръон 4:157
14. Ваҳй 1:18
15. Аъмоли Ҳаввориён 4:12
16. Қуръон 4:155
17. Мавлоно Абдул Маҷид Дарёбодӣ, Қуръони муқаддас. Карочӣ, 1970, ҷ.1, саҳ. 96-А
18. Аҳмад Дидат. Таслибкунӣ ё чашмпӯшӣ, Бирмингем, 1986

# 10

# ИСОИ ЭҲЁШУДА

Исо баъди мурдан аз нав зинда шуд барои пешгӯии пайғамбарона, чӣ тавре ки Худаш гуфта буд. Вақте ки Ӯ дигаронро зинда мекард шогирдонаш дар ҳайрат мемонданд, акнун Ӯ комилан бар марг ғалаба намуда, зинда гардид. Бегоҳии рӯзи аввали ҳафта Вай ба назди ҳавворийни Байтулмуқаддас омад. Бо сабаби номаълуме Тумо, яке аз ҳавворийн, дар он ҷо набуд. Вақте ба ӯ гуфтанд, ки Исои эҳёшударо диданд, ӯ бовар накарда гуфт: „То дар дастҳои Ӯ ҷойи меххоро набинам ва ангушти худро дар ҷойи меххо нагузорам ва дасти худро дар қабурғаи ӯ нанихам, бовар нахоҳам кард“.[1]

Баъди ҳафта, вақте ки ҳамаи ҳавворийн бо Тумо аз нав ҷамъ омаданд, Исо омад ва гуфт: „Салом бар шумо бод.“! Ва баъд ба Тумо гуфт: „Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва дастҳои Маро бубин; ва дасти худро биёр ва ба қабурғаи Ман бигузор; ва беимон набош, балки имон дошта бош“[2] Тумо дигар шубҳа намекард. Вай фарёд зад „Эй Худованди ман ва эй Худои ман!“ Исо дар ҷавоби ӯ гуфт: „Ба хотири он, ки маро дидаӣ, имон овардӣ; Хушо касоне, ки надида имон меоваранд“.[3]

Исо ба шогирдонаш гуфт, ки Вай кушта мешавад ва боз эҳё мегардад.[4] Баъди эҳё шудан, ба хотирашон овард: „Ин аст он чизе, ки чун бо шумо будам, ба шумо мегуфтам, ки ҳар он чи дар Таврoти Мӯсо ва дар Саҳифаи анбиё ва Забур дар бораи Ман навишта шудааст, бояд ба амал ояд“.[5]

Баъди чанд рӯзи меъроҷи Исо Петрус ҷасурона шаҳодат дода, дар бораи ӯ ба халқ гуфт: „Вале Худо завлонаи маргро шикаста, Ӯро эҳё кард, зеро ғайриимкон буд, ки марг Ӯро дар қайдаш нигоҳ дорад“.[6]

**ХӮРДАГИРӢ**

Аз шаҳодати Аҳди Ҷадид бармеояд, ки агар Исои Масеҳ эҳё намешуд, имони мо ботил мегардид. Мо ҳама нест мешудем ва ҳеҷ умеде дар Наҷоти мо намебуд (марҳамат карда хонед: Номаи экуми Павлус ба Қӯринтийн 15:14–19). Аз рӯзи эҳёи Исо то алҳол душманон моҳияти ҳаётии ин ҳодисаро мефаҳманд, бинобар ин бо ҳар роҳ кӯшиш менамоянд, ки вайро беэътибор кунанд.

## МӮЪҶИЗАИ ЮНУС

Боре дар давраи ҳаёти заминии Исо фарисиён аз Ӯ хоҳиш карданд, ки ба онҳо мӯъҷизае нишон диҳад. Исо ба онҳо ҷавоб гуфт: „...Чунон ки Юнус се шабонарӯз дар шиками моҳӣ буд, Писари Одам низ се шабонарӯз дар оғӯши замин хоҳад буд“.[7] Аз ин гуфтор баъзе чунин хулоса мекунанд, ки чун Юнус дар шиками моҳӣ зинда буд, Исо ҳам дар қабр зинда буд.[8] Вале минбаъд дар матни Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки „дар ин ҷо шахси аз Юнус бузургтар аст“ (саҳ 30) ва „дар ин ҷо шахси аз Сулаймон бузургтар аст“ (саҳ 31). Дар байни ин ду ҳолат фарқиятро пайдо кардан осон аст:

1. Юнус вазифаи худро самимона иҷро намекард, дар сурате, ки Исо хоҳиши Падари Худро ихтиёрӣ иҷро мекард.
2. Таблиғи Юнус ба ғайри яҳудиён нигаронида нашуда буд, Исо бошад барои ҳамагон ва исроилиён ҳам таблиғ мекард.
3. Ҳалокати Юнус дар баҳр ҳатмӣ набуд, дар сурате, ки Исо ва тақдири Вай ба дасти пурқудрати бераҳмонаи ҳокимияти мардумӣ ва ҳарбиён афтода буд, ки мислашро боре ҷаҳон надидааст.
4. Аз таблиғи Юнус шоҳ ва халқ тавба карданд: баръакси он хитоби Исоро ҳукуматдорон нашуниданд ва ҳатто Ӯро таъқиб ҳам мекарданд.

Дар қавли навишташудаи Исо танҳо муқоисаи замонӣ: муддате ки ӯ дар зери замин бояд мебуд ва Юнус дар шиками моҳӣ ба назар гирифта шудааст. Монандии ин ду ҳодиса бо ҳам дар ҳамин ҷо ба охир мерасад. Илова бар он, Исо минбаъд аз афзалиятнокии худ нисбати Юнус сухан мегӯяд, бинобар ин эҳёи Ӯ ин мӯъҷизаест, ки ба ҳодисаи аз шиками моҳӣ зинда баромадан қобили муқоиса нест, чунки ӯ аз нав зинда мегардад. Агар Ӯ дар ин муддат беҳуш мебуд, аз ин ҳеҷ мӯъҷизаро натиҷа намудан зарур намебуд.

## ТАШРЕҲИ МУФАССАЛ

Пеш аз он ки Исо таслиб карда шуд, Ӯро бераҳмона кӯфтанд. Бисёриҳо Ӯро мурда диданд, ҳатто аскарон, ки онҳо чӣ будани маргро хуб медонанд. Яке аз онҳо найзаро ба паҳлӯи Исо халонид, то бовар кунад, ки Вай мурдааст.

Пайкари вайро аз салиб ҷудо карда, кафанпеч карда, чун бовар карданд, ки мурда аст, Ӯро ба тобут ба ғор гузоштанд, ки дар санги калоне канда шуда буд. Даромадгоҳи онро бо сангҳои калоне банд карданд. Ба санг мӯҳр гузошта посбон монданд.

Чаро кушандагони Исо назди қабри Ӯ посбон гузоштанд? На ҳамеша барои ҳифзи ҷасади мурда аскар мегузоранд. Ҷавобаш дар Китоби Муқаддас дода шудааст. Исо гуфта буд, ки Ӯ кушта шуда ба қабр гузошта мешавад, вале дар рӯзи саввум ба зиндагӣ бармегардад. Ба аскарҳо барои он фармони посбонии тобутро дода буданд, ки шогирдони Исо пайкари Ӯро надузданд. Худатон аз китоб хонед: Матто 12:38–40; 16:21; 17:22–23; 20:18–19; 26:32; 27:63; Марқӯс 9:9–10,31; 10:33–34; 14:28,58; Луқо 9:22–23; Юҳанно 2:19–22; 12:32–33.

Ба ҳама эҳтиёткории ҳокимон нигоҳ накарда, дар рӯзи сеюм қабр холӣ буд. Санги калон аз ҷояш дур карда шуда, посбонон беҳуш шуда буданд. Дар тобут танҳо кафан буд, ҷасади Исо набуд. На ҳокимони румӣ ва на яҳудӣ наметавонистанд ҷасади Исоро ба халқ нишон диҳанду исбот намоянд, ки Вай мурдааст. Вақте ки шоҳидон мегуфтанд, ки Вай зинда шудааст, ҳокимон дар муқобили ин далели радкунандае надоштанд.

## ШОҲИДОН

Исоро минбаъд шахсони зиёде зинда дидаанд. Ана, номгӯи онҳо:

| | |
|---|---|
| **Ду Марям** | (Матто 28:10) |
| **Симони Петрус** | (Луқо 24:34) |
| **Ду номнагуфта шогирд** | (Луқо 24:13–35) |
| **Марями Маҷдалия** | (Юҳанно 20:10–17) |
| **Даҳ ҳаввориӣ** | (Юҳанно 20:19–24) |
| **Даҳ ҳаввориӣ ва Тумо** | (Юҳанно 20:26–29) |
| **Ҳаввориёни замони меъроҷ** | (Аъмоли ҳаввориён 1:9–10) |
| **Беш аз 500 одам якбора** | (Номаи якум ба Қӯринтиён 15:6) |

Ҳамаи номбурдагон Исоро хуб мешинохтанд ва хато карданашон ғайриимкон аст. Моро метавонанд бипурсанд, ки чаро мо бовар дорем, ки шаҳодати ин мардум дурӯғ набуд? Яке аз сабабҳои ин боварӣ он аст, ки баъди меъроҷи Исо

ҳаёти ин шогирдон ба куллӣ дигар шуд. Шогирдоне, ки метарсиданд ва вақти ҳабси Исо гурехтанд, якбора ғайри одат далер шуданд! Китоби Муқаддас қисса мекунад, ки Петрус, Юҳанно ва дигар ҳаввориён рӯбарӯ бо мардуме, ки Исоро ба куштан дода буданд, истода аз фармони онҳо саркашӣ намуданд. Онҳо таблиғотро на танҳо пеши мардум, балки пеши ҳокимоне, ки Исоро ба куштан дода буданд, мебурданд.[9]

## ИЛТИМОС

Дӯстони азиз! Мо ба ҳақиқате боварӣ дорем, ки Исо баъд аз мурдан эҳё шуд. Вай гуфтааст: „Ва зинда; ва Ман мурда будам ва инак, то абад зинда ҳастам!“[10] Ӯ дар ҳақиқат метавонад моро аз гуноҳҳоямон наҷот диҳад. Мо бо шумо дар ҷамъияте зиндагӣ мекунем, ки мардуми зиёде дар бораи тақдири худ фикр намуданро бас карданд. Биёед ба худ пурра ҳисобот диҳем, ки ҳаёт баъд аз марг тамом намешавад. Ва бисёр муҳим аст, ки ҳоло дар бораиояндаи худ андеша кунем. Китоби Муқаддас ба мо ваъда медиҳад, ки агар мо ба Исо бовар карда, дар ҳама кор ба Ӯ гӯш диҳем, монанди Вай аз нав эҳё мешавем ва ҳаёти абадии бисёр равшанро дар осмон бо Худованди пурқудрат, меҳрубон ва Раҳмони худ соҳиб мегардем.

## ИҚТИБОСҲО

1. Юҳанно 20:25
2. Юҳанно 20:26–27
3. Юҳанно 20:28–29
4. Марқӯс 9:31
5. Луқо 24:44
6. Аъмоли ҳаввориён 2:24с
7. Матто 12:39–40
8. Аҳмад Дидат. „Меъроҷи Юнус чист“, Бирмингем, 1985, саҳ.6
9. Аъмоли ҳаввориён 4:9–12
10. Ваҳй 1:18

# 11
# ШАХСИЯТИ ИСО

Шумо эҳтимол дар бораи Исо акнун чизҳои зиёдеро медонед. Ҳамчунин дидед, ки мусулмонон ҳам мисли насрониён Исоро чун пайғамбари Худо эътироф мекунанд; Вай Калом ва Рӯҳи Худованд аст. Акнун мо аниқтар ба шахсияти Вай назар мекунем.

То аҳди Исо яҳудиён одатан муъҷизотро ба пайғамбарон нисбат медоданд. Қуръон ҳам ҳамон мӯъҷизотеро, ки Китоби Муқаддас ба Вай нисбат медиҳад, эътироф мекунад. Мӯсо ҳам мисли дигар пайғамбарон мӯъҷизаҳо мекард. Вақте одамон диданд, ки Исо ҳам мӯъҷизот нишон медиҳад, табиатан ба хулосае омаданд, ки Вай ҳам пайғамбар аст. Ҳатто дар баъзе мавридҳо Ӯро пайғамбари бузург меномиданд.[1]

Китоби Муқаддас қисса мекунад, ки баъд аз он ки Исо зиёда аз панҷ ҳазор одамро бо панҷ нон ва ду моҳии майда сер намуд, одамон гуфтанд: „Ин дар ҳақиқат он пайғамбар аст, ки мебоист ба ҷаҳон биёяд“.[2]

Онҳо дар бораи пайғамбаре мегуфтанд, ки фуруд омадани Ӯро Мӯсо пешгӯӣ карда буд. Исо бешубҳа тасдиқ намуд, ки ҳамон „Пайғамбар“ аст. Ӯ ба яҳудиёне, ки бовараш накарданд, гуфт: „...агар шумо ба Мӯсо имон медоштед, ба Ман ҳам имон меовардед, чунки вай дар бораи Ман навиштааст“.[3] Саволе ба миён меояд, ки оё Ӯ аз пайғамбар афзалият дошт?

## ҲАЁТИ БЕНУҚСОНИ ИСО

Аз ибтидои таваллуд Исо пок ва бенуқсон буд. Ҳам дар Китоби Муқаддасу Қуръон ҳам мо мебинем, ки пайғамбароне чун Иброҳим, Мӯсо, Довуд аз Худованд бахшиш пурсидаанд, вале мо ягон сураеро ҳам намеёбем, ки Исо узр хоста бошад. Ӯ ба муқобилонаш ошкоро мегӯяд: „Кист аз шумо, ки маро ба гуноҳе таъна зада тавонад?“[4] Ягон кас натавонист ягон гуноҳ ё айби Ӯро нишон диҳад. Ҳатто ҳокими румӣ Пилотус маҷбур буд гӯяд, ки: „Ман дар Ӯ ҳеҷ айбе намеёбам“.[5] Касеро бегуноҳ донистан осон аст, вале барои исбот кардан, ки бегуноҳ аст, шаҳодати дигарон зарур аст. Аз ҳама беҳтар

дар ин бора шаҳодати дӯстон ва шогирдони Исо аст, ки Ӯро хуб медонанд ва замоне бо Ӯ якҷоя зиндагӣ кардаанд. Петрус оятеро аз Аҳди Қадим меорад, ки ба Исо дахл дорад: „Ӯ гуноҳе накардааст ва дар забонаш таърифе набуд“[6] Дар ҷои дигар гуфта шудааст: „...монанди мо дар ҳама чиз озмудаи васвасае буд, вале гуноҳ накард“.[7]

Исо ҳар он чизеро ки ба дигарон меомӯхт, ҳамаи онро дар ҳаёти худ ба вуҷуд меовард. „Таблиғоти рӯикӯҳии Вай“ (Матто 5–7) инъикоси ҳамон ҳаёти соддае аст, ки Вай аз сар мегузаронид. Вай худаш мегуфт, ки барои амалӣ кардани қонунҳои Аҳди Қадим омадааст.

## ҚУРЪОН ИСОРО ЧӢ МЕНОМАД?

Дар Қуръон шахсияти Исо дар 15 сура хотиррасон мешавад. Номи Исо 25 бор (дар тарҷумаҳои инглисӣ бештар ҳамчун „Иисус“ оварда мешавад), 11 бор Ӯ *Ал-Масеҳ* (Христос, Мессия) ва боз 23 бор дар бораи Ӯ чун *Ибни Марям* сухан меравад. Ҳамчунин Ӯро *Абд ё Абд Аллоҳ* ном мебаранд.

| **СУРА** | **ИСО** | **АЛ-МАСЕҲ** | **ИБНИ МАРЯМ** |
|---|---|---|---|
| 2:87,136,253 | 3 | 0 | 2 |
| 3:45,52,55,59,84 | 5 | 1 | 1 |
| 4:157,163,171,172 | 3 | 3 | 2 |
| 5:17,46,72,75,78,110–116 | 6 | 5 | 10 |
| 6:85 | 1 | 0 | 0 |
| 9:30–31 | 0 | 2 | 1 |
| 19:34 | 1 | 0 | 1 |
| 25:50 | 0 | 0 | 1 |
| 33:7 | 1 | 0 | 1 |
| 42:13 | 1 | 0 | 0 |
| 43:57,63 | 1 | 0 | 1 |
| 57:27 | 1 | 0 | 1 |
| 61:6,14 | 2 | 0 | 2 |

## ҒОЛИБИЯТИ Ӯ БАР ГУНОҲ

Мо боварӣ дорем, ки танҳо Худованд қодир аст гуноҳҳоро бахшад. Исо низ чунин қудратро соҳиб аст. Чунин воқеаро мисол меорем: Боре вақте ки Исо дар хонае машғули таблиғ буд, чанд одам дар бистар маслуқеро оварданд. Онҳо кӯшиш

карданд ки, ки ӯро ба хона дароранд, вале азбаски одамони бисёре он ҷо ҷамъ шуда буданд, иҷрои ин амал ғайриимкон буд. Пас онҳо ба болои бом баромада, шифтро кушоданд ва ӯро ба пеши Исо фуровcovered.

Исо садоқати онҳоро ба имон дида, ба маъюб гуфт: „Гуноҳҳои ту бахшида мешаванд“. Одам бояд, ки чун инро шунавад, дар тааҷҷуб монад. Фарисиён ва омӯзандагони қонун дар дил андешиданд, ки: „Ин кист, ки куфр мегӯяд? Кӣ метавонад гуноҳро авф кунад, ғайр аз Худованд?“

Исо фаҳмид, ки онҳо чӣ андеша доранд ва пурсид: „Гуфтани кадом осонтар аст? «Гуноҳҳои ту бахшида мешаванд», ё гуфтан, ки «Хез ва қадам зан?» Барои он ки ба онҳо исбот кунад, ки Ӯ ҳукми бахшидани гуноҳро дорад, ба маслуқ гуфт: «Ба ту мегӯям, хеста бистаратро гир ва ба хонаи худ рав». Ҳамон замон бемор аз ҷояш хесту бистарашро гирифта, Худовандро саногӯён ба хонааш рафт“.[8]

Бори дигар Исо ба зане гуфт: „...гуноҳҳоят бахшида шуданд... бо саломатӣ бирав“.[9]

Ӯ ҳам сиҳат шуд барои тасдиқи он ки гуноҳҳояш бахшида шудаанд. Исо на танҳо гуноҳҳоро бахшида метавонист, Ӯ ҳамчунин метавонист, ки рафти ҳодисаҳои табииро идора кунад. Одамон моту мабҳут шуда, хитоб мекарданд: „Ҳатто бодҳо ва мавҷҳо ба Ӯ итоат мекунанд!“[10]

Аз амалҳои Исо мо мебинем, ки Ӯ иқтидори беинтиҳо дошт: Маризонро бо сухан ва расонидани даст даво мекард. Ӯ ин ҳуқуқро ба ҳавворие̇н низ дода буд: онҳо низ бо номи Вай мӯъҷизаҳо мекарданд. Боре Исо гуфт: „Агар чизе ба исми ман биталабед ман онро ба ҷо хоҳам овард“.[11]

## ИСО ХУДОВАНДИ ЭҲЁСТ

Марде бо исми Лаъзор вафот намуд ва аз гӯрондани вай чаҳор рӯз гузашта буд. Исо ба қабри вай наздик шуда фарёд кард: „Эй Лаъзор, берун ой!“ — ва Лаъзор зинда ва саломат берун омад![12]

Исо эълон намуд: „Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам: Ҳар ки ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам зинда хоҳад шуд“.[13] Дар ҷое аз Китоби Муқаддас мо тасдиқи аълои онро мее̇бем, ки танҳо ба воситаи Исо метавонем бахшидани гуноҳҳоямонро ба даст орем ва наҷот ёбем.[14] Мо дидем, ки чӣ гуна гуфтори Ӯ дар амал тасдиқ мешуд. Вай аз пайғамбар болотар буд. Шумо дар ин бора чӣ андеша доред?

## ИҚТИБОСҲО

1. Луқо 7:11–17
2. Юҳанно 6:14
3. Юҳанно 5:46 (Такрори шариъат 18:15–22)
4. Юҳанно 8:46 (Қуръон 38:23–24; 28:15–16; 26:82)
5. Юҳанно 18:38; 19:4,6
6. 1-Петрус 2:22 (муқ. Ишаъёи набӣ 53:9)
7. Нома ба ибриён 4:15
8. Луқо 5:17–26
9. Луқо 7:36–50
10. Матто 8:23–27
11. Юҳанно 14:14
12. Юҳанно 11:1–44
13. Юҳанно 11:25
14. Юҳанно 14:6; Аъмол 4:12; Нома ба Ибриён 7:25

# 12
# ИСО ПИСАРИ ОДАМИЯТ

Исо бисёр вақт худро „Писари Одам“ меномид ва ин истилоҳро аз дигарон бештар истифода мебурд. Дар ибтидои ибодати худ, ба шогирди нави худ бо исми Натанъил хитоб намуда, худро чунин номид:

„Ба ростӣ ба шумо мегӯям: минбаъд осмонро кушода ва фариштагони Худоро, ки бар „Писари Одам сууд ва нузул мекунанд, хоҳед дид“[1] Бори охирин Ӯ ин номро дар пеши саркоҳини яҳудиён дар шаби таслиб шуданаш истифода намуда, ба вай гуфт: „...пас аз ин Писари Одамро хоҳед дид, ки ба савганди қудрат нишаста, бар абрҳои осмон меояд“[2]

Исо эҳтимол ин номро истифода кардан мехост. Боре Исо бо одамоне, ки Ӯро пайравӣ кардан мехостанд, гуфтугӯ карда истода ба онҳо гуфт: „...рӯбоҳон лона ва мурғони ҳаво ошёна доранд; лекин Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад“.[3] Ӯ худро бо ин исм номида, чӣ мехост гӯяд? Магар Исо табиати одамии худро таъкид кардан мехост? *Магар „Писари Одамият“ танҳо табиати одамӣ доштан мехост?*

Агар мо ба шаклҳои гуногуни истифодаи истилоҳи „Писари Одамият“ дар Аҳди Ҷадид назорат кунем, мефаҳмем, ки (чӣ тавре ки мо аллакай дар боби гузашта дидем) Исо ба ҳокимияти аз Падараш ба Ӯ дода шуда, эътибори баланд медод. Бисёр яҳудиёни маълумотдори босавод медонистанд, ки чаро Ӯ худро чунин меномад. Масалан, охири оламро пешгӯӣ карда, Исо гуфта буд: „Он гоҳ аломати Писари Одам дар осмон намудор хоҳад гардид ва он гоҳ ҳамаи қабилаҳои рӯи замин наздик шаванд ва Писари Одамро бинанд, ки бо қудрат ва ҷалоли азим бар абрҳо меояд“.[4] Чунин тасдиқи Исоро дар муҳокима шунида, саркашиши яҳудӣ дар тани худ либосҳояшро дарронда гуфт: „Ӯ хато гуфт“.[5] Чунин тасаввуроти вай аз он сар зад, ки мувофиқи таълимоти яҳудиён чунин гуфтор танҳо хоси Худованд буд. Хонед, масалан, сураи Забур 103:5.

## ПАЙҒАМБАРИ БУЗУРГ

Шунавандагоне, ки яҳудӣ буданд медонистанд, ки Исо

пешгӯии машҳури худро аз Аҳди Қадим, ки Дониёли набӣ шабаҳашро дида буд, иқтибос мекунад.

„Дар хоби шаб ман дидам ва инак мисли Писари Одам бо абрҳои осмон меомад ва то замони кӯҳан (аҳди қадим) расид ва ба ҳузури Ӯ наздик оварданд. Ва салтанат, ҷалол ва малакут ба Ӯ дода шуд , то ки ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва забонҳо Ӯро ибодат намоянд; Салтанати Ӯ салтанати ҷовидонист, ки тамом нахоҳад шуд ва Малакути Ӯ нест нахоҳад шуд“.[6]

Таъбири „Писари Одам“ дар ин пешгӯии пайғамбарона мустақиман ба Исо алоқа дорад, ки бо абрҳо меояд. Ба Ӯ ҳукми пурраи ҳокимияти ҳамаи халқҳо ва қабилаҳо дода мешавад. Комилан аён аст, ки Писари Одамият шахси шарафманд аст ва дорои маҷмӯи камолоти одамӣ, шарофат аст.

Дар Китоби Муқаддас таркиби „Писари Одамият“ ба маънии „одам“, „табиати одамӣ“ низ истифода мешавад.[7] Вале ҳангоме ки Исо инро нисбат ба худаш истифода мебарад, ин ифода маънои онро пайдо мекунад, ки Вай дар нақши сурати Худ ягона аст, яъне шахсе, ки Дониёли набӣ дар хоби шабаш ӯро дида буд.

## МАҚСАД

Исо чун Писари Одамият ҳаёти худро қурбони одамон кард ва Худованд Ӯро баъди ин ба боло ба олами фариштаҳо бардошт, то ки ба тамоми фарзандони одамӣ ҳукумат дошта бошад. Исо ба шогирдони Худ дар бораи дар салиб кушта шуданаш, дафн гардида ва аз нав эҳё шуданаш гуфта буд: „Писари Одам ончунон ки дар бораи Ӯ навишта шудааст, меравад“.[8] Вай ба Таврот 21 ва 28, ва китоби Ишаъёи набӣ 53 мурофиат мекунад.

Исо ҳамчунин симои дигари Писари одамиятро барои мо кашф карда худро чун шахси хоксор намоён сохт, ки барои хизмати дӯстонаш кӯшиш мекард ва дар интиҳо Худро фидои онҳо кард. „Таъбири Калом ва ё Калима“ маънои ихтиёрӣ қабул кардани вазифаи хизматгори дӯстонро дорад, яъне на танҳо ба Худованд, балки ба дӯстони худаш ҳам хизмат мекунад. Вай мегуфт: „...Писари Одам на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони худро барои фидояти бисёриҳо бидиҳад“.[9]

Одамоне, ки суханони хуби Исоро қабул намекарданд,

таслиб шудани Ӯро написандиданд. Вале худи Исо медонист, ки баъди таслиб шудан Ӯ шарафманд мешавад ва натиҷаи таслиб арзиши он дорад, ки нафаҳмидани одамонро пинҳон кунад. Андаке пеш аз таслиб шудан Ӯ ба шогирдонаш гуфт: „…соати он расидааст, ки Писари Одам ҷалол ёбад. Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар донаи гандум ба хок афтода намирад, фақат худаш боқӣ мемонад, лекин агар бимирад, донаҳои фаровон меоварад“.[10]

Дар рӯзи сеюми марг дар салиб Худованд Исоро аз мурдагон эҳё намуда, баъди чил рӯз ба боло бардошта шарафманди Малакут гардонд. Рӯзе мерасад, ки Исо барои гирифтани ҳамаи ба Ӯ вобаста будагон бармегардад.[11]

> *„Писари Одам на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони худро барои фидоияти бисёр касон бидиҳад“ (Матто 20:28).*

Инак, мо мебинем, ки Исо Писари Одамият ягона шахсест, ки миёни мардум ба ӯ шараф ва ҳокимият дода шудааст ва касест, ки шарафманди тамоми одамони рӯи замин мегардад.

## ИҚТИБОСҲО


1. Юҳанно 1:51
2. Матто 26:64
3. Матто 8:20
4. Матто 24:30
5. Матто 26:64–65
6. Дониёли набӣ 7:13–14
7. Айюб 25:6, Забур 7:5, Ишаъёи набӣ 51:12
8. Матто 26:24; муқоиса кунем. Юҳанно 12:32–34
9. Матто 20:28
10. Юҳанно 12:23–24
11. Таслӯниқиён 4:16–17

# 13
# ИСО МАСЕҲИ ВАЪДАШУДА АСТ

Миёни мусулмонон ва ғайри онҳо ҳам Исо бештар бо номи Масеҳ машҳур аст. Дар Қуръон танҳо Исо бо унвони *Нузул-ул-Масеҳ* номида шудааст. Ин унвон нисбат ба Исо ёздаҳ бор истифода шудааст ва баъзан бе истифодаи номаш. Вале дар Қуръон боре ҳам шарҳи чунин номида шуданаш оварда намешавад.

Калимаи „Мессия“ (Масеҳ) барои масеҳиён ва яҳудиҳо махсусан муҳим аст, барои мусулмонон ҳам муҳим аст, чаро ки дар Қуръон ишора шудааст. Калимаи инглисии „christ“ аз калимаи юнонии „christos“ — Христос бармеояд. „Мессия“ (Масеҳ) калимаи яҳудӣ аст. Ҳарду калима маънии „Нишонашуда“ — ро далолат мекунанд ва ё „касе, ки барои мақсади муайян фиристода шудааст.“

Дар Аҳди Қадим ин калима баъзан маънии мансабро нишондиҳанда истифода мешуд ва ба маънии кашиш ё шоҳи нишонкашида мансуб буд.[1] Вай ҳамчунин пайғамбарони Худовандро низ ифода мекард.[2] Бидуни ин, чунин мансабро ба подшоҳи форс Куруш, ки аз тарафи Худо нишона карда шуда буд, то ки роҳи аз нав барқарор кардани Байтулмуқаддас ва маъбади онро, ки Навуходоносор вайронаш карда буд, омода созад.[3] Ба ин мансаб аз он ҷиҳат бештар эътибор медодагӣ шуданд, ки Худованд ба Дониёли набӣ баён намуд, ки Масеҳ пас аз барқарор кардани Байтулмуқаддас меояд.[4] Яқин аст, ки ин барои каси муносибе, ки дар кишвари Оллоҳтаъоло барҳамзананда ва ҳукмрони тавоно мебояд бошад, мақоми мувофиқе буд. На танҳо Дониёли набӣ ҳамчунин Ишаъё, Микои набӣ, Закариёи набӣ ва дигар пайғамбарон дар бораи пайдоиши Вай пешгӯиҳо карда буданд.[5]

## ИСО МАСЕҲИ ВАЪДАШУДА АСТ

Масеҳиён боварӣ доранд, ки маҳз Исо Масеҳ мебошад. Исо дар ин бора худаш шаҳодат дода буд. Яҳудиён лашкаркаши тавоноеро мунтазир буданд, ки сарзамини онҳоро аз забткунандагон озод намуда, ҳукумати Исроилро барқарор кунад ва Исо ба онҳо гуфт, ки Ӯ на барои он

омадааст, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки Ӯ хизмат кунад ва ҷонашро барои шафоати бисёриҳо бахшад.[6]

## ШАҲОДАТИ ФАРИШТА

Вақте ки ба назди Марям фаришта омад, то ки ба ӯ аз таваллуди писараш хабар диҳад, чунин гуфта буд: „Ва писаре хоҳӣ зоид ва ту Ӯро Исо хоҳӣ номид, зеро ки Ӯ қавми худро аз гуноҳҳояшон наҷот хоҳад дод“.[7] Исо тасодуфӣ ин номро, ки маънияш „Худо меомурзад“ аст, нагирифтааст. Баъди таваллуди Исо фаришта ба назди чупонон омад, ки наздики Байт-Лаҳм рамаро мечаронданд. Чупононро тарси мудҳише фаро гирифт, вале фаришта ба онҳо гуфт: „Натарсед, зеро ки муждаи бузурге ба шумо мерасонам, ки он барои тамоми қавм хоҳад буд. Имрӯз барои Шумо дар шаҳри Довуд Наҷотдиҳанда таваллуд шуд, ки Ӯ Масеҳи Худованд аст“.[8]

## ШАҲОДАТИ ШОГИРД

Боре Исо аз шогирдони худ пурсид: „Шумо маро кӣ мегӯед?“ Шимъӯни Петрус ҷавоб дод: „Ту Масеҳ писари Худои Ҳай мебошӣ“. Исо гуфт, ки инро ба шумо Худованд кушодааст ва таъин кард, ки дар ин бора ба ҳеҷ кас нагӯянд.[9] Ӯ медонист, ки бисёре аз мардум мақсад ва таъиноти Масеҳро нодуруст мефаҳманд. Фавран баъд аз ҷавоби Шимъӯни Петрус Исо ба онҳо дар бораи он гуфт, ки Ӯ бисёр ранҷ дида, ҳаёташро мебахшад. Ӯ таъкид мекунад, ки Масеҳ ҳокими заминии шамшер дар даст набуда,[10] балки дарди одамонро ба Худ мегирад.

## ШАҲОДАТИ ИСО

Боре Исо ба зани сомирӣ, ки дар назди чоҳи оби шаҳри хурде дучораш шуд ва дар чашми яҳудиён эътиборе надошт, гуфт ки вай Масеҳ аст. Вақте Исо ба зан гуфт, ки Худованд барои худ одамонеро меҷӯяд, ки ӯро бо рӯҳ ва ҳақиқат саҷда мекунанд, зан ҷавоб дод: „Медонам, ки Христос, яъне Масеҳ меояд. Чун вай ояд, аз ҳар чиз ба мо хабар хоҳад дод“. Исо ба вай гуфт: „Ман, ки бо ту сухан мегӯям, ҳамонам“.[11]

Баъд аз он ки Исо ваколати худро иҷро кард ва ба осмон уруҷ намуд, шогирдонаш мақсади Худовандро фаҳмиданд ва бе дудилагӣ ба дигарон шаҳодат доданд дар бораи Исо, ки Ӯ Масеҳ аст. Масалан, Петрус ба яҳудиён дар рӯзи

Пантикост гуфт: „...Худо Ҳамин Исоро, ки шумо маслуб кардед, Худованд ва Масеҳ гардондааст“.[12]

## МАСЕҲИЯТ ВА ПИСАРИ ХУДОВАНД

Маълум аст, ки дар Навиштаҷоти масеҳи калимоти „Христос“ ва „Масеҳият“ дар як вақт чун „Писари Худованд“ маънидод мешаванд. Аксар онҳоро ҳамрадифи якдигар метавон пайдо кард.

Яҳудиёни имондор Исоро — „Масеҳ“ ва „Писари Худо“ мегуфтанд. Петрус ин ду калимаро дар як вақт истифода мебурд. Петрус гуфт: „Ту Масеҳ, Писари Худои Ҳай ҳастӣ“.[13] Марто, хоҳари Лаъзор, ки Исо эҳьё кард, ба Исо гуфт: „Оре, Худовандо! Ман имон дорам, ки Ту Масеҳ Писари Худо ҳастӣ, Он Шахс, ки ба ҷаҳон меояд“.[14]

Дар Инҷили Марқӯс мо мехонем: „Ибтидои Инҷили Исои Масеҳ Писари Худо“.[15] Дар Инҷили Матто навишта шудааст: „...Исо Масеҳ, ва Писари Худо ҳастӣ“.[16]

Мо ҳамчунон мебинем, ки ҳангоми додхоҳии Исо саркоҳин ҳар ду ин мартабаро истифода намуда, аз Исо мепурсад, ки оё Вай Масеҳ аст: „Туро ба Худои Ҳай қасам медиҳам, ба мо бигӯ, ки оё ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ?“ Инро тасдиқ намуда Исо илова мекунад: „...пас аз ин Писари Одамро хоҳед дид, ки ба тавоноии қудрат нишаста, бар абрҳои осмон меояд“.[17]

Инро гуфта, Исо нузули дуввуми худро дар назар дорад. Яҳудиён дар он ки Масеҳ аз осмон омада, ҳокимияти Худовандиро барқарор мекунад, ҳақ буданд, яъне онҳо чунин фикр мекарданд, ки дар омадани аввал Масеҳ мебоист захматкашида гардад, дар нузули баъдина Ӯ чун шоҳи пурқудрат ва Довар пайдо мешавад.

## ИҚТИБОСҲО


1. Ибодат 4:3; 2-Подшоҳон 1:14
2. Забур 104:15
3. Ишаъёи набӣ 45:1
4. Дониёли Набӣ 9:25
5. Ишаъёи набӣ 11:1–5; Микоили набӣ 5:2; Закариёи набӣ 6:12–13
6. Юҳанно 4:26; Марқӯс 10:42–45; Матто 20:28; Юҳанно 13:15–16
7. Матто 1:21
8. Луқо 2:8–14
9. Матто 16:13–20, Луқо 9:20–21
10. Матто 16:21–28

11. Юҳанно 4:25–26
12. Аъмол 2:36, 1-Қӯринтиён 1:1–3, Нома ба Ибриён 3:6, 1-Петрус 4:1
13. Матто 16:16
14. Юҳанно 11:27
15. Марқӯс 1:1
16. Юҳанно 20:31
17. Матто 26:63–64

# 14

# ИСО ПИСАРИ ХУДОВАНД АСТ

Баъзе одамҳо фикре мекунанд, ки имони масеҳиён дар Исо ҳамчун Писари Худованд, дар имон чунин бунёд мешавад, ки гӯё Худо зан дорад. Савол чунин гузошта мешавад: „Чӣ хел Худо Писар дорад, агар Вай зан надошта бошад?“

## ПАДАР ВА ПИСАР

Дар ягон ҷойи Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки Исо Писари Худованд аст, ҳамчунин ки Худованд зан дорад. Тасдиқи онро ки Худо падар мебошад ва Исо Писар, ба маънои маънавӣ мебояд фаҳмид. Ин унвонро на худи масеҳиён офаридаанд. Маҳз Исо ба мо Худоро чун Падар тасаввур кард. Ӯ ба шогирдонаш дуо гуфтанро омӯхт: „Эй Падари мо, ки дар осмонӣ ҳастӣ! Исми Ту муқаддас бод; малакути Ту биёяд; иродаи Ту чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд; Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ; ва қарзҳои моро бубахш, чунон ки мо низ қарздорони худро мебахшем; ва моро ба имтиҳон дучор макун, балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ; зеро ки Малакут, қувват ва ҷалол то абад аз они Туст. Омин!“[1]

Ифодаи „Падари Осмонӣ“ инъикоси муносибати Худованд ба офаридаҳои вай аст. Худованд Исоро Писар меномад: „Ин аст писари маҳбуби ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи ман бар ӯст“.[2] Ба ин маънӣ Инҷил тасдиқ мекунад, ки Исо Писари Худо аст. Ӯро шогирдонаш чунин меномиданд: „Ту Масеҳ, Писари Худои зинда ҳастӣ“.[3] Худи Исо ин мартабаро тасдиқ намуд. Вақте ки саркашиш Ӯро пурсид: „Оё ту Масеҳ, писари Худои мутабаррак ҳастӣ? Исо гуфт: Ман ҳастам...“[4]

## ИЗҲОРИ НОРИЗОӢ

Ба мо метавонанд гӯянд, ки ибораҳои „Писари Худо“ ва „Падар“ ғояи ифодаи ҷинсӣ доранд, бинобар ин қобили истифода нестанд. Вале аз тарафи масеҳиён аз онҳо даст кашидан беандешагии маҳз мебуд, чунки онро Исо пурра қабул намудааст. Мо медонем, ки одамон ба маъниҳои гуногун калимаҳои „Падар“ ва „Писар“ — ро истифода

мекунанд. Барои мисол, Муҳаммад Алии Ҷинноҳиро падари миллати Покистон ва Маҳатма Гандиро падари миллати ҳинду меноманд. Дар Қуръон роҳакиро „Ибну сабил“ — „Писари роҳ“ меноманд.[5] Вале ин маънӣ надорад, ки роҳ зан дорад, ё Ҷинноҳ ва Гандӣ ҷисман падарони миллати худанд.

Боз мисолҳои дигаре метавон овард. Макка *„Ум ул-Қуро“* — модари шаҳрҳо номида мешавад. Писари амаки Муҳаммад (с) Алӣ *„Абу Туроб“* — „падари хок“ номида шудааст. Ва ҳатто имрӯз ҳам марду занҳои солхӯрда ҷавононро „писар“ ё „духтарам“ меноманд. Чун мисолҳои овардаи болоро ба маънии ҷинсӣ маънидод намекунанд, ҳамин тариқ мо ҳам ифодаи Китоби Муқаддасро аз хусуси он ки Исоро Писари Худо меномад, маънидод намекунем.

## ҶАВҲАРИ МАСЪАЛА

Аз рӯи мазмунҳои Қуръон ва Китоби Муқаддас Худо метавонад бе чашму гӯш бинад ва шунавад мисли мо ва агар рӯй ва дастони Вай аз мо метавонанд фарқ кунанд ва агар Ӯ метавонад дар тахте, ки мислашро мо надорем, нишинад, Ӯ Писарро ҳам бо воситаи махсусе метавонад дошта бошад.

## ИСО ЧУН ПИСАРИ ХУДОВАНД

Фариштае, ки башорати некро ба Марям овард, гуфт: „...мавлуди Муқаддас ҳам Писари Худо номида хоҳад шуд“.[6] Китоби Муқаддас намегӯяд, ки Исо аз сабаби аз Марям таваллуд шуданаш Писари Худо номида шудааст. Ва вай кӯшиши он надорад, ки одами оддиро ба Худо табдил диҳад ва ё Худоҳои дигареро ҷуз Худованди воҳид офарад. Худо ягона аст.

## НАХУСТИН ВА ОХИРИН

Китоби Муқаддас тасдиқ мекунад, ки Исо каломи Худованд аст. „Дар ибтидо Калом буд ва Калом бо Худо буд ва Калом Худо буд. Вай аввал аз Худо буд“.[7] Ин қисм ба мо мегӯяд, ки Исо Каломи абадии Худост. Чун Худо абадӣ аст, Исо Писари Вай ҳам абадӣ аст. Ва ин каломи абадии Худо қариб ду ҳазор сол пеш аз Малакут ба ҷаҳон нузул намуд; аз духтари бокира Марям таваллуд шуда, одам гардид.

Мусулмонон иқрор шуданд, ки каломи абадии Худованд

китоб гардид. Пас чаро дар ин ҳолат бовар кардан мумкин нест, ки Каломи Худованд инсон шуд бо номи Исо? Мисли ин дар Қуръон баъд аз шашсад соли китобати Китоби Муқаддас қавле, ки Исо Каломи Худо аст, қобили қабул дониста шуд.[8]

## ИСО ЧУН ПИСАРИ ХУДО НОДИР АСТ

Аксаран мегӯянд, ки ифодаи „Писари Худо“ дар Китоби Муқаддас ба маъние дучор мешавад, ки ҳамаи мавҷудоти одамӣ фарзандони Худованд номида мешаванд, бинобар ин вақте ки Исо худро писари Худо меномад, ин аз орият хостан чизи беш нест.[9]

Вале дар асоси гуфтори Исо дар бораи Худаш ба чунин натиҷагирӣ омадан ғайриимкон аст. Дар бораи Худаш гуфта, Исо ба ин ифода маънии тамоман комили дигар медод, нисбат ба он, ки баъзеҳо худро „писарони Худовандӣ“ меноманд. Магар метавон аз ин зиёдтар баёнияе қатъӣ мисли ин овард: „...ҳама чизро Падарам ба Ман супурдааст; ва ҳеҷ кас ҷуз Падар намедонад, ки писар кист; ва ҳеҷ кас намедонад ки Падар кист, ҷуз Писар ва касе, ки писар бихоҳад, ба вай ошкор кунад“.[10]

Ягон пайғамбар ва ҳаввориe дар ягон ҷо дар бораи худаш бо ин тарзи ифода сухан нарондааст. Аҷоибот надорад, ки яҳудиён чунин шаҳодат додаанд: „Касе ҳаргиз монанди Ин Шахс сухан нагуфтааст“.[11]

## КАСЕ, КИ МАРО ДИД

Исо ба қатъият мегуфт, ки Ӯ ба замин аз Малакут фуруд омадааст ва ҳамеша вуҷуд дошт.[12] Вай гуфт: „...пеш аз он ки Иброҳим пайдо шуд, ман ҳастам“.[13] Одамони давраш фаҳмиданд, ки Ӯ чиро дар назар дорад. Баъзе аз онҳо барои задани Ӯ санг ҷамъ мекарданд, барои Худоношиносиаш. Инро яҳудиён шуниданд, ки Исо гуфтааст, ҳанӯз то таваллуди Иброҳим зиндагӣ мекард ва ин ки номи шахсии Воҷибулвуҷудро, ки Мӯсо кашф кардааст, ба забон ронд: „Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам“ (Бин. Хуруҷ 3:14), бо ин худро бо Худо баробар кард.

Исо Худоро дуо мекард: „Ва акнун Ту, эй Падар, Маро назди Худ ҷалол деҳ ба ҳамон ҷалоле, ки пеш аз ҳастии олам назди Ту доштам“.[14] Вай ба шогирдонаш гуфт: „Ҳар ки Маро бинад, Падарамро дидааст“.[15]

Оё ин онро баён мекунад, ки Худо ҳамшакли Худро дорад? Исо чиро дар назар дорад? Дар симои Вай шакли беҳтарини Худо ифода шудааст. Илова бар он Исо мегуфт: „Зеро ки Падар ба ҳеҷ кас доварӣ намекунад, балки тамоми довариро ба Писар супурдааст, то ки ҳама Писарро эҳтиром кунанд, он чунон ки Падарро эҳтиром мекунанд“, ки фиристодаи Ӯст.[16]

## ШАҲОДАТИ БЕБАҲСИ БУЗУРГИИ ВАЙ

Дар кӯҳи Дигаргунии Муқаддас Худо ба шогирдон гуфт: „Ин аст Писари маҳбуби ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст, Ӯро гӯш кунед“.[17] Яке аз ҳаввориён ин воқеаро ба хотир оварда, навиштааст: „Зеро ҳангоме ки мо қувват ва омадани Худованди мо Исои Масеҳро ба шумо хабар додем, аз паи афсонаҳои фиребгарона нарафтаем, балки бузургии Ӯро бо чашми худ дидаем… Ва ин овозро, ки аз осмон омада расид, мо шунидаем, ҳангоме ки бо Ӯ дар кӯҳи муқаддас будем“.[18]

## САВОЛИ АСОСӢ

Чаро Худованд ба замин Каломи абадии Худро нузул кард? Ҳамин тавр, чунки Ӯ офаридаи Худро дӯст медорад ва Ӯро мехоҳад ба худаш боз баргардонад. Ана барои чӣ Китоби Муқаддас мегӯяд: „Ҳар ки ба Ӯ бовар кунад, ҳаёти абад меёбад“. Чаро? Барои он ки Исо роҳи ягона ба сӯи Худо аст, ба мавҷудияти Худованд ҳам. Вай гуфт: „Ман роҳ, ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди падар ояд, магар ин ки ба воситаи Ман“.[19] Ба мо гуфта шудааст: „…Дар ҳеҷ каси дигар Наҷот нест ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, ки ба воситаи он Наҷот ёбанд“.[20]

## ИҚТИБОСҲО


1. Матто 6:9–13
2. Матто 3:17
3. Матто 16:16
4. Марқӯс 14:61–62
5. Қуръон 2:177; 4:171
6. Луқо 1:34–35
7. Юҳанно 1:1–2
8. Қуръон 3:45
9. Аҳмад Дидат, *Christ in Islam,* pp. 28–29
10. Луқо 10:22

11. Юҳанно 7:46
12. Юҳанно 6:51
13. Юҳанно 8:58–59
14. Юҳанно 17:5,24
15. Юҳанно 14:9–10
16. Юҳанно 5:22–23
17. Матто 17:5
18. 2-Петрус 1:16,18
19. Юҳанно 14:6
20. Аъмоли ҳаввориён 4:12

# 15
# ИСО УСТОДИ БУЗУРГ АСТ (масалҳо)

Гарчанде ибодати Исо ҳамагӣ севуним сол давом кардааст, дар ин муддат Ӯ Худро чун устоди бузурге дар ҷаҳон нишон дод. Ӯ мӯъҷизоти беназире нишон дода, тарзи нави зиндагиро ёд дод. Таълимоти Вай душвор набуд. Гуфтори Ӯ ба мардуми оддӣ фаҳмо буд. Ӯ гуфтори худро бо масалҳо баён мекард. Масал қиссаи аз ҳаёт гирифтае мебошад, ки маънии махсус дорад. Дар ин боб мо чанде аз масалҳои гуфтаи Исоро ба муҳокима мегузорем.

Моҳияти таълимоти Исо аз усулҳои муҳиме иборат буд, ки Вай истифода мекард. Ҳамаи таълимоти худро дар бораи тарзи нави зиндагӣ дар чунин ҷумла ҷамъбаст мекард: „Пас ҳар он чӣ мехоҳед, ки мардум бо шумо кунанд, шумо низ ба онҳо ҳамон тавр кунед; зеро ин аст Таврот ва Суҳафи анбиё“.[1]

**Малакути Худо**

Як мавзӯи асосӣ омӯзиши Ӯ — Малакути Худо Буд. Вай башорат мекард: „Ки вақт расидааст ва Малакути Худо наздик аст: «Тавба кунед ва ба Инҷил имон оваред»“.[2]

Ин ба ҳамаи мо чун ишорае садо медиҳад, ки ҷаҳон беназорат нест. Худованд ҳама чизро мебинад, вале ба мо имконияти озодона амал карданро додааст. Мо мошинаҳое нестем, ки Худо идора кунад. Аввалан, мо офаридаҳои озодем, вале Худо рафтори моро ба ҳар ҳол идора мекунад. Дар бораи салтанати Худо сухан ронда, Исо ба мардум пешниҳоди итоатро мекунад. Барои фаҳмонидани он ки салтанати Худо чӣ гуна аст, Исо масалеро қисса мекунад.

**МАСАЛ ДАР БОРАИ КИШТКУНАНДА**

„Ана, кишткунанда барои донапошӣ баромаду вақте ки тухм мепошид, баъзе донаҳо ба роҳ меафтиданд ва мурғон онҳоро чинданд. Қисми дигари тухмӣ ба санглох афтодаанду чун он ҷо каме замин ҳаст, ба зудӣ баромаданд. Вале чун гармии офтоб зиёд шуд, аз барои он ки онҳо решаи чуқур надоштанд, пажмурда шуданд. Дигаре дар хорзор афтоданд ва чун хорҳо баланд шуданд, онҳоро пахш карданд. Қисми дигари тухмӣ ба замини хуб афтода, ҳосил доданд: яке ба

сад баробар, дигаре ба шаст баробар, қисме сӣ дар сад“.[3]

Равшан аст, ки ҳосил аз навъи замине вобаста аст, ки тухмӣ ба он меафтад. Исо мехоҳад гӯяд, ки агар дилҳои мо раҳму шафқатро фаромӯш карда бошад, мо ҳавобаланд ва худписанд бошем, дар ин сурат агар ба мо тухмии хуб афтад ҳам, яъне агар мо дар бораи ҳукми илоҳӣ шунавему донем ҳам, Ӯро қабул намекунем. Вале агар мо дар он ҳолат иродаи Худоро қабул намуда, дар зиндагии худ онро татбиқ намоем, салтанати Худованд дар дили мо ҷой хоҳад гирифт.

## ГАНҶИ НИҲОНӢ

Бори дигар Исо масалеро дар бораи ганҷи дар замин ниҳонбуда қисса мекард. Одам Ӯро пайдо мекунад: „...ва аз шодии он рафта ҳар чӣ дошт, фурӯхт ва он киштзорро харид“.[4] Ҳа, дар ҳақиқат, вақте ки мо қудрати Худоро соҳиб мешавем, ба шодмонии калоне соҳиб мегардем, вале фаромӯш мекунем, ки Барои қудрати Худо соҳиб шудан нархи калон бояд супорем. Аз он сабаб, ки мо узви тавоноии Ӯ шуда, пайравии Исоро сар кардем, бисёр касон ба ғазаб омаданд. Виҷдони мо барои атрофиёнамон номувофиқ шуд. Мо метавонем дӯстон, бародарон ва хоҳаронро аз даст диҳем. Оилаҳои мо метавонанд аз мо рӯй гардонанд. Дохил шудан ба ҳукми Худованд метавонад гум кардани ҷойи корро ифода кунад, маҳбус шавем ва ба марг расем. Исо медонад, ки мо барои ҳуқуқдор шудан ва дохил гардидан ба ҳукми Худо арзиши калонеро аз даст медиҳем, вале Ӯ ба ин арзиш сазовор аст.

Боре фарисиён аз Исо пурсиданд, ки Малакути Худо кай меояд.[5] Ӯ ҷавоб дод: „...Малакути Худо тавре меояд, ки ба назар намоён намешавад; ва намегӯянд: «Инак, он дар ин ҷост», ё : «Инак, дар он ҷост»; зеро, ки Малакути Худо дар дохили шумост.“ Миёни шунавандагони Исо одамоне низ буданд, ки инқилоби сиёсиро интизорӣ доштанд. Онҳо мехостанд, ки Исо ба маънии сиёсӣ Масеҳ бошад, то ҳокимони румиро пеш намуда, Байтулмуқаддасро аз ситам озод кунад. Исо ин андешаро рад менамуд, зеро ин масъалаи асосӣ набуд. Масъалаи асосии инсоният на ин ё он сохти сиёсӣ, балки гуноҳ аст.[6] Исо омада буд, ки гуноҳро ғалаба кунад. Мувофиқи таълимоти Вай Малакути Худо моҳияти ҳамагонӣ дорад, Вай барои интихобшудагон таъин нашудааст. Ин тасодуфӣ набуд, ки Исо мегуфт, ки ин

Малакут дар дохили дили одамиён аст. Барои он ки вай барқарор гардад, ба оянда мунтазир шудан зарур нест, вай дар ҳамин ҷо ва худи ҳозир барқарор мешавад. Одам дар сурате узви ин Малакут мегардад, ки пайрави Исо бошаду таълимоти Ӯро иҷро кунад.

## БОЙИ БЕАҚЛ

*Киштзори як марди сарватдор ҳосили фаровоне овард; Ва дар дили худ андеша карда гуфт: „Чӣ кунам, модоме ки барои анбор сохтан барои ҳосили худ ҷое надорам?“*

*Ва гуфт: „Чунин мекунам: анборҳои худро вайрон карда, калонтарашро бино мекунам ва дар он ҷо тамоми ғалладона ва тамоми дороии худро ҷамъ меоварам. Ва ба ҷони худ мегӯям: «Эй ҷони ман! Дороии бисёре барои чандин сол дорӣ: осуда бош, бихӯр, бинӯш ва димоғчоқӣ кун.»“*

*Вале Худо ба вай гуфт: „Эй нодон! Худи имшаб ҷонатро аз ту талаб мекунанд; Пас, он чӣ захира кардӣ, насиби кӣ мешавад?“*

*Чунин аст ҳоли касе, ки барои худ ганҷҳо ғун мекунад, вале пеши Худо сарвате надорад... Зеро ки малакути Худоро биталабед ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд.* *(Луқо 12:16–21, 31)*

## МАСАЛ ДАР БОРАИ ПИСАРИ НОҚОБИЛ

*Шахсе ду писар дошт; Ва хурди онҳо ба падар гуфт: „Эй падар ! Он ҳиссаи молу мулкро, ки бояд ба ман расад, ба ман деҳ.“ Ва падар дороии худро ба онҳо тақсим кард.*

*Баъд аз чанд рӯз писари хурдӣ ҳар он чӣ дошт, ҷамъ карда, ба кишвари дурдасте рафт ва дар он ҷо дороии худро дар айшу нӯш исроф намуд.*

*Вақте ки ҳамаашро сарф кард, қаҳтии сахте дар он кишвар рӯй дод ва ӯ ба мӯҳтоҷӣ дучор шуд; ва рафта хизматгори яке аз сокинони он кишвар шуд, ки вай ӯро ба саҳрои худ фиристод, (то ки хукбонӣ кунад; ва ӯ орзу дошт шиками худро аз харнубе (як нав растанӣ, ки донаҳои онро мехӯранд С.Н.Б.), ки хукон мехӯранд пур кунад, лекин ҳеҷ кас онро ба ӯ намедод.*

*Оқибат ӯ ба худ омада гуфт: „Чӣ қадар мардикорони падарам нони фаровон доранд, аммо ман дар ин ҷо аз*

*гуруснагӣ ба ҳалокат мерасам! Бархоста назди падарам меравам ва ба вай мегӯям: Эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардам ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам; маро ҳамчун яке аз мардикоронат қабул кун". Ва ӯ бархоста, сӯи падараш равон шуд. Ва ҳанӯз ӯ хеле дур буд, ки падараш ӯро дида, раҳмаш омад ва тозон рафта, ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид.*

*Ва писар ба вай гуфт: „Эй падар, ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам". Аммо падар ба ғуломони худ гуфт: „Либосҳои беҳтарине оварда, ба ӯ бипӯшонед ва ангуштарин ба дасташ в а мӯза ба пойҳояш бидиҳед. Ва гӯсолаи охуриро оварда сар буред то ки бихӯрем ва димоғчоқӣ кунем, зеро ки ин писарам мурда буд, зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд". Ва ба димоғчоқӣ шурӯъ карданд.*

*Лекин писари калонии вай дар саҳро буд ва ҳангоме ки баргашта ба хона наздик шуд, садоҳои суруду сурур ба гӯшаш расид ва яке аз хизматгоронро ҷеғ зада пурсид, ки ин чӣ маънӣ дорад? Вай ба ӯ гуфт: „Бародарат омад ва падарат гӯсолаи охуриро сар бурид, чунки ӯро сиҳату саломат дид".*

*Ӯ ба хашм омада нахост ба хона дарояд. Вале падараш баромада ӯро ҷеғ зад. Аммо ӯ дар ҷавоби падараш гуфт: „Инак, чандин сол аст, ки ман ба ту хизмат мекунам ва ҳаргиз аз фармони ту гардан натофтаам; вале ту ҳаргиз ба ман як бузғола ҳам надодаӣ, то ки бо дӯстони худ маишат кунам; аммо ин писарат, ки дороии туро ба фоҳишаҳо барбод додааст, гашта омад, ту барои вай гӯсолаи охуриро сар буридаӣ!".*

*Падар ба ӯ чунин ҷавоб дод: „Писарам! Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ ва ҳар он чӣ ман дорам, аз они туст. Вале барои он шодӣ мекунам, ки ин бародарат мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд, ёфт шуд..."*

*(Луқо 15:11–32)*

Исо ин масалро на барои он қисса кард, ки атрофиёнро рӯҳбаланд кунад. Ӯ мехост нишон диҳад, ки Худо шахси аз ҳама гунаҳкорро ҳам бахшида метавонад, агар ӯ тавба карда, рӯ ба Худованд орад. Вай мехоҳад, ки ҳамаи одамон озод

шуда, бо ёрии Исо ба назди ӯ биёянд. Дар ин масал мо саргузашти шахсеро мебинем, ки аз Худо баргашта, роҳи худро меҷуст. Вале Худованд, ки бо ғамхории беназири Худ ва накӯиаш дари марҳамати худро ҳамеша кушода мемонад, дар интизори он аст, ки дар рӯзи хубе ин фарзанди Одам чароғи роҳнаморо дида, ба назди Ӯ бармегардад.

## БАРОИ ЧӢ ИСО?

Чаро эътирофи Исо роҳи ягонаи малакути Худоро ба мерос бурдан аст? Барои он ки Вай ҳокими ин қаламрав аст. Вай мисли ҳокимони заминӣ амал намекунад. Вай мавқеи тамоман баръакси пешоҳангиро пешниҳод мекунад. Исо ба шогирдонаш маслиҳат медиҳад: „...ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад; Ва ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи ҳама шавад; Зеро писари одам низ на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидоияти бисёр касон бидиҳад.“[7] Баъд Ӯ ҳаёташро барои мо дод.[8] Аз тарафи дигар, Ӯ исбот намуд, ки сазовори бовар кардан аст бо он ҳама афзалият ва ғайбгӯӣ, ки бузургтаринаш эҳё шудани Вай аст (Нома ба Румиён 1:4; Муқ. Нома ба Румиён 10:9).

Исо барои пайравонаш боварӣ ба оянда бахшид. Дар рӯзи қиёмат ӯ ба шахсоне, ки пайравиаш кардаанд, мегӯяд: „Биёед, эй баракатёфтагон, аз Падари Ман Малакутеро, ки аз ибтидои офариниши олам барои шумо муҳайё кардааст, мерос бигиред“.[9]

## ИҚТИБОСҲО

1. Матто 7:12
2. Марқӯс 1:14–15
3. Матто 13:3–8
4. Матто 13:44
5. Луқо 17:20–21
6. Юҳанно 6:15
7. Марқӯс 10:43–45
8. Юҳанно 13:4–11
9. Матто 25:34

# 16

# ИСО УСТОДИ БУЗУРГ АСТ (МӮЪҶИЗАҲО)

Чун мо қаблан дарк намудем, Исо расули оддӣ нест. Ӯ аз пайғамбар хеле пешраванда аст. Китоби Муқаддас Ӯро „Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон“[1] эълон мекунад. Исо ба яҳудиёни бедин мегӯяд: „Агар аъмоли Падари Худро ба ҷо намеоварам, ба Ман имон наоваред; Ва агар ба ҷо меоварам, ҳарчанд шумо ба Ман имон намеоваред, пас ба аъмол имон оваред, то бидонед ва бовар кунед, ки Падар дар Ман аст ва Ман дар Ӯ.“[2]

Қуръон дар ақидаи он ки Исо мӯъҷизот нишон медод, бо Китоби Муқаддас ҳамовоз аст. Вай ба кӯрон биноияшонро бармегардонид, мурдагонро зинда мекард. Аз Инҷил мо дармеёбем, ки бо таълимот ва мӯъҷизаҳояш Исо мехост фаҳмонад, ки нузули Ӯ аз Худованд то чӣ андоза аҳамият дорад. Ба талаботи одамон мувофиқ мӯъҷизаҳо нишон медод ва инро на барои он мекард, ки корҳои ҳайратовар доштанашро нишон диҳад, Вай мехост, ки одамон чизе аз ин бештарро фаҳманд.

**МӮЪҶИЗАИ АВВАЛИН**

Дар базми арӯсӣ Исо обро ба май табдил дод. Ин май (вино) мазаи олӣ дошта, касе аз меҳмонон қаблан мисли онро нанӯшида буд.[3] Бо ин Исо чиро нишон медод? Ӯ нишон медод, ки чизи овардаи Вай аз ҳама чизи то ин дам вуҷуддошта беҳтар аст. Аз ин каромот мо медонем, ки Исо Худованди комил аст. Бо донистани он, ки Наҷотбахши мо кӣ аст, ҳар касе набошем, Ӯ ҳатман моро дигар мекунад ва ба чизе комилтар табдил медиҳад.

**ҲАЁТИ КУДАК**

Боре ба назди Исо падари гирифтори дарду ғаме омад, ки писараш дар дами марг буд ва аз Исо хоҳиш кард, ки омада бачаро шифо бахшад. Исо ба ӯ гуфт: „Рав, писарат зинда аст“.[4] Падар баргашта рафту хизматгораш ӯро пешвоз гирифта гуфт, ки писарча шифо ёфт. Вай пурсид, ки соатҳои чанд писарча сабукӣ ёфт ва фаҳмид, ки ин замоне буд, ки

Исо ба вай гуфт: „Рав писарат зинда аст“. Ӯ ва аҳли оилааш ба Исо имон оварданд.

Мо ин воқеаро хонда, мефаҳмем, ки Исо масофаро ҳам фатҳ карда метавонист.Ӯ дар ҳар сурат аз мо дур будан наметавонад. Исо гуфт: „...Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам“.[5] Вай бе зарурат „Исо“ яъне „Худо наҷот медиҳад“, номида нашудааст. Ва моро ҳам лозим мебояд ба касе рӯй оварем, ки қудрату тавоноӣ дорад.

## ОДАМ ДАР ҶОЙИ ШИНОВАРӢ

Дар асри аввали солшумории мо дар Байтулмуқаддас ҳавзе бо номи Байт-Ҳасдо хеле машҳур буд. Дар атрофи ин ҳавз ҳар рӯз тӯдаи беморон ҷамъ мешуданд. Ривояте буд, ки гоҳ-гоҳе Фариштаи Худованд ба ҳавз даромада обро мешӯрад ва касе, ки аввалин шуда дар ин об шиноварӣ кунад, шифо меёбад.[6]

Боре Исо ба лаби ҳавз омада, касалеро дид дар бистари худ хобида буд. Ин мард сиву ҳашт сол боз ба дарди фалаҷ гирифтор буд. Исо ӯро пурсид: „Мехоҳӣ саломат бошӣ?“ Ҷавоби мусбат шунида, Исо ба ӯ гуфт: „Хез, бистаратро гир ва бирав“. Бемор дарҳол шифо ёфта, бистари худро гирифта рафт.

Ин воқеа чиро омӯзанда аст? Мо гуноҳкортарин одамон бошем ҳам, дари тавба барои мо кушода аст. Исо метавонад моро бубахшаду наҷот диҳад, ин аз худи мо вобаста аст. Худованд ба касе маҷбуран шифо намебахшад. Мебояд ошкоро ба Худованд ниёз овард ва ба Ӯ имкон дод, ки моро мардони комил гардонад. Худованд ҳамеша ҳолатро назорат мекунад, вале Ӯ боре ҳам беиҷозат ба ҳаёти мо дохил намешавад, то даме ки Исоро чун Наҷотдиҳандаи худ қарор надиҳем.

## СЕР КАРДАНИ ПАНҶ ҲАЗОР ОДАМ

Боре Исо панҷ ҳазор одамро бо панҷ нон ва ду моҳии майда сер намуда, ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Ин воқеа дар биёбоне буд ва рӯз қариби бегоҳ. Ҳаввориён мехостанд одамонро ба деҳоти наздик барои харидани хӯрокворӣ фиристонанд. Вале Исо хост, ки онҳоро аз хӯрок сер кунад. Яке аз ҳаввориён бачаеро пайдо кард, ки панҷ нон ва ду моҳии майда дошт. Ӯ ба Исо гуфт: „...лекин барои ин қадар одам, ин чӣ мешавад?“ Исо ҷавоб надод. Ӯ ба шогирдон фармон дод, ки мардумро шинонанд. Исо нонҳоро гирифта, баракат дод ва пора карда ба шогирдон дод ва шогирдон ба

нишастагон. Ва чун сер шуданд, шогирдон боз дувоздаҳ сабад пораҳои нони боқимондаро ҷамъ карданд.[7]

## ИН БА МО ЧИРО МЕОМӮЗАД?

Одамон Масеҳеро интизорӣ мекашиданд, ки мебоист ғамхори онҳо бошад. Онҳоро мушкилоти ҳамарӯзаи зиндагӣ ба ташвиш меовард. Онҳо аз паи Исо мерафтанд, ки Ӯро шоҳ гардонанд, вале Исо ба онҳо равшан фаҳмонид, ки мақсади асосии ба ҷаҳон омадани Вай Наҷоти одамон аст.[8]

Мувофиқи гуфтори Исо, Худованд ба аҷдодони мо дар биёбон ғизо медод ва дар лаҳзаҳои дармондагӣ ёрӣ мерасонид, вале ҳаёти заминии онҳо хеле кӯтоҳ буд. Вале ғизое, ки Исо овард, ҷовидонӣ аст; Зеро худи Исо маҳзи ғизои абадӣ аст.

Барои эътиқодмандони Исо дар ин воқеа дарси дигаре низ сабт аст. Ҳамон писараки яҳудӣ ҳамагӣ чанд нон дошт ва ду моҳичае, вале Худованд қобилияти чанд маротиба зиёд намудани онҳоро дорад. Ин мебояд моро умедвор гардонад: мо ба Худованд вақту қуввату масолеҳи пулии худро надиҳем ҳам, онҳоро ба чандин бор меафзояд. Кароматти Худованд беандоза аст.

## ИСО ДАР РӮЙИ ОБ МЕГАРДАД

Мардуми зиёдеро ғизо дода, Исо шогирдонро фармуд, ки ба қаиқ нишаста ба соҳили дигар шино кунанд. Онҳо равон шуданд, вале аз шасти боди рӯбарӯ хеле суст шино мекарданд. Ҳаво торик мешуд, вале аз Исо ҳоло дарак набуд. Наздики се мил (ченаки баҳрӣ: ҳар мил ба ҳазору ҳашсаду панҷоҳу ду метр баробар аст. С.Н.Б.) шино карданд. Онҳо Исои ба қаиқ наздикшавандаро диданд, ки рост дар рӯи об равон буд. Шогирдонаш Ӯро сиёҳии шакли касе гумон карда, сахт тарсиданд ва дод гуфтанд. Ӯ дарҳол ба онҳо гуфт: „Рӯҳбаланд бошед; ин манам... на-тарсед.“

Петруси ҳавворӣ Исои бар мавҷҳо равонро дида пурсид, ки оё ӯ ҳам метавонад чунин кунад. „Биё“, — гуфт Исо. Петрус аз қаиқ баромада, ба сӯи Исо равон шуд, вале боди сахтро дида, тарсид ва ғарқ шудан гирифт. Исо фавран дасташро дароз карда, ӯро Наҷот дод.[9]

## ДАРС БАРОИ МО

Исо Худованди табиат аст. Вақте мо қарори пайравии Ӯро мекунем, Вай мегӯяд: „Аз паси ман биё“. Чун дар ин

роҳ мо бо душворие дучор шуда, ба Вай нидои Наҷот доданро мекунем, Вай ба ёрӣ меояд. Ӯ тӯфонро ором намуда, ба Петрус имкон дод, ки дар рӯи об равад. Ва ин ба мо мефаҳмонад, ки дар ҳар вазъияти зиндагӣ Исо бо мост, боварӣ ба Ӯ ҳамеша моро ёрӣ мерасонад, агар ба Ӯ эътиқод дошта бошем. Ҳамчунин имрӯз ҳам, чун дар гузашта, тӯфонро дар дили одамон хомӯш мекунад. Кадом масъалаҳои мушкиле, ки ба сари диндорон наояд ва кадом андӯҳе, ки рӯ ба рӯи мо дар ҳаёт нагардад, Исо ҳамеша Наҷотбахш аст.

## ИСО ХУДОВАНДИ ҲАЁТ АСТ

Исо ба кӯрон биноӣ, ба карҳо шунавоӣ, ба мурдагон ҷон мебахшид. Лаъзор се рӯз боз мурда ва дафн шуда буд, вале Исо дар назди қабри ӯ фарёд зад: „Лаъзор, берун баро!“, — ва ӯ зинда шуда аз қабр баромад.[10]

Ба ин маънӣ, Исо қудрати зинда кардани мурдагонро дорад. Ин ҳайратовар нест, ки Ӯ мегӯяд: „Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам, зинда хоҳад шуд“.[11] Исо боз меояд, ҷаҳонро ҳукмронӣ мекунад. Ӯ ваъда кардааст, ки пайравони Худро ба ҳаёти абадӣ мебарад.[12]

## ХУЛОСА

Таълимоти Исо ва мӯъҷизоти вай дар Китоби Муқаддас сабт шудааст, то ки мо дар амон бошем: „Исои Масеҳ фиристодаи Худост ва ба исми Ӯ имон оварда ҳаёт ёбем.“[13]

## ИҚТИБОСҲО

1. Ваҳй 19:11–16
2. Юҳанно 10:37–38
3. Юҳанно 2:1–11
4. Юҳанно 4:46–54
5. Матто 28:20; муқоиса кунед 1:22–24
6. Юҳанно 5:1–9
7. Юҳанно 6:1–14
8. Юҳанно 6:22–71
9. Юҳанно 6:16–21; Маркӯс 6:47–50; Матто 14:22–32
10. Юҳанно 11:1–45
11. Юҳанно 11:25
12. Юҳанно 6:40
13. Юҳанно 20:31

# 17

# ИСО УСТОДИ БУЗУРГ АСТ (ИМОН ВА АМАЛ)

Аз ибтидои ибодати Худ Исо барои дигар равияҳои динӣ даҳшати бузурге буд, чунки мардуми оддии бисёре якбора пайрави Вай гардиданд. Устодони рӯҳонии онҳо ҳар кадоме Тавротро вобаста ба фаҳмиши худ маънидод карда, бештар ба намуди зоҳирии маросимҳо эътибор медоданд. Исо бошад, бо таълимоти тамоман дигар омад.

**ШАНБЕ**

Шанбе рӯзи ҳафтуми ҳафта аст; ин рӯзро яҳудиён махсусан муқаддас медоранд. Худи ақидаи аз ташвиши ҳамарӯза озод будан хуб аст, вале яҳудиён ба он як қатор манъкуниҳо илова намуданд, ки ба моҳияти ҳақиқии вай тағйироте ворид сохт.

Исо мегуфт, ки дар рӯзи шанбе корҳои шоистаро манъ кардан хуб нест. Барои мисол, Ӯ табобат намудани мардумро дар рӯзи шанбе ба фарисиён чунин маънидод намуд: „Дар рӯзи шанбе кадом кор ҷоиз аст: некӣ кардан ё бадӣ кардан?[1] Ҷонеро наҷот додан ё ҳалок кардан“.[2] Аммо Исо корҳои нек карданро бас намекард. Чӣ тавре ки аз боби гузашта медонем, шахси маслуқро дар лаби ҳавзи Байт-Ҳасдо маҳз дар рӯзи шанбе шифо бахшида буд.[3] Баъди ин воқеъа фарисиён ба ҳаёти вай бештар таҳдид мекардагӣ шуданд.[4]

Исо мехост, ки одамон ин ду чизро аз худ кунанд: нахуст, Худованд дар ҳама рӯзҳои ҳафта ғамхори мардум аст; дуввум, одамон набояд ягон ҳидояти диниро, ки аз тарафи дигарон, ғайри Худованд муқаррар шуда бошад, қабул намоянд. Мо метавонем ба яҳудиёни он рӯзҳо тамасхур намоем, чунки онҳо маросим ва ҳидоятҳои бофтаи мардумро пайравӣ мекарданд, вале наметавон аз худ пурсид, ки ҳар чизеро ки мо мекунем, ба Худованд писанд аст ё не?

**ДУО**

Дар таълимоти Исо дуо мавқеи калоне дорад. Ӯ мегуфт, ки агар мо барои назарфиребӣ ба хотири он ки мардумон бинанд, ки эътиқодманд аст, ибодат кунем,ин аз дурӯягие

беш нест. Ба Худованд чунин ибодат даркор нест. Вай мегуфт: „Ва ҳангоме ки ибодат мекунӣ, мисли риёкорон мабош, ки онҳо дар куништ ва сари кӯчаҳо танҳо худро ба мардум нишон доданро дӯст медоранд.“[5]

Моро мебояд, ки Худовандро рӯҳан ва ҷисман таъзим кунем.[6] Агар рӯҳ ва дили мо сидқан ба Худо нигаронида нашуда бошад, ҳама намозҳои мо беҳуда мебошад. Исо мегӯяд, ки мо бояд дар ибодати худ пурсухан набошем.[7] Яҳудиён ибодатҳое доштанд, ки дар онҳо чизеро тӯтивор такрор мекарданд. Исо таълим медиҳад, ки чунин ибодатҳо ба Худо даркор нест. Худо аз он, ки мо дар ибодатҳо пургӯӣ мекунем ё ифодаеро ба такрор борҳо мегӯем, моро хубтар гӯш нахоҳад кард. Ӯ мегуфт: „Аз ман таълим гиред“.[8]

## ЧӢ ГУНА МЕБОЯД ИБОДАТ КАРД

Исо ба мо намунаи ибодатҳоро дод, ки баъзан „Ибодати Худовандӣ“[9] меномиданд, вале беҳтар мешавад, ки „Ибодати Худовандӣ“ гуфта ҳамонро номанд, ки дар Инҷили Юҳанно оварда шудааст. (17:1–26)

Исо ба шогирдони худ таъин мекунад, ки ин дуоро айнан такрор кунанд. Ба ҳар эҳтимол ӯ барои он дода шудааст, ки мо тасаввуроте дар бораи ибодати ҳақиқӣ дошта бошем. Мо дуо гузошта, бояд аз Худованд хоҳиш кунем, ки ҳокимияти Худро дар замин барқарор кунад, бояд ки талаботҳои рӯҳӣ ва ҷисмии мо иҷро гарданд: „Мо бояд хоҳиш кунем, ки гуноҳҳои моро бахшида, салтанати худро эълон намояд.“

*Эй падари мо, ки дар осмонӣ!*
*Исми Ту муқаддас бод;*
*Малакути Ту биёяд;*
*иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд;*
*Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ;*
*Ва қарзҳои моро бубахш, чунон ки мо низ қарздорони худро мебахшем;*
*Ва моро ба озмоиш дучор макун,*
*балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ, зеро ки малакут.*
*қувват ва ҷалол то абад аз они Туст, Омин!“.*

Исо барои мо таълим надод, ки ба тарафи Байтулмуқаддас нигариста ё ягон тарафи дигар дуо гузорем. Ҳамчунин ягон таълимоте оид ба ҳаракат дар замони ибодат нададааст.

Эътибори Парвардигор бештар ба ибодат дар дили мо аст.

Моро метавон пурсид: дар чанд муддате бояд ибодат кард? Исо ба дуо вақти зиёде ҷудо карда, намози мунтазам ва пеш аз воқеоти муҳими ҳаёташ, мекард. Ҳавввориён ба ин тарз ибодат мекарданд ва маслиҳат доданд, ки мисоли онҳоро пайравӣ намоем.

Дуо бисёр муҳим аст. Вале Китоби Муқаддас моро бар он таълим медиҳад, ки мо имони худро ба корҳои амалӣ табдил диҳем. Ибодатро наметавон чун чизе донист, ки амалҳои ҳаётии моро иваз кунад; Худованд ба ҷои мо кореро намекунад, ки мо худамон бояд кунем. Ӯ дуои моро дида, мушкили моро осон мекунад. Ӯ ибодати моро барои осон кардани он чӣ барои мо муҳим аст, қабул мекунад.

Масеҳиён ба Худо ба воситаи номи Исо рӯй меоранд, чунин талаботро Исо пеш гузоштааст. Дар шахси Исо мо ба Худо наздик мешавем. Худи Исо гуфтааст: „...ҳар чӣ аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато хоҳад шуд. То кунун ба исми Ман чизе талаб накардаед; талаб кунед, то бигиред ва шодии шумо комил гардад“.[10]

## РӮЗА

Баъзан чунин савол медиҳанд: чаро масеҳиён рӯза намедоранд? Онҳо рӯза медоранд,[11] вале на дар моҳи Рамазон. Исо гуфт: „Ҳамчунин ҳангоме ки рӯза медоред, монанди риёкорон туршрӯ набошед; зеро ки онҳо шакли худро дигаргун мекунанд, то ки рӯзадории худро ба мардум нишон диҳанд. Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки онҳо мукофоти худро гирифтаанд. Лекин ту вақте ки рӯза медорӣ, ба сари худ равған бимол ва рӯи худро бишӯй, то ки на дар назари мардум, балки дар ҳузури падари худ, ки пинҳон аст, рӯзадор бошӣ; ва Падари ту, ки пинҳонбин аст, ба ту ошкоро мукофот хоҳад дод.“[12]

Мувофиқи таълимоти Исо рӯза ҳамчун дуо чизи муайяне аст, ки муносибати дутарафаи эътиқодманд ва Офарандаро дар бар мегирад. Исо ҳамеша ҳолати ботинии (дарунӣ) эътиқодмандонро аз зоҳирӣ (берунӣ) беҳтар медонист. Одам метавонад ибодат намуда, рӯза дорад, вале гуноҳаш бахшида намешавад. Дар Китоби Муқаддас шахсе бо исми Корнилюс ёдовар мешавад. Ин марди худотарс миёни дӯстон ва душманон ҳам эътибори хубе дошт. Ӯ диндори қонунӣ буд, бисёр ибодат мекард ва мунтазам рӯза медошт. Эътиқоди

ӯро дида, Худованд ба назди ӯ Петрус,ҳаввории Исоро фиристод, то ба Корнилюс бахшоиш ва башорат диҳад. Петрус ба хонаи Ӯ омада, дар бораи Исо, ҳаёти Ӯ ва азобҳову дар салиб кушта шуданаш нақл кард. Ӯ аз эҳёи Исо ва нузули минбаъдаи ӯ ба сифати Довар қиссаҳо гуфт. Ва танҳо вақте ки Корнилюс ба Исо эътиқод овард, бахшида шуд.[13]

*„Охир рӯзае, ки гузидани Ман бошад, чунин аст: бандҳои оҳанини занҷиратро бикшо, гиреҳҳои бандатро боз кун ва мазлумонро озод намо, ва ҳар бандро бишкан;*

*нони худро бо гуруснагон тақсим кун ва бенавоёни оворагардро ба хонаи худ биёр; вақте ки бараҳнаро бинӣ, ӯро либос пӯшон ва аз ақрабои худ пинҳон нашав“.*

*(Ишаъёи набӣ 58:6–7)*

## ДАҲЯК

Дар аҳди Исо фарисиён ҳамеша дар ташвиши он буданд, ки аз ҳар навъи даромади худ даҳякашро ба Худо бояд бахшид ва инро то ба ҳадди ифрот (худнамоӣ) расонида буданд. Онҳо танҳо машғули он буданд, ки дар ақрабоҳои худ обрӯе пайдо кунанд, ки дар ҳақиқат мардуми хеле баландтабъ намоянд. Исо мегуфт: „Зинҳор садақаи худро дар пеши назари мардум ба амал наоваред, то ки онҳо шуморо бубинанд; вагарна шумо аз Падари худ, ки дар осмон аст, мукофоте нахоҳед дошт. Пас вақте ки садақае медиҳӣ, пешопеши худ карнай нанавоз, чунон ки риёкорон дар ибодатхонаи яҳудиён ва кӯчаҳо мекунанд, то ки мардум онҳоро таъриф кунанд. Ба ростӣ ба шумо мегӯям; онҳо мукофоти худро гирифтаанд. Аммо вақте ки ту садақа медиҳӣ, бигзор дасти чапат аз он чӣ дасти ростат мекунад, хабардор нашавад; То ки садақаи ту пинҳонӣ бошад; Ва Падари ту, ки пинҳонбин аст, ба ту ошкоро мукофот хоҳад дод“.[14]

Барои нишон додани он ки одам бояд ҳамеша барои ба ёрӣ омадан омода бошад, Исо таърихи марди накӯкори Сомариро қисса мекунад. Ин қисса намунаи беҳтарини муҳаббат ба ақрабои худ аст.

## СОМАРИИ МЕҲРУБОН

*„...Як мард, ки аз Байтулмуқаддас ба Ериҳо мерафт, ба дасти дуздон афтод; онҳо либосашро кашиданд; ӯро маҷрӯҳ карданд ва дар ҳолати ниммурда партофта рафтанд. Тасодуфан рӯҳоние аз он роҳ равона буд ва ӯро*

*дида, аз пешаш гузашта рафт. Ҳамчунин марде аз сибти Левӣ, ки дар он ҷо роҳгузар буд, наздик омада ӯро дид ва гузашта рафт. Аммо як шахси Сомарӣ, ки аз он роҳ мегузашт, ба ӯ дучор шуд ва аҳволи ӯро дида, дилаш сӯхт. Ва наздик омада, ба захмҳои ӯ равған ва шароб рехту ҷароҳатбандӣ кард ва ӯро ба аспи худ савор карда, ба корвонсарое овард ва ба ӯ ғамхорӣ намуд; Ва фардои он пеш аз рафтанаш ду динор бароварда ба соҳиби корвонсарой дод ва ба вай гуфт: „Ба ин мард нигоҳубин кун ва агар аз ин зиёдтар харҷ кунӣ, ҳангоми баргаштанам ба ту хоҳам дод“. Пас ба фикри ту кадоме аз ин се нафар ёри он марде буд, ки ба дасти дуздон афтод?“ Гуфт: „Ҳамоне ки ба ӯ марҳамат кард“. Исо ба вай гуфт: „Бирав ва ту низ чунин бикун“ (Луқо 10:30–37).*

Дар замони ҳозира суханҳо дар бораи муносибатҳои меҳрубонона миёни табақаҳо, гурӯҳҳои аҳолӣ ва наҷодҳо бисёр аст. Чандин солҳо қабл аз ин Исо чунин муносибатро пешниҳод намуда буд: „...ва ёри қарини худро мисли худ дӯст бидор.“[15] Қарини ту танҳо касе нест, ки дар ҳамсоягии ту зиндагӣ мекунад, ҳамчунин ношиносест, ки ту бо ӯ дар қатора ё мусофирӣ дар вақти кӯтоҳе дучор мешавӣ. Ин муҳаббати ҷавонмардонае аст, ки аз ҳама болотар дар зиндагии Исо ифода шудааст ва барои наҷоти одамият сарф шуда.[16] Биёед мо дар муҳаббат ва ҳақиқат пайравии Ӯро кунем.

## ИҚТИБОСҲО


1. Марқӯс 3:4
2. Марқӯс 3:6–6
3. Юҳанно 5:1–15
4. Юҳанно 5:16–18
5. Матто 6:5–6
6. Юҳанно 4:24
7. Матто 6:7
8. Матто 11:29
9. Матто 6:9–13
10. Юҳанно 16:23–24
11. Матто 17:21; 1-Қӯринтиён 7:5; Аъмоли ҳаввориён 13:3
12. Матто 6:16–18
13. Аъмоли ҳаввориён 10:1–48
14. Матто 6:1–4
15. Луқо 10:27
16. 2-Қӯринтиён 8:9

# 18

# ИСО ҚУРБОНИИ АЗИМ АСТ

Тантанаи *Ид ал-Азҳо*, ки мусулмонон ҳамасола ҷашн мегиранд, буд. Ман дар паҳлӯи Аҳмад истода, мушоҳида мекардам, ки падари ӯ гӯсфанди қурбониро чӣ гуна сар мебурид. Барои ман тааҷҷубовар ин буд, ки мусулмонон ҳар сол чӣ қадар ҳайвоноти зиёдеро қурбонӣ мекунанд. Ин хеле сол пеш аз ин буд ва ман он вақт дар бораи моҳияти қурбонӣ хеле кам медонистам. Хеле зуд ман ҳам мисли дигарон донистам, ки ин ба хотираи санҷише, ки Худованд нисбат ба Иброҳим намуда фармон дод, ки писарашро қурбонӣ кунад, амалӣ мешавад. Иброҳим пазируфт, вале Худованд дар лаҳзаи охирин писари Иброҳимро бо барра иваз кард.

## ОДАМ ВА ҲАВВО

Китоби Муқаддас зикр мекунад, ки қурбонӣ овардан то замони Иброҳим ҳам буд. Баъди офариниши Одам Худованд ба ӯ истеъмоли меваи дарахти фошкунандаи некӣ ва бадиро манъ кард ва гуфт, ки дар акси ҳол ӯ мемурад.[1] Одам ва Ҳавво беитоатӣ карданд. Онҳо диданд, ки урёнанд ва кӯшиданд, ки шарми худро бо баргҳо паноҳ кунанд.[2] Ин қисса дар Қуръон ҳам хотиррасон карда мешавад.[3]

## ҚОБИЛ ВА ҲОБИЛ

Нахустфарзандони Одам ва Ҳавво Қобил ва Ҳобил буданд.[4] Китоби Муқаддас қисса мекунад, ки ба онҳо қурбонӣ оварданро ёд доданд. Қурбонии Ҳобилро Худованд қабул карда, аз Қобилро рад кард.[5] Ин қиссаро дар саросари Китоби Муқаддас хонда, мо фаҳмидем, ки оилаи Одам медонист, чӣ гуна бо Худо муносибат кунад. Барои ин қурбонӣ овардан зарур буд. Дертар Худо ошкор намуд, ки барои гуноҳ мо сазовори маргем, бинобар ин қурбонии ивазкунанда — ҷуброн *(фидия)* кардан зарур аст.

## ИБРОҲИМ ВА ПИСАРИ Ӯ

Чунин ивазкунӣ дар намунаи воқеаи Иброҳим ва писари ӯ намоён мегардад. Худованд фармон дод, ки Иброҳим

писари худро қурбонӣ кунад ва Иброҳим инро қабул намуд. Вақте ки ӯ кордро ба гулӯи писараш гузошт, Худо ӯро манъ кард ва гӯсфанде дод, то ки ба ҷои писари Иброҳим қурбонӣ карда шавад.[6]

## ГӮСФАНД БАРОИ МАРОСИМИ ФИСҲ

Намунаи хуби дигаре гӯсфанди фисҳ мебошад. Исроилиҳоро дар Миср сахт зулм мекарданд. Ҳокими Миср Фиръавн намегузошт, ки онҳо озодона ба Худои худ ибодат кунанд. Дар замоне Худованд Мӯсоро фиристод, ки исроилиёнро аз Миср берун барорад. Худованд ба Миср офатҳои зиёде фиристод ва дар охир гуфт, ки ҳамаи нахустфарзандони ин заминро нест мекунад. Нахустфарзандони исроилиёнро бошад, Худо аз нобудшавӣ нигоҳ дошт. Мӯсо ҳар оилаи Исроилиро фармуд, ки барраеро қурбонӣ намуда, бо хуни вай паҳлӯдариро ранг кунанд. Фариштаи Худо аз назди дарҳои ранг карда гузашт ва фарзандони бузурги оилаи ин хонаҳо кушта нашуданд. Худованд ваъдаи Худро ба амал овард, нахустзодагони Исроилӣ Наҷот дода шуданд.[7]

## ҚОНУНҲОИ МӮСО

Дар қонунномаи Мӯсо, китоби Ибодат, Худованд роҳи ягонаи ба Ӯ наздик шуданро ба воситаи қурбонӣ нишон дод.[8] Дертар Худо (ба воситаи ҳаворӣ Павлус) гуфт: „…бе рехтани хун бахшиш нест.“[9] Мӯсо ба Исроилиён чӣ гуна қурбонӣ карданро ёд дод. Гунаҳкор мебоист ҳайвони бенуқсонро барои қурбонӣ ба дари ибодатгоҳ меовард. Дар он ҷо он мебоист дасташро ба сари ҳайвон гузошта, бо ин гӯё гуноҳи худро ба ӯ мегузаронд ва сар мебурид. Коҳин аз хуни ҳайвон ба меҳроб хун пошида, боқимондаашро дар ҷои қурбонӣ месӯхт. Худо аҷали ҳайвонро ба ҷои аҷали гуноҳкор қабул мекард.[10]

## САВОЛ

Чӣ тавр ҳайвон метавонад ба ҷои одам мурад, дар сурате ки арзиши одам аз ҳайвон ба чандин бор баландтар аст? Ҳайвон гуноҳи одамро ба худ намегирифт, ин танҳо рамзе буд, ки ба чизи дар охир ба вуқӯъ меомада ишора мекард. Худо инро то замоне иҷозат медод, ки воҳиди комили қурбонӣ барои бахшиши гуноҳҳо оварда нашавад. Ин қурбонӣ барои гуноҳҳои тамоми одамоне, ки ким-кадом давре

зиндагӣ карданд ва боз дар замин зиндагӣ хоҳанд кард, оварда шуд.

## ҚУРБОНИИ БУЗУРГ

Баъди Мӯсо бисёр пайғамбарони Худо дар бораи қурбонии бузург пешгӯӣ карданд. Яке аз онҳо Ишаъёи набӣ буд. Ӯ пешгӯии аҷибе ба забон ронд, ки баъд аз гузаштани чанд садсола дар шахси Исои Масеҳ нақшаи бахшидану наҷот додани одамон аз тарафи Худо амалӣ шуд (Ишаъёи набӣ 52:13–15; 53:1–12).

## ШАҲОДАТИ ЯҲЬЁИ ТАЪМИДДИҲАНДА

Худованд Яҳьёи таъмиддиҳандаро, ки миёни мусулмонон чун Ҳазрати Яҳё маъруф асту аз ҷумлаи пайғамбарони мутаахир аст, фиристод. Яҳьёи набӣ пешоҳанги Исо аст. Вай халқро даъват мекард, ки тавба кунанд ва таъмид гиранд. Як рӯз, вақте ки Исо, ба тарафи Яҳьё меомад, Ӯ дид ва гуфт: „...инак, барраи Худо, ки гуноҳҳои ҷаҳонро мебардорад; инак, Он ки ман дар бораи Ӯ гуфта будам, ки «Пас аз ман марде меояд, ки пеш аз ман будааст, зеро ки Ӯ бар ман пешво буд.»“[11]

## ШАҲОДАТИ ИСО

Худи Исо мегуфт, ки Вай омадааст ҳаёташро барои бахшоиши бисёриҳо[12] бидиҳад ва ҳар кӣ эътиқодманди Ӯ гардад, ҳаёти абадӣ меёбад.[13] Ба сӯи салиб рафта, ин мушкилотро ҳал кард. Дар салиб Ӯ хитоб кард: „Амалӣ шуд!“ — ба хотири он ки мардум фаҳманд, ки мақсади Худованд иҷро гардид[14] Ваъдае, ки ба Иброҳим дода шуда буд, охир иҷро гардид. Исо боре гуфта буд: „Падари шумо, Иброҳим, шод буд, ки рӯзе маро бубинад; ва дид ва шод гардид“.[15] Қуръон мегӯяд; ки Худованд қурбонии бузурги Иброҳимро кафолат дод.[16] Магар қурбоние бузургтар аз он чӣ Исо овард, ҳаст?

Ин роҳи Худо ва роҳи ягона аст. Мо мебинем, ки дар рӯзи севвум Исои мурда эҳё шуд ва нишон дод, ки ҳар кӣ эътиқодманди Вай гардад, ҳузури ҳаёти абадиро бо Худо мебинад. Баъди эҳё шудани худ Исо гуфт: „Ин аст он чизе, ки Ман ба шумо гуфтам бо шумо буда: ҳар он чӣ ки Тавроти Мӯсо ва дар саҳифаи анбиё ва Забур дар бораи Ман навишта шудааст, бояд ба амал ояд...Чунин навишта шудааст ва чунин лозим буд, ки Масеҳ азоб кашад ва дар рӯзи севвум аз

мурдагон эҳё шавад. Ва ба исми Ӯ аз Байтулмуқаддас сар карда, дар миёни ҳамаи халқҳо тавба ва бахшиши гуноҳҳо мавъиза карда шавад.“[17]

## ХУДОВАНД БО МОСТ

Дӯстони азиз, Худованд Одам ва Ҳавворо на барои он ронд, ки бадашон медид, балки барои беитоатӣ. Онҳо гуноҳ карданд. Вале барои он ки онҳоро ба ҳузури худ баргардонад, Худо қарор дод, ки онҳо ва тамоми инсониятро наҷот диҳад. Вақте ки хабари хуш дар бораи Исо ба Ишаъёи набӣ нозил шуд, вай гуфт: „...Ӯро Имонуил хоҳанд номид“,[18] ки маъниаш „Худо бо мо“[19] аст. Исо дар рӯи замин ҳамагӣ 30–35 сол зиндагӣ кард, вале пеш аз ба боло рафтанаш Вай гуфт: „...Ман ҳар рӯз то охирзамон бо шумо ҳастам“.[20]

Кӣ метавонад Наҷотдиҳандаеро, ки ба мо боварии касе надодаро дод, рад кунад? Биёед таълимоти Ӯро пайравӣ кунем.

## ИҚТИБОСҲО

1. Ҳастӣ 2:17
2. Ҳастӣ 3:7–8
3. Қуръон 20:115–123
4. Ҳастӣ 4:1–16
5. Қуръон 5:27–32
6. Ҳастӣ 22:1–18; Қуръон 37:102–109
7. Хуруҷ 12
8. Ибодат 17:1–12
9. Нома ба ибриён 9:22
10. Ибодат 4
11. Юҳанно 1:29–30
12. Матто 20:28
13. Юҳанно 3:14–16
14. Юҳанно 19:30
15. Юҳанно 8:56
16. Қуръон 37:102–109
17. Луқо 24:44,46,47
18. Ишаъёи набӣ 7:14
19. Матто 1:23
20. Матто 28:20

# 19
# НУЗУЛИ ДУЮМИ ИСО

Ислом ва масеҳиятро боварӣ ба он аст, ки Исои дар замин зиндагикунанда зинда ба осмон хуруҷ намуд ва охири охирон ба замин фуруд мекунад.

## БАРГАШТАНИ ИСО МУВОФИҚИ ТАЪЛИМОТИ ИСЛОМ

Таълимоти машҳури ислом тасдиқ мекунад, ки Исо ба замин баргашта, мардумро ба Ислом даъват мекунад, оиладор шуда, фарзандон меорад, баъд вафот карда, дар паҳлӯи Муҳаммад (с) дар Мадина дафн карда мешавад.[1]

Ин маъниро мусулмонон дар асоси такя ба сураҳои зерини Қуръон эътибор мекунанд:

„Ва Вай дар ҳақиқат нишони рӯзи қиёмат аст. Ба ин шубҳа накарда, думболи Ман биёед! Ин роҳи рост аст.“ (А. Юзуф Али, Сура 43:61).

Қисми зиёди олимони ислом инро пешгӯии фуруд омадани дуввуми Исо медонанд. Ин воқеа чун *„Нузули Исо“* ё *„Нузули Масиҳ“*, яъне „фуромадан“ — и Исо машҳур аст. Дар яке аз таълимоти ислом тасдиқ мешавад: „Абу Ҳурайра шаҳодат медиҳад, ки Расули Худо (с) гуфт: Бо номи он, ки ҳаёти ман, дар ихтиёри ӯст, Ибни Марям (с) ба мо чун ҳокими одил мефурояд. Ӯ салибҳоро мешиканад, разилонро (хукҳо) нест карда, андозро бекор мекунад ва баракатро ба чандин борҳо меафзояд, ки арзиши имрӯзаи вай мешиканад“[2]

Чунин аст муносибати ислом ба фуромадани дуюми Исо. Назарияи масеҳия аз ин воқеъа хеле фарқ дорад.

## БАРГАШТАНИ ИСО МУВОФИҚИ ТАЪЛИМОТИ КИТОБИ МУҚАДДАС

Баргаштани Исо аз мавзӯоти муҳими Китоби Муқаддас аст. Вале дар он ишорае нест, ки Ӯ баъди баргаштан чун одами заминӣ зиндагӣ мекунаду баъд мемураду гӯронида мешавад. Дар бораи фуромадани дуюми Исо сухан ронда масеҳиён бегуфтугӯ бар онанд, ки бори аввал ҳам Исо аз осмон фуромада буд. Ин ду боварӣ барои масеҳиён бешубҳа мебошад.

Исо борҳо гуфта буд, ки Ӯ аз осмон омада, боз меояд.[3] Вале фуромадани дуюм аз якум фарқ дорад: Шоҳи ғолиб чун адолатпарвари бузург меояд.

Баъд аз боло рафтани Исо ду фаришта, шогирдони Ӯро дида, гуфтанд, ки Ӯ боз меояд, чӣ тавре ки боло рафтани Ӯро диданд.[4]

Исо таъкид мекард, ки фуруд омадани дуюми Ӯ воқеаи муҳим мегардад: Ӯ чун барқ аз шарқ мебарояд ва то ғарб дида мешавад, чунин мешавад фуромадани Ӯ.[5]

Ӯ моро таъкид мекард, ки пайғамбарони дурӯғине пайдо мешаванд ва Масеҳон низ, ки аз Худ мегӯянд: „Ман Масеҳам“. Вале фуромадани Ӯро ҳар кас мебинад ва ҳар кас шоҳиди он мешавад.

## БАЪДИ НУЗУЛИ Ӯ ЧӢ ВОҚЕА МЕШАВАД

Исо фariштагонро супориш медиҳад, ки тамоми имондоронро гирд оваранд ва онҳо ба олами фариштаҳо гирифта мешаванд.[6] Баъди ин эҳёи тамоми мурдагон мешавад. Исо чунин гуфта: „...зеро соате мерасад, ки ҳамаи онҳое, ки дар қабр мебошанд, овози Ӯро хоҳанд шунид. Ва берун хоҳанд омад — некӯкорон барои қиёмати ҳаёт ва бадкорон барои қиёмати ҳукмӣ.“[7]

Ҳамин тариқа, Исо меомӯзад, ки фуруд омадани Вай воқеаи муҳимтарин мебошад. Ӯ зинда ва мурдагонро адолатхоҳӣ мекунад, ба онҳое зиндагии абадӣ мебахшад, ки Ӯро дӯст медоштанд ва фармонбардор буданд ва муқобилонро ба зулмот пеш мекунад.

Масеҳиён боварӣ доранд, ки дар ин рӯз онҳо ба ҳаёти абадӣ бармегарданд, вале на барои он ки онҳо корҳои нек карданд, балки барои он ки эътиқодманди Исо буданд. Исо мегуфт, ки дар ин рӯз „росткорон дар Малакути Падари Худ чун офтоб дурахшон хоҳанд шуд“.[8]

Агар дар ин рӯзи бузург ҳамаи омоли моро бар мо гузоранд, ҳамаи мо гунаҳкор дониста хоҳем шуд. Ҳар қадар корҳои нек карда бошем, онҳо кофӣ нестанд, ки аз ӯҳдаи пур кардани ковокии миёни мо ва Худо бароянд. Вале инро барои мо кайҳо Исо кардааст. Имондор дар қурбонии бахшояндагии Исо корҳои нек на ба хотири он мекунад, ки дар ҷаннат ҷоеро соҳиб бошад. Ӯ чунин ба хотири он мекунад, ки Исоро дӯст медорад. Исо гуфта: „Агар Маро дӯст доред, таълимоти Маро ба ҷо оред... Ман ба шумо намунае нишон

додам, то чунон ки Ман бо шумо кардам, шумо низ бикунед“.[9] Мо Худовандро эҳтиром мекунем барои бахшоиши бузурги Наҷотдиҳанда, ва ҳар кӣ ба Малакути Худованд дохил намешавад, дар маҳкамаи абадӣ мемонад, — Исо борҳо ба такрор инро таъкид кардааст.[10]

## ОМИЛИ ЗАМОН

Исо гуфтааст, ки вақте бармегардад, ки мардум мунтазираш нестанд. Фуромадани Худро Ӯ ба дузди шаб монанд мекунад. „...агар соҳиби хона медонист, ки дар кадом поси шаб дузд меояд, бедор монда, намегузошт, ки ба хонааш зараре расад. Бинобар ин шумо низ тайёр бошед, зеро дар соате, ки гумон надоред, Писари Одам меояд“.[11]

Исо ҳамчунон гуфт, ки омадани Ӯ ба обхезие монанд аст, ки дар замони Нӯҳ шуда буд: Одамон хӯрок мехӯрданд, менӯшиданд, бо корҳои ҳаррӯзаи Худ машғул буданд, ҳамин дам, ки Нӯҳ ба киштӣ нишаст ва тӯфон сар шуд.[12]

Ба мо метавонанд гӯянд, ки кайҳо ду ҳазор сол гузаштааст, вале Исо ҳанӯз ҳам наомадааст. Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки Худо офаридаи Худро дӯст медорад намехоҳад, ки касе нобуд шавад, барои ин Вай пурсабр аст. Худо мехоҳад, ки ҳар кас тавба карда Наҷот ёбад.[13] Ва мо метавонем, бовар кунем, ки Худо ба ваъдаи Худ вафо мекунад. Рӯзи таъин намудаи Вай фаро мерасад ва Ӯ ин ҷо мешавад. Ҳар рӯзи аз сар гузашта моро ба ин наздик мекунад. Дар ҳақиқат вақт бисёр тез мегузарад. Мумкин аст, ки пагоҳ аллакай дер мешуда бошад.

Танҳо Исо бар марг ғалаба кард. Танҳо Ӯ ба боло ба олами фариштаҳо мушарраф гардида, болотар аз ҳама одамони рӯи замин, аз зинда ва мурдагон, рафтааст. Ва Ӯ барои дурахши бузургии осмонии Худ бармегардад, то онҳоеро, ки Ӯро дӯст медоранд ва то мурдан эътиқодро ба Ӯ нигоҳ доштанд, бо гулчанбари ҳаёти абадӣ мушарраф созад. Ҳама ба Ӯ саҷда мекунанду бо меҳрубонии Ӯ Наҷот меёбанд.

## МАҚСАДИ БАРГАШТАНИ ИСО

Эҳёи мурдагон, яъне аз нав зинда кардани мурдагон, „Ва аз ин тааҷҷуб накунед: зеро соате мерасад, ки ҳамаи онҳое ки дар қабр мебошанд, овози Ӯро хоҳанд шунид. Ва берун хоҳанд омад — некӯкорон барои қиёмати ҳаёт ва бадкорон барои қиёмати ҳукмӣ“.[14]

## *ҲУКМ БАРОИ ҲАМАИ ОДАМОН*

„...Инак, Худованд бо авлиёҳои муқаддаси Худ омад, то ки бар ҳама доварӣ кунад ва ҳамаи гунаҳкоронро маҳкум намояд, дар тамоми аъмоле, ки маъсияташон содир кардааст ва дар ҳамаи суханони бешармонае, ки дар ҳаққи Ӯ гуноҳкорони осӣ ба забон рондаанд“.[15]

## *ҶУДО КАРДАНИ ТАҚВОДОРОН АЗ МУХОЛИФОН (каззобон)*

„Лекин вақте ки Писари Одам меояд, он гоҳ дар ҷалоли Худ бо ҳамаи фариштагони муқаддас бар тахти ҷалоли Худ хоҳад нишаст ва ҳамаи халқҳо дар назди Ӯ ҷамъ хоҳанд шуд; ва онҳоро аз якдигар ҷудо хоҳанд кард мисли чӯпоне, ки гӯсфандонро аз бузҳо ҷудо мекунанд; Ва гӯсфандонро ба тарафи рост ва бузҳоро ба тарафи чапи Худ ҷой хоҳад дод. Он гоҳ подшоҳ ба онҳое, ки ба тарафи рости Ӯ ҳастанд, хоҳад гуфт: „Биёед, эй баракатёфтагон, аз Падари Ман Малакутеро, ки аз ибтидои офариниши одам барои шумо муҳайё шудааст, мерос бигиред...“

Ва ба онҳое ки аз тарафи чапи Ӯ ҳастанд мегӯяд: „Равед аз назди ман, лаънатзадагон, ба оташи абадӣ, ки шайтон ва ёварони вай ҳозир кардаанд.“[16]

## *СУПОРИДАНИ ҲОКИМИЯТ БА ПАДАР*

„Зеро чунон ки марг ба воситаи одам омад, эҳёи мурдагон низ ба воситаи одам аст. Чунон ки дар Одам ҳама мемуранд, он чунон дар Масеҳ ҳама зинда мешаванд. Аввал Масеҳ, баъд онҳое ки аз они Масеҳанд дар вақти омадани Ӯ. Баъд охират фаро мерасад, ки он вақт Ӯ Малакутро ба Худо ва Падар месупорад ва ҳар гуна раёсат ва ҳар гуна қудрат ва қувватро барҳам медиҳад. Зеро Ӯ бояд салтанат ронад, то даме ки ҳамаи душманонро зери пойҳои худ сарнагун созад. Душмани охирине, ки нест карда хоҳад шуд, марг аст...Ҳангоме ки ҳама чиз ба фармони Ӯ омад, он гоҳ Худи Писар ҳам ба он, ки ҳама чизро зери фармони Ӯ овард, фармонбардор хоҳад шуд, то ки Худо ҳамаи ҳамагон бошад.“[17]

## ИҚТИБОСҲО

1. Вали ад-дин Мишҳат ал-Мусабиҳ, Лондон, 1980, ҷ.II, саҳ. 1159–1160

2. Саҳиҳ Муслим, ч.1, саҳ 92.
3. Юҳанно 3:13; 8:23; 14:23; 16:28; Матто 25:31–32; 26:64
4. Аъмоли ҳавввориён 1:10,11
5. Матто 24:27; Ваҳй 1:7
6. Матто 24:31
7. Юҳанно 5:28–29
8. Матто 13:43
9. Юҳанно 13:15; 14:15
10. Юҳанно 3:18,36
11. Матто 24:43–44
12. Матто 24:37–39
13. 2-Петрус 3:9
14. Юҳанно 5:28–29
15. Номаи Яҳудо 14–15
16. Матто 2:31–34, 41
17. 1-Қӯринтиён 15:21–26, 28

# 20

# МАСЕҲ ҲАЁТИ МОСТ

То таваллуди Масеҳ бисёр пайғамбар ва валиҳо буданд, ки онҳо омада барои фуруд омадани Вай шароит омода менамуданд. Китоби Муқаддас дар ин бора чунин мегӯяд: „Худое, ки аз қадимулайём борҳо ва ба тарзи гуногун ба падарони мо ба воситаи анбиё сухан рондааст, дар ин айёми охир ба мо ба василаи писараш сухан ронд, ки Ӯро вориси ҳама чиз таъин намуд ва оламҳоро низ ба воситаи Ӯ ба вуҷуд овард“[1]

Исо гуфт: „…назди Ман оед… ва Ман ба шумо оромӣ мебахшам“.[2] Дар дигар ҷои Суҳафо, чӣ тавре ки мо аллакай дидем, Ӯ эълон мекунад: „Ман роҳ ба сӯи ҳақиқат ва ҳаёт ҳастам. Касе ба назди Падар ҷуз ба воситаи Ман намеояд“.[3] Бисёр касон ҳақиқатеро дарк намуданд ки дар ин сура ифода шудааст: Исо дар ҳақиқат ягона роҳ аст ба сӯи Парвардигор ва танҳо дар Ӯ метавон ҳаёти абадиро пайдо намуд. Бе Ӯ мо аз Худо ҷудо мемонем ва ноумеду роҳгумзада дар торикии абадӣ мебошем.

Боре Исо ба яҳудиён гуфт: „Шумо навиштаҳоро тафтиш кунед, зеро гумон доред, ки ба воситаи онҳо ҳаёти ҷовидонӣ пайдо мекунед, вале онҳо бар Ман шаҳодат медиҳанд“.[4] Танҳо омӯхта илм гирифтан кам аст. Муҳим он аст, ки онҳоро дар корҳои аёнӣ татбиқ карда шавад.

## МАН БОЯД ЧӢ КОР КУНАМ

Ман ба Исо бовар кардам. Ман бовар кардам, ки Ӯ Наҷотдиҳандаи башар аст. Ман чӣ кор бояд кунам, ки пайрави Ӯ бошам ва ба Малакути Худо биёям?

Яке аз фарисиён боре ба Исо гуфт: „Эй устод! Мо медонем, ки Ту устоде ҳастӣ, ки аз ҷониби Худо омадаӣ; зеро мӯъҷизотеро, ки Ту нишон медиҳӣ, ҳеҷ кас наметавонад нишон диҳад, ҷуз ин ки Худо бо Вай бошад“.[5] Исо дар ҷавоби Ӯ гуфт: „Кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, малакути Худоро дида наметавонад“.[6] Ва ба фаҳмондани Худ давом дод: „Кас агар аз об ва рӯҳ таваллуд наёбад, ба Малакути Худо даромада наметавонад.“[7]

Пеш аз боло рафтани Худ Исо ба шогирдони Худ супориши

бузурге дод: „…Ба тамоми олам биравед ва Инҷилро ба ҳамаи халқҳо насиҳат кунед. Ҳар ки имон оварад, таъмид ёбад, Наҷот хоҳад ёфт; Лекин ҳар кӣ имон наёварад, маҳкум хоҳад шуд.“[8]

Ин супориши хеле равшан ба он рӯшанӣ меандозад, ки бо кадом мақсад баъд аз боло рафтани Исо Петрус ба яҳудиён дар иди Пантикост қисса мекард. Ӯ ба онҳо қисса мекард, ки чӣ гуна фуромадани Исо дар Навиштаҳо пешгӯӣ шуда буд ва дар бораи он ки Исо чӣ гуна таслиб шуда, аз мурдаҳо эҳё шуд. Бисёриҳо ин ахборро шунида, аз паи Исо чун Наҷотдиҳандаи Худ равон шуданд. Онҳо аз ҳаввориӣ пурсиданд, ки онҳо бояд аз чӣ кор сар кунанд?

Петрус ҷавоб дод: „…тавба кунед, ҳар яке аз шумо ба номи Исои Масеҳ таъмид бигиред баъд, бахшидани гуноҳатон ва Рӯҳи Муқаддасро хоҳед дарёфт“[9] Китоби Муқаддас мегӯяд, ки шахсоне, ки ин гуфторро қабул карда, таъмид намуданд, қариб чор ҳазор касро ташкил мекарданд.

Барои фаҳмидани суханони Петрус ба ду савол ҷавоб бояд дод:

1. Рӯҳи Муқаддас чист?
2. Таъмид чист ?

## РӮҲИ МУҚАДДАС ЧИСТ ?

Мо хотиррасон кардан дар бораи Рӯҳи Муқаддас дар тамоми Китоби Муқаддас, аз боби аввали Ҳастӣ то боби охирини Ваҳй дучор мегардем.[10] Ин ба мо нишон медиҳад, ки Рӯҳи Худо дар ҳама ҷо вуҷуд дорад. Дар Китоби Муқаддас Рӯҳи Муқаддас бо исмҳои гуногун ном бурда мешавад.

| | |
|---|---|
| **Рӯҳи Худоӣ** | (Ҳастӣ 1:2; Ба Эфсӯсиён 4:30) |
| **Рӯҳи Муқаддас** | (Аъмоли ҳаввориён 1:5,8; 2:1–4) |
| **Ғамгусор** | (Юҳанно 14:16) |
| **Рӯҳи ҳақиқат** | (Юҳанно 14:17; 15:26) |
| **Рӯҳи Исо** | (Ба Румиён 8:9) |
| **Рӯҳи Писари Вай** | (Ба Ғалотиён 4:6) |
| **Рӯҳи қудс** | (Ба Румиён 1:4) |
| **Рӯҳи ҳикматиён** | (Ба Эфсӯсиён 1:17) |

## НУЗУЛИ РӮҲИ МУҚАДДАС

Китоби Муқаддас маълумот медиҳад, ки бо вуҷуди эҷоди амалҳои худ дар ҳама ҷо, Рӯҳи Муқаддас дар Аҳди Қадим

дар шакли махсусе ба баъзе одамон мефуромад, то онҳо баъзе супоришҳои муҳимро иҷро кунанд. Намунаҳои зеринро хонед: Хуруҷ 31:3; 1-Подшоҳон 10:6; 1-Воқеънома 28:12; Ишаъёи набӣ 42:1; Ҳизқиёли набӣ 11:5.

Дар Аҳди Ҷадид мо ваъдаи Исоро дар бораи он пайдо мекунем, ки Рӯҳи Муқаддас нузул намуда, дар ниҳоди ҳар эътиқодманд зиндагӣ мекунад. Ин дар рӯзи Пантикост, вақте ки Рӯҳи Муқаддас пурра шогирдони Исоро тағйир дод, сар шуд. Онҳо рӯҳан беҳтар шуда, ба тарғиб ва омӯзиш дар бораи Наҷотдиҳандаи Худ сар карданд.

## ФАЪОЛИЯТИ КУНУНИИ РӮҲИ МУҚАДДАС

Ба воситаи каломи Китоби Муқаддас, Рӯҳи Муқаддас одамони гуноҳкорро ошкор мекунад.[11] Рӯҳи Муқаддас ба мо хирад ва қуввае медиҳад, ки ба воситаи вай мо ба Худо ва наздикони Худ хизмат карда тавонем. Ҳар қадаре ки мо бештар ба раҳнамоӣ ва назорати Рӯҳи Муқаддас дохил шавем, ҳаёти мо бештар ба зиндагии Исои Масеҳ монандтар мегардад. Ин барои он имконпазир мегардад, ки Рӯҳи Муқаддас дар ботини мо „муҳаббат, нишот, дӯстӣ, сабр, накӯкорӣ, шафқат, боварӣ, таҳаммул, ... ро тавлид мекунад“.[12] Мо наметавонем ҳаётеро ба сар барем, ки сифатҳои фавқро дошта бошад. Дар айни замон Рӯҳи Муқаддаси Илоҳӣ метавонад ҳаёти моро бо чунин ғояҳои олӣ беҳтар гардонад.

## ТАЪМИД ЧИСТ?

Калимаи юноние, ки дар саҳифаҳо барои ифодаи таъмид истифода шудааст, „ғӯтониш, ғӯта занондан“ — ро ифода мекунад. Аввалин касе, ки одамонро таъмид мекард (ба қавли Аҳди Ҷадид) Яҳьёи Таъмидгар буд. Дар таъмид мо бахшишро аз Худованд талаб мекунем.[13]

## ФИЛИППУС ВА ҲАБАШӢ

Вақте ки касе аз ҷӯяндагони ҳақиқат башорати Исоро қабул мекард, вай таъмид мегирифт. Боре фариштае Филиппусро, ки аз ҷумлаи шогирдони Исо буд, ба роҳе оварду Вай бо Ҳабашӣ дучор шуд. Филиппус ба Ӯ хушхабареро аз Исо расонид, аз китоби Ишаъёи набӣ хонда. Ҳабашӣ ба Исо эътиқод намуд ва хост, ки таъмид гирад. Филиппус дарҳол Ӯро таъмид дод.[14]

## ТАЪМИД ЧӢ МАЪНӢ ДОРАД?

Таъмид (ғарқшавӣ) нишоне марг ва дафн шудан бо Исо ифода мекунад; минбаъд, чӣ тавре ки Исо эҳё шуд, эътиқодманд барои ҳаёти нав эҳё мегардад. Ба қавли Китоби Муқаддас: „Мо ки дар Исои Масеҳ таъмид ёфтаем, дар марги Ӯ таъмид ёфтаем. Пас, мо дар маргаш таъмид ёфта, бо Ӯ дафн шудаем, то чунон ки Масеҳ бо ҷалоли падар аз мурдагон эҳё шуд, мо низ дар ҳаёти нав қадамгузор шавем. Ҳамин тавр шумо низ худро барои гуноҳ кардан мурда, аммо барои Худо дар Худованди мо Исои Масеҳ зинда ҳисоб кунед. Пас бигзор гуноҳ дар ҷисми мурандаи шумо ҳукмрон нашавад, то ки ба ҳавасҳои он итоат нанамоед.“ Мо барои гуноҳ мурда ҳисобида мешавем. Гуноҳҳои мо бахшида шудаанд, бинобар ин мо дигар ба гуноҳ иҷозат намедиҳем, ки дар ҳаёти мо; ҳукмронӣ кунад.[15]

## ҲАЁТ БО ИСО

Исо гуфта буд: „Бигузор нури шумо бар мардум битобат, ки аъмоли неки шуморо дида, ба падари шумо, ки дар осмон аст, ҳамду сано хонанд“.[16]

Эътиқодманди Исо бояд ишқу нишот ва дӯстдории Ӯро омӯзад. Ба бисёриҳо метавонад писанд набошад, ки шумо ҳаёти худро ба Исо бахшида, аҳд кардед, ки пайрави Ӯ бошед. Исо инро хуб медонист ва моро таъкид карда буд, ки пайравии Вай кори басе душвор аст. Ҳамон замоне ки Ӯ дар замин ваъдаи ба дилҳои мо бахшидани амониро дода буд, Вай гуфтааст: „Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд, натарсед; Балки аз ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад. Оё ду гунҷишк ба пули ночизе фурӯхта намешаванд? Ва ҳол он ки ягонтои онҳо бе хости Падари шумо ба замин намеафтад; Лекин ҳамаи мӯйҳои сари шумо низ шумурда шудааст; Пас, натарсед; шумо аз гунҷишкон хеле бартарӣ доред. Пас, ҳар кӣ маро дар назди мардум эътироф кунад, ман низ Ӯро дар назди Падари Худ, ки дар Осмон аст, бахшоиш мекунам.“[17]

## ҲАЁТИ НАВ

Масеҳӣ на аз рӯи тарс, балки аз рӯи муҳаббат фармонбардори Худо аст. Вай бо шодӣ ба Худованд дуо мегузорад. Насронӣ бе Исои Масеҳ зиндагӣ карда наметавонад. Исо гуфтааст: „Шумо дар Ман бошед ва Ман

дар шумо. Чун навда худ аз худ мева наметавонад овард, агар ба шох пайванд набошад, ҳамчунон шумо низ агар дар Ман набошед. Ман шохам ва шумо навда. Ҳар кӣ дар Ман аст ва Ман дар ӯ меваи бисёр меоварам; вале агар бе Ман бошад, ҳеҷ кор карда наметавонад.“[18]

Худи мо шайтон ва ёрони ӯро мағлуб карда наметавонем. Ба ин танҳо Исо қодир аст ва Ӯ метавонад шайтонро абадан мағлуб кунад. Шайтон ҳамеша дар тараддуди он аст, ки эътиқодмандони Исоро зараре расонад ва ба динашон шак ворид кунад. Ӯ ҳамеша муқобилони масеҳиро бар он шавқманд мекунад, то ки кӯшиши онро кунанд, ки пайравони Исо маҷбур шаванд аз дин ва Ӯ рӯй гардонанд. Дар ин мавридҳо чун имондорони ҳақиқӣ таълимоти Исоро давом бояд дод ва Вай моро аз муқобилонамон таъкид намуда хотиррасон мекунад, ки Вай тавоно аст. „Инро ман ба шумо мегӯям, ки шумо фирефта нашавед. Шуморо аз ибодатхонаҳо меронанд; ҳатто вақте фаро мерасад, ки ҳар кушандаи шумо гумон мекунад, ки бо ин вай Худоро ибодат мекунад. Барои он чунин мекунанд, ки на Маро ва на Падарамро шинохтаанд… Инро Ман ба шумо мегӯям, то шумо дар Ман осоиштаги дошта бошед. Дар ҷаҳон шумо андӯҳ доред; вале далер бошед. Ман ҷаҳонро ғалаба кардаам!“[19]

## ИҚТИБОСҲО


1. Нома ба Ибриён 1:1–2
2. Матто 11:28
3. Юҳанно 14:6
4. Юҳанно 5:39
5. Юҳанно 3:2
6. Юҳанно 3:3
7. Юҳанно 3:5
8. Марқӯс 16:15–16
9. Аъмоли ҳаввориён 2:14–42
10. Ҳастӣ 1:2; Ваҳй 22:17
11. Юҳанно 16:8–11
12. Ғалотиён 5:22–23
13. Юҳанно 3:23; Аъмоли ҳав. 22:16; 1-Пет. 3:21
14. Аъмоли ҳав 8:26–40
15. Нома ба Румиён 6:3–4, 11
16. Матто 5:16
17. Матто 10:28–32
18. Юҳанно 15:4–5
19. Юҳанно 16:1–4, 33

# ЛУҒАТ

**АҲД**: ҳуҷҷате, ки як тарафи муқобил пешниҳод мекунаду дигараш қабул мекунад.

**АҲМАДИЯ**: равияе дар ислом, ки Мирзо Ғуломи Аҳмад (1835–1908) бунёдгузори он буда, худро ӯ ислоҳгари Ислом эълон карда буд.

**АЪМОЛ**: китоби панҷуми Аҳди Ҷадид. Ин қиссае дар бораи давраи ибтидоии калисо баъд аз меъроҷи Исои Масеҳ буда, онро Луқои набӣ китобат кардааст.

**АЙЮБ**: нависандаи асосии кутуби ҳамноми Аҳди Қадим. Ин китоб қиссаи азобу ранҷи ӯро фаро мегирад. Ва тавсифи таҷрибаест, ки аз Худованд ёфту аз ранҷ озод шуд.

**БАЙТ ЛАҲМ**: шаҳрчае дар Урдун, ки дар панҷ мили ҷанубии Байтулмуқаддас ҷой гирифта аст. Ҷои таваллуди Исо, ки Микои набӣ пешгӯӣ кардааст, 5:12.

**ВАҲЙ**: китоби охирини Аҳди Ҷадид, ки ба ҳаввории Юҳанно нузул шудааст. Ин китоб қиссаи Ваҳй ва рӯъёи ояндаро барои калисо дар бар гирифта, охири ҳаётро тасвир мекунад. Унвони юнонии Вай маънии „ошкор шудани чизеро дар бар мегирад, ки танҳо ба Худо маълум аст.“

**ГУНОҲ**: қонуншиканӣ ё иродаи Худоро нақз кардан. Гуноҳ маънии исёни зидди Худоро дорад. Чун Худо муқаддас аст, Ӯ гуноҳро таҳаммул намекунад. Вале Худо Худаш ба воситаи Исо ҳалли ин масъаларо ба мо додааст. Хонед: Ба Румиён 3:23; 6:23 ва 1-Юҳанно 3:4

**ДОНИЁЛ**: набӣ, ки анқариби соли 600 то солшумории мо зиндагӣ намудааст. Китоби Аҳди Қадим, ки ба исми Ӯ номида шудааст, воқеъоти таърихии дар Бобул ва эътиқоди Дониёлро ба Худо тасвир мекунад. Дар ин китоб ҳамчунон рӯъёи воқеоти оянда дохил шудаанд.

**ЗАКАРЬЁ**: Набӣ анқарибӣ солҳои наздики 520 то солшумори исавӣ зиндагӣ мекард ва дар Аҳди Қадим китоби ба номи ӯ буд. Вай халқи Байтулмуқаддасро ба сохтани ибодатхона даъват кард. Ӯ омадани Масеҳро пешгӯии кард.

**ИБРОҲИМ**: анқарибӣ чаҳор ҳазор сол пеш зиндагӣ карда, пешвои араб ва яҳудиён аст. Худо бо Иброҳим аҳд баст, ки Иброҳим соҳиби авлоди зиёде мегардад ва замини Канъон абадан ба ӯ тааллуқ хоҳад дошт (Ҳастӣ 13:15–16). Ҳамчунин Худованд ба ӯ ваъда дод, ки тамоми мардумони рӯи замин ба воситаи вай фотеҳа дода мешаванд (Ҳастӣ 12:3). Шарҳи ҳаёти Иброҳим дар Китоби Ҳастӣ оварда шудааст 11–25.

**ИНҶИЛ**: ба маънии „Башорат“.

**ИРМИЁ**: набӣ, анқарибӣ соли шашсади то солшумории мо зиндагӣ кардааст. Дар Аҳди Қадим китобе ба номи Вай аст, ки яҳудиёнро ба иваз кардани тарзи заиндагӣ даъват карда, ҳушдор медиҳад, ки муносибати шахсӣ бо Худованд хеле муҳим аст. Ӯ инчунин аз ҳуҷуми Бобул хабар дода буд.

**ИСКАНДАРИ МАҚДУНӢ**: шоҳи Мақдуния ва яке аз бузургтарин лашкаркашҳои ҷаҳон. Ӯ ҳудуди зиёдеро дар ҷаҳони мутамаддин соҳибӣ карда, ба кишварҳои тобеъшуда маданияти юнониро паҳн кард. Дар солҳои 356 то 323 то солшумории исавӣ зиндагӣ кардааст.

**ИШАЪЁ**: набӣ, анқарибӣ солҳои ҳафтсади то солшумории исавӣ зиндагӣ кардааст. Дар китоби пешгӯиҳои пайғамбаронаи вай, ки дар Аҳди қадим ҷилдбандӣ шудааст, пешгӯии нузули Исо омадааст.

**ҚУРБОНӢ**: овардани хун ё пайкари ҳайвонеро ба расми таҳният ва ё ивази гуноҳ ба Худо. Ба Худо қурбонӣ оварда, яҳудиён ҳаёти ҳайвонро бар ивази ҳаёти худ мебахшиданд.Худо талаб мекард, ки ҳайвонҳои ҷавон ва бенуқсро оваранд.

**ҚОНУННОМА**: тимсоли китоби имрӯза. Барои тайёр кардани қонуннома якчанд барги дарахтро аз миёна қат

карда, медӯхтанд ва мазмунро аз ҳар ду тарафаш менавиштанд.

**ЛӮЛАҲОИ БАҲРИ МУРДА**: Қадимтарин дастнависҳои ба даст омадаи кутуби библиёӣ. Онҳо маҷмӯи кутуби Аҳди Қадимро ба ҷуз Китоби Забур дар бар мегирад. Матни баъзе аз китобҳо қариб пурра нигоҳ дошта шудаанд. Онҳо дар соли 1940 ва 1950 дар ғорҳои қисмати шимолу ғарби соҳилҳои Баҳри мурда ёфт шуда, ин замон дар бойгонии Байтулмуқаддаси Исроил — „Хобгоҳи кутуб" ҳифз мешаванд.

**МАЙ**: Дар Китоби Муқаддас ҳатмӣ будани нӯшокии спиртдор дар назар дошта нашудааст. Ин калима маънии шарбати тару тозаи ангурро дорад.

**МИКО**: набӣ, дар охирҳои солҳои 700 то солшумории исавӣ зиндагӣ карда аст. Ифодаи номи ӯ „Кӣ мисли Худо" — ро баён мекунад. Дар маҷмӯи китоби Аҳди Қадим китоби ӯ ҳам дохил аст. Ба воситаи ӯ Худо дар бораи шахсоне сухан мегӯяд, ки бештар ба зоҳири маросимҳо дудилаанд; аз садоқати ҳақиқӣ, дар бораи додхоҳии камбағалон, дар бораи пайғамбарони ҳақиқӣ ва козиб, дар бораи Масеҳо, ки аз Байтуллаҳм меояд, қисса мекунад.

**МАЛАКУТИ ХУДОВАНД**: Қаламрави Рӯҳонии Худо. Истилоҳоти „Малакути Худо" ва „Подшоҳии самовот" ифодаи салтанати Шафқати Худоӣ ва ҷое мебошад, ки зулм мағлуб шудааст. Бошандагони ин қаламрав дар адолат ва сулҳу хуррамӣ мебошанд (Ба Румиён 14:17).

**МАТНИ МАЗАРИЁӢ**: Матни модарии Аҳди Қадим, ки асрҳои зиёде дар мактабҳо ва ибодатхонаҳо истифода мешуд. Вай дар асри VII–IX солшумории мо аз тарафи мазариҳои мактаби хохомҳои фаластинӣ ва бобулӣ офарида шуда буд ва онҳо нигаҳбонони навиштаҷоти Аҳди Қадим буданд.

**МӮЪҶИЗА**: корнамоии Худованд, ки ба воситаи қонунҳои маълуми табиат фаҳмониданашон аз имкон берун аст.

**МЕЪРОҶ**: саёҳати Исои эҳёшуда аз замин ба самовот баъд

аз чил рӯзи эҳёшавӣ. Тасвири ин воқеаро бинед: Корнома 1:9–11; Марқӯс 16:19; Луқо 24:50–51.

**НАВИШТАҶОТИ ҚАДИМ**: нусхаҳои қаламии то давраи китобчопкунӣ. Замони китобати онро метавон ба воситаи маводи ба вай дохилшуда ва усули он муайян намуд.

**НОМА**: китоби 21 Аҳди Ҷадид аз номаи Яъқуб то нома ба Ибриён. Бисёри онҳоро Павлуси набӣ чун мактуб ба унвони калисоҳои асос гузоштааш, навиштааст.

**НИНВЕ**: пойтахти охирини қаламрави Ошури қадим, ки мавқеъаш дар соҳили шарқии дарёи Даҷла ҷойгир будааст. Дар соли 612 то солшумории мо истило ва хароб шудааст ва бостоншиносон то солҳои 1800 онро пайдо кардан натавонистанд.

**НАВУХУДОНОСОР**: подшоҳи Бобул дар солҳои 605–562 то солшумории исавӣ. Дар вақте ӯ Бобул яке аз шаҳрҳои бузурги ҷаҳон гардида, Байтулмуқаддасро забт ва хароб намуд.

**НОСИРА**: шаҳрчаи начандон калони ороме дар шимоли Исроил дар вилояти Галилиё, ки дар он ҷо ҷавонии Исо гузоштааст.

**ОДАМУ ҲАВВО**: аввалин марду зани офаридаи Парвардигор. Нахуст Одам офарида шуд, баъд Худо Ҳавворо офарид, чун ёрдамчӣ барои Одам. Онҳо дар боғи Адан зиндагӣ мекарданд, вале ба Худо нофармонӣ карданд ва Худо онҳоро пеш кард. Қиссаи онҳо дар Китоби Ҳастӣ (2–3) мундариҷ аст.

**ПЕТРУС**: ҳаввории Исо аст. Номи Ӯ Симӯн буд, вале Исо ӯро Петрус номид, ки маъниаш „Санг“ аст. Вай пешвои ҷамъияти аввалини насрониён буд.

**ПИЛОТУС**: ҳокими румӣ дар замони Таслиби Исо буд. Яҳудияро дар солҳои 26–36 солшумории исавӣ идора мекард. Исоро барои пурсиш назди Пилотус оварданд, ки Ӯро озод кардан мехост, вале тарсид, ки мансаброро аз даст медиҳад.

**РУТ**: унвони китоби Аҳди қадим аст, ки аз хусуси зани моавитӣ, ки ба исроилӣ ба шавҳар баромад, нақл мекунад. Пас аз вафоти шавҳар Рут ба хушдоманаш пайравӣ карда ва Худованди исроилиён дуо гузорид. Ва Ӯ аз аҷдодони Исо гардид.

**СЕПТУАГИНТА**: қадимтарин тарҷумаи Аҳди қадим ба забони юнонӣ мебошад. Қисса дар бораи он аст, ки ҳокими Миср ба ҳафтод олимони яҳудӣ фармон дод, ки барои яҳудиёни юнонизабон Тавротро тарҷума кунанд. Ин кор дар наздикии соли 250 то солшумории исавӣ сар шуд. Дастнависҳои Септуагинтии то андозае машҳур Синоӣ, Вотиконӣ ва Қонунномаҳои Искандарӣ мебошад.

**СОЯДАСТ**: нусхаи дастнависи муаллиф.

**СУРА**: маъниаш „қатор“, „пайдарҳам“, бобе аз Қуръон аст.

**ТАСИТ**: муаррих, дар солҳои 55–120 солшумории исавӣ зиста аст. Ӯ таърихи Румро аз Август то Нерон навиштааст.

**ТАСЛИБ**: яке аз намудҳои золимонаи қатл, ки аз тарафи румиён ва дигар халқҳои давраи қадим, барои ғуломон ва гуноҳкорон истифода мешуд. Гуноҳкорро ба сутун мехкӯб мекарданд, то худ аз худ бимирад.

**ТАҲРИФ**: истилоҳи таҳриф бештар барои ифодаи нақзу қадҳ, аз тарафи уламои ислом бар алайҳи масеҳиён ба маънии таҳрифи Инҷил аз тарафашон истифода мешавад.

**ФИЛОН**: ходими барҷастаи яҳудиёни ибтидои асри якуми солшумории исавӣ мебошад. Ӯ бештар дар мавзӯоти фалсафӣ ва дин асарҳо навиштааст.

**ФИСҲ**: иди яҳудиён ба шарафи аз асорати мисриён гурехтанашон анқарибі соли 1200 солшумории исавӣ (Хуруҷ 12) мебошад. Фисҳ ҳар сол дар моҳи март ё апрел ҷашн гирифта мешавад.

**ХАТНА**:аломати ҷисмонии қарордоди миёни Худо бо халқ мебошад (Ҳастӣ 17:10–11).

**ҲАВВОРИЁН**: (Фиристодагон): одатан дувоздаҳ нафар дар назар дошта мешаванд, ки Исо бо ҳамроҳии онҳо ҳангоми ибодатҳои заминӣ буд. Онҳоро бо номҳои Андриёс, Барталмоус, Яъқуб, Писари Забдой, Юҳанно, Яъқуб, Писари Ҳалфой, Яхудои Исқариют, Таддо, Матто, Шимъуни Петрус, Филиппус, Шимъуни Канно ва Тумо ёдовар мешаванд. Баъд аз вафоти Яҳудо мақоми ӯро Матто ишғол кард.

**ҲИЗҚИЁЛ**: рӯҳонӣ ва набӣ, анқарибӣ соли шашсадуми то солшумории исавӣ зиндагӣ карда, муҳим будани иҷрои фармонҳои Худоро таъкид мекард. Яке аз китоби Аҳди Қадим ба номи Ӯ буда, чунин пешгӯиҳо ба ӯ нисбат дода мешаванд: Боби 1–24 пешгӯӣ дар бораи ба ҷазо расидани пайравони Яҳудо барои гуноҳашон. Боби 25–32: пешгӯии ба ҷазо расидани бошандагони кишварҳои ҳамсоя, ки Иродаи Худоро рад карда, ба бадбахтии Исроилиён шодӣ мекунанд. Боби 33–48: пешгӯӣ дар бораи азнавбарқароркунӣ ва Наҷоти Исроил.

**ШАНБЕ**: (аз калимаи яҳудии „шабат“, ки маънии осоишро дорад): Рӯзи охирини ҳафта, аз офтобшинами ҷумъа то шанбе. Худованд замину он чизе дар он аст, дар шаш рӯз офарид. Ӯ ба Исроилиён фармуд, ки рӯзи ҳафтуми ҳар ҳафтаро барои ибодати парвардигор ва истироҳат сарф кунанд. Ин „оромӣ“ нишоне аз оромии абадӣ, ки ба эътиқодмандон баъди марг насиб мешавад, мебошад (ба Яҳуд. 4:8–11). Аз масеҳиён нигоҳ доштани тартиботи шанбе талаб карда намешавад. Онҳо бояд якҷо шаванду аз марг, дафну эҳёи пешвояшон ёдовар шаванд. Ҳангоми ин маросим қадаҳи май ё шарбати ангурро чун нишоне аз хуни Исои Масеҳ гирифта дар он нон пора карда, рамзи ҷасади Ӯро бо ҳам бубинанд (Матто 26:26; Марқӯс 14:22–25; 1-Қӯр. 11:20–26). Рӯзи аввали ҳафта (якшанбе) барои корҳои мазкур интихоб шудааст (Аъмол 20:7). Ин рӯзест, ки Исои мурда аз нав зинда шуд. Ин расмияти ҳарҳафтаина чун „Ноншиканӣ“ ё „Бегоҳи Худовандӣ“ машҳур аст (Аъмол 2:42; 1-Қӯр. 11:20).

**ШИМЪУНИ ҚИРИНИЁӢ**: шахсе, ки маҷбуран салибро то ҷои қатли Исо бурд (Матто 27:32; Марқӯс 15:21; Луқо 23:26)

**ЭММОНУИЛ**: „Худо бо мост“ — ро ифода мекунад. Яке аз номҳо, ки ба Исо дода шудааст (дар пешгӯиҳо).

**ЮНУС**: китоби Аҳди Қадим, бо номи набӣ гузошта шуда, аз тарафи Худо фиристода шудааст, ки ба мардуми Нинево пешгӯиҳо кунад. Ин китоб дар қарибиҳои соли 400 то солшумории мо навишта шудааст.

**ЮҲАННО**: яке аз дувоздаҳ ҳавворӣ, бародари Яъқуб, писари Заведей. Худованд дар навиштаи Инҷили чорум ва се Ӯро илҳом бахшид.

**ЮСУФИ ФАЛОВИЁ**: таърихшиноси яҳудиён, ки беш аз бист китоб аз таърихи яҳудиён навиштааст. Вай яке аз сарлашкарони Галилиё дар ҷанги охирини яҳудиён бо румиён дар соли 66 солшумории исавӣ будааст.

**ЯҲЁИ НАБӢ**: (Ҳазрати Яҳё): пайғамбари бузург аст. Миёни солҳои 7 ва 28 солшумории исавӣ зиндагӣ карда аст. Ӯ омад, ки барои омадани Худо заминае дуруст кунад. Вай мардумро даъват мекард, ки аз гуноҳи худ тавба карда, дар рӯди Урдун таъмид кунанд.

# МУНДАРИЧА


Пешгуфтор ........................................ 3
1. Китоб ........................................ 4
2. Китоби муқаддас ва қуръон ........................................ 8
3. Китоби Муқаддас — илҳоми илоҳӣ ........................................ 12
4. Саҳеҳияти Китоби Муқаддас ........................................ 16
5. Саҳеҳияти Китоби Муқаддас (II) ........................................ 21
6. Сухани тағйирнаёбанда — абадӣ аст ........................................ 24
7. Пешгӯӣ дар бораи Исо ........................................ 28
8. Нузули Исо ........................................ 31
9. Таслиб ........................................ 35
10. Исои эҳёшуда ........................................ 40
11. Шахсияти Исо ........................................ 44
12. Исо писари одамият ........................................ 48
13. Исо масеҳи ваъдашуда аст ........................................ 51
14. Исо писари худованд аст ........................................ 55
15. Исо устоди бузург аст (масалҳо) ........................................ 60
16. Исо устоди бузург аст (мӯъҷизаҳо) ........................................ 65
17. Исо устоди бузург аст (имон ва амал) ........................................ 69
18. Исо қурбонии азим аст ........................................ 74
19. Нузули дуюми Исо ........................................ 78
20. Масеҳ ҳаёти мост ........................................ 83
Луғат ........................................ 88